САИДАҲМАДИ ҲАСАН

# ҚИССАИ КИХ



Душанбе
«Адиб»
2011

ББК 84 Тоҷик 7-4
Ҳ-32

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

Ҳ-32 **Саидаҳмади Ҳасан. Қиссаи Ких** (қисса ва ҳикояҳои ҳаҷвӣ). – Душанбе, «Адиб», 2011, 144 саҳ.

«Қиссаи Ких» қиссаест дар мавзӯи воқеаҳои мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ. Дар маҷмӯа ҳикояву латифаҳои солҳои гуногун эҷодкардаи муаллиф низ ҷой дода шудаанд. Боварӣ дорем, ки мутолиаи китоб ба Шумо, дӯстдорони ҳаҷву мутоиба, кайфияту хушҳолӣ мебахшад.

ISBN 978-99947-2-045-3

© Саидаҳмади Ҳасан, 2011

# ҚИССАИ КИХ

Ҳарчанд ки ҷанги бемаънию бародаркӯш бисёр мардуми бегуноҳро аз ин олами бебақо ба дунёи охират фиристод, қисме аз одамони дигарро дар ин дунё қаҳрамони даврон ва ё тавре ки мегӯянд, паланги тезчанголи ғафлатгир гардонд. Тимсоли чунин шери жаёни аз ҳайбаташ оби дарё ях мекардагӣ Ких буд.

Албатта, чун тафсилоти корномаи ҳар қаҳрамон ибтидо меёбад, нахуст зарурати баёни айёми наврасии ӯ ба миён меояд. Қаҳрамони қиссаи мо – Ких дар хона аз банди меҳнат озод буду гӯё фақат барои чен кардани кӯчаҳои деҳаю гӯши баъзеҳоро хуб гарм кардан офарида шуда буд. Ба зӯри бозӯи худ ғарра буду бо кибр қадам мезад.

Ҳай душмани қаттоли мактаб, кинахоҳи қаламу китоб буд ӯ! Ҳамин ки сумкаи хонандае ба дасташ меафтид, гӯё соҳиби тӯби футбол мегашт. Сумка чунон шатта хӯрда «захмӣ» мешуд, ки гӯё онро навакак аз даруни ахлоттӯдаҳо баровroutарда бошанд. Номи Ких дар журнали мактаб навишта шуда бошад ҳам, сояаш моҳе як бор девори мактабро сиёҳӣ мекард ё не. Барои ҳамин аз ҳаёву адаб дур буду ғайри ҳарфҳои «а» ва «о» дигар ҳарфҳоро аз бар накарда. Ҳа, мағзи гап аз дегхонаи хотира афтод: Ких ҳам кар буду ҳам гунг. Парвардигори кирдигор ба ӯ гӯши шунавою забони гӯёро ба кадом сабабе насиб гардонидан нахоста. Азбаски рағбаташ ба ких-кихакбозӣ, камонбозӣ зиёд буд, фақат як калимаро бо ҳиҷо талаффуз карда метавонист: «Ких»-ро. Яъне вақте ҳарифашро нишон гирифта «парронданӣ» мешуд, ғуррида «ких» мегуфт. Ана, барои ҳамин лақаби «ких» чун похсаи лой ба номи ӯ часпид. Аслан, ҳанӯз дар синфи якумиаш духтурон Кихро аз муоинаи тиббӣ гузаронида барои мактаби махсуси карру гунгҳо хондан роҳҳат дода буданд. Аммо на худи Ких ва на волидайнаш ба ин розӣ нашуданд ва хоҳиш намуданд, ки номашро аз журнали мактаб набароранд. Ана, ҳамин тавр, Ких ба гардани муаллимон ҳамел шуда монд.

Ких ҳар қадар ки калон мешуд, ҳамон қадар хислати дуруштхӯӣ, сангдилиро ихтиёр мекард ва аз аҳли инсоф дур мегашт, қадамаш дар ростӣ субот надошт. Бахусус, бо бачаҳои китобхону шеърдон кини душманӣ варзида, баробари рӯ ба рӯ шудан онҳоро харгӯшвор пӯст кардан мехост. Ба хаёлаш одамони зарури ҷамъият худаш баринҳоанд, шахсони доною ҳалим, хушгуфтору меҳмоннавоз алафҳои зиёдатии полезанд, ки ҳосилро аз онҳо тоза мебояд кард.

Ҳай гӯшначашм буд, Ких! Ҳирси бешталабиаш чунон афзуда буд, ки дасту бағали ҳар як бачаро бо нигоҳи тезаш зуд шудгор мекард, на фақат носу папирос, балки ҳар чизи дар даст бударо ҳам гӯё аз худаш бошад, чангол зада мегирифт.

Дар дуздии молу мулки мардум хун надошт, Ких! Гӯё мактаби олии панҷсолаи дуздиро тамом кардаю соҳиби диплом гардида бошад, кори дуздиро чунон ҳунарварона анҷом медод, ки пашша пай намебурд. Одатан гаштак ташкил карда, дигар бачаҳоро низ барои рабудани тухму мурғ, равғану биринҷи мардум сафарбар мекард.

Ҳамин ки оташи ҷанги бародаркӯш забона зад, Ких барои силоҳбадастон тиллои холисе гардид, ки гӯё нав аз байни хокистартуда ёфта. Ҷоҳилӣ ва гизалагии ӯро дида, силоҳбадастон аз ҳисоби ҷавонони деҳа гурӯҳе ташкил намуда командираш монданд. Ана, баъд Кихро худо доду замину осмонро дар ихтиёри худ дид. Дар рӯзи аввал ба худ нафареро, ки аз фатири гап ҳамаро сер мекард, ҷонишини худ таъин намуд ва вазифадор сохт, ки лаққидан тани ӯву «ремонткуни» – и бачаҳо тани Ких. Охир, Ких ҳамчун командир бояд ҷоғ занад, ҷӯши ҷангро мунтазам фаҳмонад, рӯҳи ҷанговаронашро дар майдони набард бардорад. Дар майдони набард чун дар майдони бӯзкашӣ аспоне бошанд, ки аз баданашон арақ мешораду даҳонашон хафлӯла медамонад, оби пуртуғёне бошанд, ки кафк карда лаб ба соҳил мезанад. Аммо, тавре ки дар боло зикраш рафт, парвардигори олам ӯро ба булбулаки хониш, яъне ки забон лоиқ надида буд, ба ҷуз тану тӯши хирсона.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Ҷонишин бачаҳоро ҷамъ карда,

забони булбулакашро бароварда ба хониш даромад. Ких бошад, автоматашро гоҳ ба дасти рост, гоҳ ба дасти чап гирифта зоғона қадам мезад. Ӯ абри ғамбореро мемонд, ки сояи тирааш ба сари ҳамагон мерехт. Нигоҳи хунуки яхинашро чунон алоҳида– алоҳида ба фурӯдастони худ мегардонд, ки аз ҷазабааш ҳар кадом қариб ки дар ҷояш ях мебаст. Дар рӯзи дуюм ба шиками ҷавоне, ки мисли хонандаи синф гоҳ ба ин тарафу гоҳ ба он тараф гашта гап мезад, чунон лагаде зад, ки ҳӯшаш канда мисли дарахт ба замин афтод. Дар рӯзи сеюм ҷавонеро барои фаромӯш кардани иҷрои кадом супорише аз пояш парронд. Гӯё ӯро одам не, балки махлуқе бо номи Бераҳм таваллуд карда бошад. Ҳамин тавр, аз ибтидо дар дили ҳар нафар лахчаи алов рехт Ких ва дар симои ӯ ҳамагон Азроили худро медиданд.

Кихро фаҳмонданд, ки алайҳи душманонаш бераҳму хуношом бошад, ба ҳадде, ки хуни душманро макад. Ких аз рӯи ҳамин дастури мазмунан золимона оғози амал намуд. Қаблан дастаашро аз ҳисоби ҷавонони дайдуе, ки рӯзону шабонро бефарқона дар кадом гӯшаҳои хилват мегузарониданду дар ҳунари буҷулбозӣ, қартабозӣ ва ҳатто одамкӯшӣ мумтоз буданд, пурра намуд. Зиндагии чунин ашхос ҷилои одамӣ надошт, баръакс, ҳаёти гургонаро мемонд: аз барои як дона сигор ё як кашиданӣ нос ҳамеша дар дандонгизкунию ғурридан, ба рӯи ҳамдигар ханҷол кашидан, корд ба синаи ҳамдигар рост кардан буданд. Ҳар қадар ба хӯи одаткардаи онҳо бештар бингаранд, боварӣ ба он ки куштани инсон барои онҳо куштани мурғро мемонад, ҳамон қадар бештар чуқур реша медавонд. Онҳо дар нақораҳои ҷаҳолат даф мезаданд, ба дараҷае, ки аз навишатни ному насаби худ нанг мекарданд, мазмун ин ҳунар ҳунари онон нест, ҳунари онҳо болотар аз ин аст.

Дарёфту таъминоти ғизои ҳаррӯзаи силоҳбадастон ба дӯши онҳо вогузор гардида. Онҳо аз ҳуқуқу имкониятҳои худодод истифода карда, бо сарварии Ких ҳамаи чизу чораҳои мағозаҳоро кашонда аз они худ мекарданд, молу маноли душманонашонро ғасб менамуданд. Охир, кишвар дар манқали оташ чун сихкабоб месӯхт, ҳама дар ғами

ҷони ширини худ, харгӯши бечораро ку ҳадде, ки аз шери бадхашм бипурсад: луқмаатро аз куҷо ёфтӣ?

Ких гоҳ абр мешуду гоҳ тундар, гоҳ ҷола мешуду гоҳ оташак ва ба сари мардуми ба қавли ӯ «душманони миллат» балову исён меовард. Ба коми ин бало ҳам кӯдаки ширхора меафтиду ҳам пири ҳафтодсола. Ких барои онҳо сусмори хунмак, мори заҳрогин буд. Ҳангоме ки нафаре аз душманонашро ба наздаш оварда буз барин дангала мекарданд, сараввал аз таҳқиру масхаракунӣ оғоз менамуд.

Боре яке аз муаллимони деҳаи худро, ки сабақаш ҳам расида буд, хоини миллат номида маҷбур намуд, ки чорзону хам шавад. Баъд ба пушташ савор шуда «хи– хи– хи» гӯён чорғовак роҳ рафтан фармуд. Ҳар боре ки муаллими бечора шалпар шуда арақҳои пешониашро руфтан мехост, ӯ бо қундоқи автомат тавре ки пошнаи ботинкаро наъл мекарда бошанд, ҳамон тавр ба сараш мефаровард. Ҳине ки аз сараш хун ҷӯшида фаввора зада мебаромад, Ких гӯё бо одам нею бо суратаке бозӣ дорад, завқ мебурд. Муаллим бо ҳамин гуна дарди ҷонкоҳу шиканҷаи ваҳшиёна бо дунёи ҳастӣ падруд гуфт. Ҳангоме ки душманони ҳукуматро чун талабаҳои аз дарс қафомонда қатор менамуданд, Ких монанди директори мактаб сараввал ҳамаи онҳоро як–як назари синчакорона мекард. Нафареро, ки қаблан дар ҳавои эътироз каму беш буғзу кина нишон медод, пеш мебаровард ва ба силоҳбадасте, ки омодабоши парронда буду бисёр дериаш мекард, дод мезад: «Ких!», яъне «парронаш».

Гоҳе мешуд, ки сари қаҳру ғазаб хун ба сараш зада ҳамаи онҳоро дар як нафас бо тири автомат чинда мисли барги бед ба замин мехобонд ва ба он дунё гусел мекард. Барои Ких фарқ надошт, ки онҳо силоҳ ба даст гирифта оташи душманӣ сар додаанд ё не. Далели раднопазир ҳамин, ки онҳо хешу ақрабои «душманони миллат» буданд ва барои ҳамин решаи ҳамаашонро сӯзондан лозим.

Одатан Ких ҳамаи онҳоро дар хонаи махсусе гӯсфандвор нигоҳ медошт. Баъд шабона ҳине, ки аз дуди нашъа сархӯш гашта ҷаннатро дар ихтиёри худ медид,

онҳоро якта–якта оварда ҳангоми саволу ҷавоб бо усулҳои табъи дил завқ бурда – завқ бурда мекушт. Масалан, якеро сӯзан ба чашмон мезад, дуввуминро лабу бинӣ мебурид, саввуминро зиндаи зор деви одамсуратворе пӯст мекард, чаҳоруминро бошад, табар зада устухонҳои дасту по мешикаст.

Ҳини ҷанг қаҳрамонии Ких аз даҳан ба даҳан мегузашт: борони тир ба замин рехта истодааст, вале ӯ худаш пеш–пеш шерона ба сӯи душман метохт, ҳадди касе, ки буздилӣ карда ҷонашро ширин гӯяд ва аз пасаш натозад. Қарсоқарси тири автомат, гулдурроси даҳшатбори грантамёт пардаи гӯшҳоро медарронду банди дилро ба ларза меовард. Ких аз куҷо гӯшҳои шунавое дошт, ки шунаваду лашкари ваҳм дилашро пахш кунад. Мегуфтанд, ки ана, ҳозир тире синаашро мачак мекунад. Аммо Ких гӯё бо ҷасорату нотарсӣ ошнои қарин буду барои бо якдигар осеб нарасондан шартномаи ваҳдату оини ёрӣ баста бошанд, медавиду медавид. Гӯё ӯро пояш намебурд, балки савори бод мерафт. Гоҳ паси дарахте, гоҳ даруни ҷӯйборе, гоҳи дигар дар майдони кушод паноҳ шуда, шинак мегирифт ва селоби тирро ҷорӣ мекард.

Дар ин лаҳзаи вопасину ҷонкоҳ баъзе нафарони гурӯҳаш ҳадафи тир гашта ҷароҳат мебардоштанд, дунёи охиратро маскан мегирифтанд. Вале аҷал ба Ких соягӣ намекард, гӯё тан тани ӯ набошад, ки бо сӯрох шуданаш аз тир навмед шавад, ҷон ҷони ӯ набошад, ки бар асари тир бароядъ. Ҳа, ҳамааш афсона, ҳамааш аз ҳақиқат дур…

Чун забонаи оташи ҷанги бародаркӯш хомӯш гардид, марҳалаи мансабзабткунӣ, тақсимоти вазифаҳо оғоз ёфт. Ва мебоист мансабҳои баландпоя ба дасти одамони пояи обрӯю нуфузашон мустаҳкам мерасид. Табиист, ки Ких ҳам шахсияти ба назар намоён буду ба тахмини худаш баландтарин мансабро, он дар осмони ҳафтум ҳам бошад, бо ду дасти адаб бояд ба ӯ медоданд. Охир, ӯро ҳомии миллат, нангу номӯси кишвар гӯён офарин мехонданд.

Ихтиёрро, тавре ки мегӯянд, ба дасти бахтиёр монданд. Рӯйхати вазифаҳоро наздаш «марҳамат» гӯён гузошта гуф-

танд: «хоҳӣ раиси колхоз, хоҳӣ раиси идораи андоз, хоҳӣ раиси райпо шав. Аз ту фақат як ишора...». Ана, ҳамин вақт ӯ мушт ба пешонӣ зад: «кошки хату савод медоштам! Ақаллан, ҳамаи ҳарфҳои лаънатиро медонистам. Э– ҳе, агар медонистам, раиси ноҳия мешудам».

Ин лаҳза ҳарфҳо, қаламу коғаз, китобу дафтар ба ӯ чи қадар нафратовар намуданд! Охир, имрӯз маҳз ҳамин саводи лаънатӣ ӯро аз мансаби баланд маҳрум сохта истодаast. Ӯ бо китоб як умр душманӣ меварзид ва оқибат тири ҷонсузашро хӯрд. Вале ҳоло ҳам вақт ҳаст, вақти олам дар ақрабаки соати дасти ӯ буд, чи қадаре ки хоҳад, пешу қафо бурда метавонад.

Вале, боз андешаи дигар майнаашро азият дода– азият дода захмӣ сохт ва дар ниҳоят аламашро овард. Аламаш ба сони пуфак дам кард ва якбора кафид. Бо корди дасташ чунон ба рӯи қоғаз фаровард, ки миз сӯрох гардид. Ӯ бо забони нофаҳмо уллос кашида, навиштаҷоти рӯи коғази даридаро нишон дод. Ҳама аз тарси он, ки ҳозир коғазро ба сари яке аз онҳо мешапад, ба рӯи коғаз сар хам карданд. Ва нимкосаи таги косаро зуд пай бурданд. Ких ба болои мансаби «раиси ноҳия» хат кашида буд. Яъне «чаро шумо мансаби раисии ноҳияро ба ман пешниҳод намекунед?».

Майнаи карахти Ких дар майдони андеша хеле болу пар зад ва ба хулосае омад, ки ӯ раиси райпо мешавад. Ҳа, ақли ӯ мисли қалами нӯгаш шикаста нест, ки дар сарфаҳм рафтан ба ин масъала кундӣ кунад. Сараввал ду паҳлӯи ин корро ба эътибор гирифт. Аввалан, ба андешаи ӯ, коркунони райпо дар хату савод пиёда буда, алифро аз таёқ фарқ карда наметавонанд ва аз сиёсат фарсаххо дуранд. Дуввум, мардуми ба тиҷорат машғул, мардуми аз сояи худ қадди дор метарсидагист ва зину лаҷом зада саворӣ кардани онҳо чун ба пиёла рехта нӯшидани чой хеле осон аст.

Ва Ких раиси райпо шуд. Хурсанд набуд. Хафа ҳам набуд. Хурсанд набуд аз он хотир, ки бо иллати кару гунгиаш мансаби раисии ноҳияро гирифта натавонист. Хафа набуд аз барои он, ки маҳз ҷанг шуду ӯ ба ин мартаба расид ва аз мансаби раисии райпо ҳам ношукрӣ кардан гуноҳ

буд. – «Ба қадри ин бахти худодод бояд расид, – аз дил мегузаронид Ких. Кӣ медонад, шояд оташи ҷанг боз аз сари нав фурӯзон шавад ва ӯ он вақт дар мансаби раисии ноҳия кор хоҳад кард. Зинда бодо ҷанг! Поянда бодо ҷанг! Худо хоҳад ҷангҳои пай дар пай ӯро ба зинаҳои баланд, ҳатто то ба ҳокимии кишвар хоҳанд бурд».

Ких дар рӯзи аввал ҳамаи кормандонашро дар утоқи корӣ ҷамъ оварда, бехабар аз он, ки онҳо аскар нею аҳли тиҷоратанд, қатор кард ва бо имову ишора, бо овози вингосии занбӯрмонанди ба худ хос фаҳмонд, ки баъд аз ин ҳамаи корро муовинаш ҳаллу фасл мекунад, вазифаи ӯ фақат чора дидан, яъне ких кардан. Дар ин ҳолат Ких автоматашро нӯгболо карда тире холӣ кард, ки аз садои гӯшкаркунандаи он ҳама як қад парид. Ақли тобеон ҳам он қадар кунд набуд, ки вазъиятро дарк накунанд. Охир, Ких забон надошт, ки одамонро қабул карда гуфтугӯ кунад, гӯши шунавое надошт, ки арзу хоҳишашонро шунавад ва ё ҳамин гуна корро бо калонҳои ноҳия анҷом бидиҳад.

Ких майдонро кушод, сабзу хуррам диду атрофро бепашша ва ҷилави аспи бодпои ғайраташро барои чаро пурра сар дод. Ҳар рӯз бо собиқ ҳамяроқони худ вохӯрда, косаи давр ронда, аз хушиҳои бахти худодод баҳраҳо мебардошт. Сари мастӣ чун Ҳотами Той ба ҳар нафаре, ки лоиқи хизмат бошад, мошину одам фиристода аз ин ё он мағоза тӯҳфаҳои фохира оварда мебахшид.

Азбаски захираҳои пеш аз ҷангӣ пурра ба дасти мӯшҳои дупо наафтода ҳоло ҳам дар анборҳои марказии пойтахт ба чашм мерасид, имконияти оварда зеб додани рафи мағозаҳо буд. Вале оҳиста– оҳиста об хушк гардиду ҷӯйбор холӣ монд, мазмун захира аз зинаҳои боло сар карда адо шудан гирифт ва мағозаҳо сурати чор девори қоқро монд. Дар байн бо фармони Ких баъзе мағозаҳои деҳаҳои дурдастро «дар ҷанг сӯхта ба хокистар табдил ёфтанд» гӯён ҳуҷҷат карда канданд. Ҳамаи чӯбу чахсҳои онҳоро Ких ба савдо зада бағал дам кунонд. Чандин дӯкону мағозаҳоро бо усули фоидабинӣ хусусӣ карда, бо сарборӣ фурӯхт. Охир, номи ӯ баланд бошаду дар гирумони

зиндагӣ, дӯстию душманӣ ҳимматаш паст, магар айб нест? Чандин техникаҳои дилдоштаю ҷигарнадошта ва ё ҷигар доштаю дил надоштаро низ бо ҳамин роҳ аз байн бардошт.

Дар атрофи фаъолияти Ких ресмони гапу калоча тоб хӯрда – тоб хӯрда калоба шудан гирифт ва ҳангоме ки дигар ягон мағоза дари худро чун «дидорҳо дар қиёмат» ба рӯи харидорон кушода натавонисту маркази ноҳия бе одам монда, хомӯшии қабристон ҳукмфармо гашт, масъалаи аз кор сабукдӯш кардани Ких ба миён омад. Дар ибтидо ҷуръати калонҳои ноҳия камӣ кард ва онҳо обро аз боло сар доданд. Баъди санҷиши нозирони боло ва пешниҳоди хаттии онҳо оиди сабукдӯш кардани Ких аз мансаб ба ин муваффақ гардиданд.

Ких рӯзе мисли шамоли дамабарф ба утоқи кории сардори бозорҳои колхозии ноҳия даромада мили автоматашро ба синаи ӯ монда, бо овози ба худаш хос «ауууу» гуфта тарафи дарро ишора кард. Мардак дасту по хӯрда монд, ки муддаояш чист? «Ких!» – дод зад Ких ва боз дарро нишон дод. Мардак фаҳмид: «Ких!» яъне мепарронамат, ишораи дар, яъне соятро кашида гум шав.

Ҳамин тавр, Ких дар як они воҳид мансаби сардории бозорҳои колхозии ноҳияро ба тасарруфи худ даровард ва аз зӯрии худ миннатдор шуд. Кормандони бозорро пурра аз ҳисоби магасҳои сари табақи оши худ, ки думравону косалесонаш буданд, алиш кард. Дар рӯзи аввал дар бозорҳои ноҳия санҷиш гузаронида, аниқ кард, ки маблағи ҳаррӯза аз ҳисоби чиптаҳо ғунгардида чи қадарро ташкил медиҳад. Баъди ин чиптадоронро дар утоқи кории худ қатор карда, мили автоматро ба пешониашон монда, бо ишораи панҷаҳои даст фаҳмонд, ки ҳар рӯз чӣ қадарӣ пул оварда ба ӯ месупоранд. Ба буҷҷаи ноҳия супоридани пулро қатъиян манъ кард: «бӯҷаи ноҳия – кисаи ман» фаҳмонд ӯ.

Рӯзе намояндаи ҳукумати ноҳия омада ба ӯ дар бораи супурдани пули бозор, риояи тозагӣ, кушодани дӯконҳои нав, ташкили истгоҳи нақлиёт, пешгирии бетартибиҳо гуфтугӯ кардан хост. Ких гӯё барраеро бардошта бошад, ӯро бо ду даст ба берун оварда ҳаво дод ва аз қафояш

«имрӯз ҳукумат – ман!» гуфтагӣ барин мушт ба сина зад ва ҳавоӣ тир холӣ кард: намояндаи ҳукумати ноҳия ба дил аҳд кард, ки умре дорад, дигар бо Ких сарбасар намешавад.

Зердастони Ких, ки собиқ авбошони кӯчагарду ҷангара буданд, мисли занбӯр ва мӯру малах ба сари мардум часпида бебаркаш пул меғундоштанд. Чипта нархи аниқ надошт. Ҳар бозор нархаш боло мерафт. Бедодгариҳо нисбати фурӯшандаҳо ба арши аъло хест. «Пули чека те»– дод мезаданд онҳо. Чун фурӯшанда андак истиҳола мекард, бо шатта чизу чораашро зада чунон титу пит мекарданд, ки касе ҳад надошт лом гӯяд.

Ких дар бозорҳо ба таври махфӣ гурӯҳҳои зудамали рекетии кисабурон, duздон, фиребгаронро ташкил карда, ҳар бозор ба ӯ супурдани маблағҳои муайянро фармоиш медод.

Мардум аз ин дарди сар халос нагардида ба як дарди сари дигар печид: Ких дар вақташ ба дили на фақат мардуми бечораи бегуноҳ, балки ба дили баъзе говҷигарҳо ҳам доғ гузошта, онҳоро сахт аламдор карда буд ва онон вақту соати даркорӣ мепоиданд. Инак, ақрабаки соат ҳам болои рақами даркорӣ омада истод. Баъди ҳокими бозор шудани Ких аламдорон гурӯҳҳо ташкил карда ба бозор меомаданд, чиптафурӯшҳоро дошта тани луч мекарданд ва харшап намуда, пулҳояшонро кашида мегирифтанд. Гоҳҳо Кихро мисли бӯз кӯҳӣ дар даруни бозор шикор мекарданд. Аснои ин тирпарониҳо мардум қиёматро дар пеши чашми худ медиданд. Чунон талотум, додуфиғон, гурезогурез рух медод, ки саг соҳибашро намеёфт.

Оқибат Ких аз тарси гургони хуношом – рақибони силоҳбадасти худ фирорӣ гашт. Касе намедонист, ки деви тарсу ҳарос ӯро ба кадом кӯҳу дашт, ҷӯлу пушта, хонаи тангу тор ва ё кулбаи фақиронае рондааст.

Каму ғам не, як сол гузашт. Ва рӯзе ҳам расид, ки Ких боз пеши чашми мардум қад намоён карда «ман ҳоло зинда» гуфт. Дар тан либоси фохираи афсарии барги сабз, дар китф автомат дошту савори мошини сабукрав шукӯҳу салобат нишон медод. Миш-миш шуд, ки ӯ худашро дар ка-

дом қисми ҳарбие номнавис кардаасту эҳтимол боз думи кори сиёҳеро доштааст.

Ва тахмини ҳолдонҳо рост баромад. Шамол рӯз дар миён овозаҳои ҳархелаи воҳиманокро аз даҳон ба даҳон мегузаронид: гурӯҳи сенафараи ниқобпӯше шабона ба хонаи фалон раиси колхоз рафта фалон қадар доллар налог бастааст, гурӯҳи сенафараи ниқобпӯше ба хонаи фалон мудири ферма рафта чанд сар говро налог гӯён бардошта бурдааст, гурӯҳи сенафараи ниқобпӯше ба базаи нафт рафта панҷоҳ тона бензинро ба мошинҳо бор карда бурдааст. Ва боз овозаҳои одамкӯшии ҳамин гурӯҳ…

Оқибат ба ин аъмоли сиёҳ раиси ҷавони як колхоз нуқтаи муносиб гузошт: гурӯҳи сенафараи ниқобпӯш шабона ба ҳавлиаш даромада раиси ҷавонро ба берун бароварда, мили автоматро ба синааш монда «ё марг ё ҳазор долар» мегӯянд. Раис, ки худаш собиқ боевики сахт будааст, худро тарсидагиҳо барин вонамуд карда «ҳозир аз сандуқ меорам» гуфта дарун медарояд ва аз он ҷо бо автомат мебарояд. Ӯ бо як чолокӣ ба байни пояшон тир холӣ мекунад. Ду авбош ярадор шуда ба замин меафтанд ва саввумин ҷонаш дар кафи даст ҳот мекунад. Баъд маълум гашт, ки он гурехтагӣ Ких будааст.



Ҳамин тариқ, Ких боз ғайб зад. Баъди чанд моҳ аз ноқилони ахбор мужда расид, ки ҷасади Кихро дар назди кадом як ахлоттӯдаи канори шаҳр ҳангоме ки сагҳо мурдаашро хомталош мекарданд, ёфтаанд…

# М У Ҳ О Ҷ И Р А Т

Қатора дар оғӯши табиати рангин– дашту саҳро, кӯҳу пушта, талу теппа, деҳоти аҳолинишин, марказҳои шаҳру навоҳӣ, одамон, подаҷою рамаҳои чорво чун мори сабзпӯст хазида роҳ мепаймуд. Садои гӯшкаркунандаи «тақ– тақ– тақ»– аш дар паҳнои табиат танин меандохт ва олами ҳастиро аз салобати хеш хабардор месохт.

…тақ– тақ– тақ…

Ҳар ки ба қатора менигарист, медид, ки дар паси тирезаҳо, яъне андарун мусофирони гуногунсол саргарми шуғле буда, қисме андармони тамошои берун, қисме машғули қартабозӣ, шоҳмотбозӣ, мутолиаи китобу рӯзнома, қисме машғули чою қаҳванӯшӣ, тановули хӯрок, сӯҳбати гарму ширин.

Бо пайи ҳам паси сар гардидани шаҳру навоҳии кишвари рус табиат ҳолати дигар мегирифт:ҷое офтоб механдид, ҷое абр ашк мефишонд, ҷое сероб, ҷое хушк…

Дар купе се тан ҷавонмарди қариб ҳамсол аз ду тараф рӯ ба рӯи ҳам нишаста, гоҳе гапи зиндагиро ғоз додаю гоҳе сукут варзида, манзараҳои паси тирезаро тамошо доштанд. Яке ҷавонмарди калтаи сарсафеди ғафсак бо номи Кароматулло, дигаре ҷавонмарди хароби анбӯҳи абрӯвонаш болои чашмонаш хамида бо номи Назришоҳ, саввумин ҷавонмарди навчаи хубчеҳраи камгап, ки алҳол номашро ошкор накарда.

Онҳо навакак аз хоб бедор гаштаю хӯрок тановул карда рӯзро кӯр доштанд. Муҷиби сафари ҳарсе як:мардикорӣ дар кишвари Русия. Болои миз ҳар гуна ашёю маводи дар зиндагӣ истифода бурда мешудагиро дидан мумкин буд:ба мисли сутка(зарфе, ки даруни он оби ҷӯшонидашударо як шабонарӯз гарм нигоҳ медоштанд), пиёла, корд, қуттии сигор бо гӯгирду хокистардон, нон, пораи ҳасиб. Ҳамчунин, дар косае се– чор дона пасмондаи мантуи навакак хурдашуда низ ба чашм мерасид, ки бӯи он ҳоло ҳам ба димоғ мезад.

Ҷавони хубчеҳраи камгапи тахминан сивупанҷсолаи чеҳрагирифта, ки чандон майли сӯҳбат надошт, гоҳҳо дар зарурат бо дили нохоҳам ба сӯҳбат ҳамроҳ мегардид. Вале

имрӯз ин ду ҳампаҳлӯяш ӯро ба ҳалқаи сӯҳбати худ кашида тавонистанд. Сари гап ба масъалаи нигоҳ доштани шараф ва ойини ҷавонмардӣ дар лаҳзаҳои сангину таҳлӯкаангез печиду ӯро фармуданд, ки «ту ҳам фикратро бигӯ, ақидаатро иброз бидор». Ва ӯ савори саманди андеша лаҳзае тавақкуфкунон сукут варзид ва баъд даричаи сухан кушод:

– Ҷавонмардӣ мардии одам аст, наҷибтарин ва шоистатарин хислатҳои ҳамидаи инсонист. Вале дар рагу пайванд ва хуни на ҳама касон чунин хислатҳои нек реша гирифтааст. Бо вуҷуди ин ҳастанд нафароне, ки дар ойини ҷавонмардӣ устувору содиқанд. Ман нақле дорам, ки ҳоло худатон метавонед ҳакам шуда, баҳои одилона диҳед…Ва ҷавони хубчеҳра ин ҷо лаҳзае тавaққуф кард, дафтари хотироташро варақ гардонд ва пасон идомаи риштаи сухан дошт.

…Олимбек бармаҳал аз волидайн ятим монда ба тарбияи амак афтод. Ҳарчанд ки завҷаи амак зани гизалаи касро дар пӯчоқи чормағз ҷо мекардагӣ буд, аммо зӯраш ба Олимбеки ятим камӣ кард, баръакс ин бачаи майдаҳаки ба назар раҳмовар нисбат ба пиндошти ӯ хеле зираку ҳилагар бaромаду ӯро ноаён дар пӯчоқи чормағз ҷой мекардагӣ шуд: мисли рӯбоҳ дум хода карда худро аз кори хона мегурезонд, дар гап хун надошт ва ҳангоми зарурат худро гоҳе доно ва гоҳе нодон гирифта тавре дар як миҷҷа задан фиреб медод, ки гӯё аз шайтон дарс омӯхта бошад, ба дараҷае шайтонӣ мекард, ки худи амак дар тарбияти ӯ дасткӯтоҳӣ мекашид.

Олимбек озодиро дӯст медошт, дар ихтиёри худ буданро мехост, каси аз болояш фармонравоӣ мекардаро чашми дидан надошт. Дар яке аз順 иншоҳои дар синфи чорум навиштааш, ки «Орзуи ман» ном дошт, чунин нигошта буд:» Хонае бошад, ки замин ва каланду дос надошта бошад, хонае бошад, ки хар дошта бошаду бӯзу гӯсфанду гов не ва аз пагоҳӣ то бегоҳӣ оббозӣ карда кайф кунӣ». Бо вуҷуди ин амакаш то он ҷое, ки зӯраш дар ихтиёраш буд, ӯро тарбия карда ба камоли ҷавонмардӣ расонд. Худ, ки аз шахсиятҳои чор кас медидагии деҳа буд, ӯро хонадомоди яке аз хешовандони худ гардонд ва таъкид кард: «Ту дар ҳамин ҷо макон гир, чунки дигар ҷои пой мемондагӣ

надорӣ. Агар ба қадри занат расӣ, санги пеши пойи мардум намешавӣ. Ба маймунбозӣ, танбалӣ ва ҳилагариат хотима гузор. Ин хислатҳо дар зиндагӣ раҳрав нест».

Олимбек аз ин бахти худодод ба ваҷд омада худро мисли хурӯси ҳавлӣ дид ва ба қавли одамон ҳавойӣ роҳ мерафт. Аввалан, ӯйи бехонаву дар якбора соҳиби зан, хонаву замин гашт, дуввум Нигор дар ҳусну ҷамол байни духтарони деҳ ягона буду харидорони зиёде дошт. Яке аз онҳо Қурбони рונанда буд, ки баъди кӯшишу давиданҳои беҳосил дар қалбаш тухми ноумедӣ неш зад ва қатъӣ гуфт: «Парии бахт аз даст рафт, дигар зан намегирам».

Нигор ба замми ҳусни оламгир доштанаш кадбонуи оқила ва баномӯс ҳам буд. Ҳавлиро чунон озодаю диданӣ нигоҳ медошт, ки аз дур лӯхтакро мемонд. Азбаски падараш фавтидаю бори вазнини рӯзгорро бо модари пираш якҷоя мебардошт, заҳри талхиро чашида ба қадри ширинихои ҳаёт мерасид ва тавонист, ки дар андак муддат Олимбекро ғуломи корҳои хона гардонда, аз ҳар гуна ҳӯштаккашию ҳел– ҳелгардиҳои бесуд боздорад.

Вақт мисли оби равон тез гузашту зану шавҳари ҷавон чашм нарасад, соҳиби шаш нафар фарзанди дӯстрӯ гардиданд. Ҳаёт ҳам мушкилоти зиндагиро чун хишти девор болои ҳам чидан гирифт. Умеди «имрӯзу фардои ҳаёт ранги дигар мегирад»– ро гӯё боди даргузар бурд. Мардум дарк кард, ки касофатиҳои ҷанги шаҳрвандиро дар солҳои наздик аз байн бурдану рӯйи дастархонро чун замони шӯравӣ бо ғизои хуб пур кардан муҳол аст. Ин буд, ки ҷавонон барои дарёфти қути лоямутрӯ ба хориҷи кишвар оварданд.

Ва рӯзе Олимбек даст ба кундаи сина зада гуфт: «Ман қатори дигарон ба Қазоқистон пулкоркунӣ меравам. Пул оварда мисли дигарон одамвор зиндагӣ мекунем. Аз орди макка шикамамон ғалбер гашт. Бас аст аз ғами зиндагӣ ба зардоб печидану хаёлӣ гаштан! Ҳм, имрӯз чойи қоқ нест, пагоҳ рӯған нест, пасфардо орди макка нест…Номи мо ҳам одам, хасу хошок не– ку!».

Зан гардани ризоият надода гуфт: «Рост, номи ту одам, вале дар майнаи сарат фақат фикрҳои мисли хасу хошок ҷамъ шудааст, роҳи хуби зиндагиро аз роҳи бади зиндагӣ фарқ карда наметавонӣ. Барои ин нангу номӯс даркор. Хубаш ҷои гарматро хунук накун».

Аммо шавҳар на аз он мардоне буд, ки занро дар маслиҳат муносиб бинад, ба гапаш равад…

…– Миёни кор надораду ҳавои даҳан карда Қазоқистон орзу дорад, – сухани ӯро бурид Кароматулло.

Кароматулло ҷавонмарди калтаи фарбеҳаки рӯяш сафеди гирд, вале шояд бо сабаби мероси авлодӣ мӯйи сараш чун пахта сап– сафед, абрӯвонаш кӯтоҳ, аммо бо чашмони сиёҳу бинии борики мувофиқаш зебанда. Одати аҷиби ӯ ин буд, ки ҳангоми гапзанӣ на ба ҳамсӯҳбати рӯ ба рӯяш, балки ба тарафи чап менигарист ва кас гумон мекард, ки ӯ бо он чизе, ки дар паҳлӯи чап истодааст, гап мезанад. Дар сӯҳбат мавриду бемаврид калимаи «кароче»– ро истифода мебурд: «кароче ин хел…», «кароче он хел»…

Кароматулло идомаи сухан кард:

– Он ҷо ҷон канда бо нохун пул ҷамъ мекунӣ. Ин хел тентакҳои ҳавои даҳан бисёранд он ҷо, хок аз дасташон намеояд, кароче ҳам ин ҷоро фиреб медиҳанду ҳам он ҷоро.

– Хато мекунӣ, – эътироз кард Назришоҳ, – маҳз ана ҳаминхелиҳо дар он ҷо худро нишон дода бурд мекунанд, сахтиҳоро, ки чашида гузаштанд, ба қадри зиндагӣ мерасанд.

Назришоҳ марди пуррапайкари бакитфу бозӯ, каллааш калон, мӯйи сараш ҷингилаи каппамонанд, ки онро ҷайрамонанд ҳам гуфтан мешояд, абрӯвони ғафси болои чашмони тез–тез шӯразадаи кабудашро мепӯшонидагӣ, мӯйлаби қайчизадаи бо рӯйи сабзгунаш мувофиқ афтода. Ӯдар сӯҳбат хеле дилсоф менамуд ва ҳар лаҳза «э, мардак, аз барои савоб…» мегуфт, ба мисли «э, мардак, аз барои савоб инсоф кун».

– Сафсатта! – розӣ нашуд Кароматулло, – Кароче ин хел лофзану пойкашолаҳо қаллобу роҳзан мешаванд, на аз сахтиҳои ҳаёт сабақ мегиранду на аз бадбахтиҳои зиндагӣ.

Баҳс идома ёфт…

Офтоби баҳорӣ нурҳои ҳароратбахши худро ғундошта паси абрҳо фурӯ рафт. Паҳнои осмон ранги тира гирифт. Ба машом бӯйи борон мезад, эҳтимол дар наздикиҳо борон мебориду ҳаво шамими онро меовард? Ҳине ки қатора аз байни ҷангалзори пур аз қамишу газ ва ҷо– ҷо кӯлҳои мағорбаста гузашт, борони майда сар кард.

– Гӯш кунед!– ҳардуро ором кунонда идомаи сухан кард ҷавонмарди хубчеҳраи қиссагӯ…

…Олимбек савори завраќи орзуҳо дар баҳри ҳаёти ғарибӣ ба шинокунӣ даромад. Мавҷи баҳр завракро лап-понда– лаппонда ба ҳар тараф тела медод.

Кишвари Қазоқистон бо он ҳама овозаҳои рангорангии ҳаёташ барои Олимбеки навсафари шаҳрҳо бештар аҷоибу ғароиб ва сеҳрангез менамуд. Табиати даштҳои нопайдо-канори чӯли қазоқ, тамошои ҳаёти мардум бо хонаҳои миллии қазоқии Чимкент, Ҷамбул, ғалоғулаи аробакашҳо ва телазаниҳои мардум дар бозорҳои калон – Барахолка, Оптовка, Зелёний, Алтинарда барои ӯ дунёи дигар намуд. Дар ҳама ҷо мардикорони тоҷикро дидан мумкин буд, ки барои як бурда нон ҷонбозиҳо доштанд. Дар бозори Бара-холка қатори мағозаҳоеро дид, ки аксари соҳибонашон тоҷикон буданд ва онҳо ӯҳдабароёна нони даҳонашонро меёфтанд.

Ҳаёти ғарибона Олимбекро гоҳ ба осмон мебардошту гоҳ ба замин мезад, гоҳ шоҳ мегардонду гоҳ гадо, рӯзгори ғарибона ӯро гоҳ асал мехӯронду гоҳ заҳр мечашонд. Вале ӯ дар ҳама ҳолат худро аз он ташвишҳои безоркунандаю майнагиҷкунандае, ки дар хона дошт, озодтар ҳис мекард, аз чанголи ба қавли Олимбек зулми зани фармондеҳаш Нигор, ки доимо «мардак, ин корро фаромӯш кардед», « мардак, он корро фаромӯш кардед» мегуфт, раҳо хурда буд. Ҳатто азобу шиканҷаҳое, ки гоҳе дар милисахона ме-кашиду латукӯбе, ки гоҳе дар бозорҳо медид, барояш аз азобҳои гандумдаравию шоликорӣ, алафдаравию оғилтозакунӣ сабуктар менамуд. Хулоса, ихтиёр дар дасти бахтиёр буд. Табиист, ки хонаву дар ва зану фарзанд аз ёд баромада дар кӯчаи фаромӯшӣ монданд. Пешомади дигаре Олимбекро, тавре ки худаш «тӯҳфаи такдир» мегуфт, ин-тизор буд. Ӯба қазоқзане шинос гардиду дили чу шири на-вдамида ва ё чу мавҷи баҳр ба туғён омадааш лаб ба соҳил мезад.

– Агар маро хӯрондаю пӯшонда тавонӣ, ман кабки бағали ту, – гуфт зан.

– Хӯрондану пӯшондан он тараф истад, ман туро чу сурма ба дидаҳо молида рӯи дастон мегардонам, чун ҷону ҷигар эҳтиёт мекунам, – ҳавои даҳан кард Олимбек.

Қазоқзан хонаву дар дошту танҳо зиндагӣ мекард, ки ин барои Олимбеки мисли паррандаи белонаи ҳар ҷо рост ояд, шабро рӯз мекардагӣ, мусоидат менамуд. Ва ӯ дар хонаи зан зиндагиро оғоз карду таги деги зиндагиро алов монд. Бе мумсикӣ дар харҷи маблағ Ҳотами Той буданашро нишон дод:маоши ҳармоҳаашро сараввал барои таъмири хона, хариди қисман ашёҳои рӯзгор, ҳисобӣ кардани баъзе қарзҳои қазоқзан сарф кард.

Олимбек дар вусъатободи самои орзу парвоз дошту худро як сару гардан аз дигарон боло мегирифт. Чунин хаёл дошт, ки дигарон ба ӯ ҳасад мебаранд. Аммо ба ӯ чунин менамуд, ки барои ба соҳили мурод расидани сафинаи орзуяш як қадам мондаасту халос, яъне як дарахти дигари орзуяш бояд гул кунад: хона ҳаст, зан ҳаст, вале фарзанд нест. Бале, фарзанд намерасад. Агар ӯ дар ин ҷо ҳам фарзанддор мешуд, он гоҳ ба чобукию кордонии ӯ на фақат мардуми деҳот, балки шиносҳои мардикораш ҳам бештар ҳасад мебурданд. Оҳ, чи қадар мехоҳад, ки ҳама ба ӯ ҳасад баранд, дар ғайб ситоиши ӯро кунанд, ба осмон бардоранд ва овозааш ба гӯши Нигор рафта бирасад.

Қазоқзан чун аз ин орзуи Олимбек воқиф гашт, ба дилаш гуфт, ки ин мардикори тоҷик ҳардамхаёл асту ҳӯшаш парешон. Охир, барои марди муҳоҷир пул дода барои худ дарди сар харидан чӣ лозим?

Ин орзуи соддалавҳонаи марди тоҷик ҳарчанд ки ба қазоқзан созгор набуд, аммо ба хотири дар мутеи худ нигоҳ доштани Олимбеки ҳардамхаёл ва дар баробари ин хидматгор розӣ шуд. «Хайр, аз ман зоидану аз ту хӯрондану пӯшондану калон кардан»– дасти ризоият дароз кард ӯ.

Аз байн каму ғам не даҳ соли умр хайрбод гуфту Олимбеки пурармон соҳиби чаҳор нафар фарзанд гардид. Симоҳои қазоқӣ– устухонҳои барҷастаи рӯй, чашмони танг, биниҳои калта дар чеҳраҳои онҳо аксандозӣ карда «мо қазоқтоҷик» мегуфт.

Забони муомила дар оила қазоқӣ буд ва Олимбек аз ин бахти ногаҳонӣ ифтихор ҳам дошт: «Ҳам фарзанди тоҷику ҳам фарзанди қазоқ доштан ҳунари ҳар кас нест» меандешид ӯ. Зан хонашин буд ва Олимбек мурчасон ҷунбида бори зиндагӣ мекашонд. Магар таъкиди занро метавонист

фаромӯш созад: «Зоидан аз ману хӯрондану пӯшондану калон кардан аз они ту». Олимбек, ки аз хурдӣ ба кор, хоҳ вазнин бошаду хоҳ сабук, душмани оштинопазир буд, акнун қарину ошно гардиду медавиду медавид.

Олимбек тӯли ин солҳо борҳо аз занаш Нигор хат гирифт, ки «бори зиндагӣ миёнамро хам кардааст ва хӯрондану пӯшондани фарзандон ба ман даст надода истодааст. Агар оилаи солим хоҳӣ роҳи хонаро пеш гир, вагарна лаб газидан баъди пушаймонӣ суд намебахшад». Вале ҳоли зори зану шаш нафар фарзандашро на танҳо ба ёд намеовард ва онҳоро тасаввур кардан намехост, балки мағрурона хатҳоро майда–майда дарронда мисли барфрезаҳо ба ҳаво чош медод. «Содда– заҳрханда мекард таги дил, – ман мардам, ҳар ҷо ки хоҳам, шинак мегирам, ту занӣ, мурғи даруни хона, то омаданам бист сол гузарад ҳам, сабр мекунӣ. Ҳм, шукр гӯй, ки ҳоло талоқат надодаам» ва ӯ ба креслои мулоим, ваннаи обаш гарму хунук, компутеру диск, видео, дивиди, телефони мобилӣ, шишаи арақи саркушодаи болои миз менигаристу худашро дар қаламрави Қазоқистон шоҳу табъашро вазир медид. Муқоисаи ҳамаи ин дар нисбати хона, замину оғили деҳааш хандаовар менамуд.

Киштии умр дар баҳри зиндагӣ бомаром шино дошт. Аммо тақозои ҳаёт будааст, ки киштиро монеаҳо пешвоз гирад, ба мисли ҳамин тақдир Олимбекро, ки мехост ҳама ба ӯ тан диҳанду ҳама ба ӯ ҳасад баранд, ба дарди по гирифтор кард. Охир, давутозҳо, ташвишҳо, хунукиҳои ҳаёт хешутабораш набуданд, ки ӯро осуда гузоранд. Ва чун пояш гапашро нагирифту бистарӣ гардид, қазоқзан норозигӣ кард: «Инро чӣ хел фаҳмидан мумкин, ки ту ҳамаи проблемаҳои ҳаётро ҳал карда метавонистаию проблемаи саломатиатро ҳал карда наметавонистаӣ? Ё маро галӯ гумошта нағма дорӣ? Фарзанд хостӣ, зоида додам, акнун шиками онҳоро малоикаҳо сер мекунанд ва ё онҳоро арвоҳҳо калон менамоянд? Ҳунарат, ки ҳамин буд, дар дашти ҳаёт алафатро пасттар начаридӣ!».

Аз байн як сол гузашту хурӯҷи дарди по афзуда ба ҷисму тани Олимбек чуқуртар реша давонд, васеътар доман паҳн кард. Ӯ акнун маҷоли кор кардан надошту бо кисаи холӣ ҳам табобат карда наметавонист: дастархон холӣ, шикам гурӯсна, додувойи кӯдакон хонаро пур карда…

Ойинаи рӯзгори оила аввал тира гардид ва баъд ҷарангос зада шикаст. Қазоқзан баъди ин гуна чапкориҳои ҳаёт хонаро партофтаю ҳафтаҳо бедарак шуда, баъд мастомаст бо чашмони варамида рӯ мезад ва ба шавҳар тундӣ мекард: «фарзандони хостаатро гирифта бароию хонаро холӣ кун то ки ман сарриштаи зиндагиамро ёбам».

Зан аз фарзандон безор буду ба онҳо рӯи хуш намедод. Кӯдакон ҳам, ки бештар дар тарбияи падар буданду ба ӯ муҳаббат меварзиданд, ба модар майл надоштанд.

Рӯзе қазоқзан бо ду марди бегона омаду ба Олимбек якеро шавҳари худ ва дигареро харидори хонааш муаррифӣ кард. «Ман шавҳари сиҳат кардам, чунки шавҳари касал на ба худаш нон ёфта метавонаду на ба оилааш. Ин як. Дуюм:хонаро фурӯхта аз думи ӯ меравам. Кӯдаконро сарпаноҳ ёб, лозим шавад, ягон вақт паятонро гирифта меёбам».

Олимбек, ки хаёлаш чархи зиндагӣ ҳамеша тарафи ӯ тоб мехӯрад ва паллаи вазнини тарозу доиман насиби ӯст, бо чор нафар чӯҷаяконаш мисли сангҳои қади роҳ дар кӯча монд. Чунин зарбаи бераҳмонаи зиндагӣ ва рӯзи сахтро ҳеҷ чашмдор набуд, чунин андеша дар тасаввураш намеғунҷид, ки модар ба фарзандони хурдсоли худ ин гуна бераҳмиро раво мебинад. Ӯдар ҳавлиашон дида буд, ки ба мурғашон тухм хобонданд, аз тухмҳо чӯҷа баромад. Мурғ чӯҷаяконашро баъди каме калонак шудан аз худ ҷудо намуд ва дигар роҳ надод. Ва ё дар филми тасвирие дид, ки модасаге сагчаҳояшро ба кӯчаи серодаме баровард то ин ки ниёзмандон онҳоро гиранд ва сагчаҳо соҳиб пайдо кунанд. Он вақт қалби Олимбеки наврас чи қадар ба чӯҷаякону сагчаҳо сӯхту ба модаронашон нафрат пайдо карда буд. Вале онҳо ҳайвон буданду шояд тақозои табиаташон чунин бошад. Охир, ин қазоқзан инсон асту дар таомули инсонӣ чунин бераҳмию сангдилӣ бегона аст. Ҳини ин андешаҳои азиятовар ғазаби Олимбек ҷӯш мезад, аммо боз фикри дигари ба андешаҳояш мухолиф майнаашро сӯрох мекарду ғазабаш оҳиста–оҳиста аз ҷӯш мемонд. Истед, ки худи ӯ аз ин қазоқзан чӣ камӣ дорад?

Даҳ сол боз зану фарзандонашро дар деҳа ба ҳукми худо ҳавола карда ёд намекунад– ку! Ӯ, ки ба зани поку ҳалолаш ҷабр кард, худованд ҳам чунин ҷабрро ба ӯ раво диду насиб гардонд. Ҳар амал подоши худро доштааст.

Олимбек чун мурғи посӯхта худро ба чаҳор гӯшаи шаҳр зада барои шабгузаронӣ сарпаноҳ меҷуст. Акнун, ин ҷо Тоҷикистон набуд, ки дар чунин лаҳзаҳои сангин аз касе напурсида дилпурона ба хонаи хешу табор ва ё хирману яслӣ рафта, зиндагӣ оғоз кунад. Ва, ана, дар ҳамин лаҳза занаш Нигори нозанин, фарзандони зебо ва хонаву дари ободаш ба ёд омаду дилаш об гирифт, ашк аз чашмонаш таровид. Лаҳзае худро болои курпачаи мулоими хона фориғ аз ҳама гуна ташвишҳо тасаввур карду хориаш омада фух кашид, худро ба ватани азиз, ки як пораи дили ӯ буд, ба хонаи ободи ҷону ҷигарҳояш расондан ягона тадбири раҳоӣ аз ин рӯзи сахт буд.

Ниҳоят Олимбек ба ҳамдеҳаҳояш гардани мӯҳтоҷӣ кач кард, хайру садақа гирифт ва бо дӯструякони об дар бари рӯи қазоқчашмаш ба роҳ баромад…

…Ин ҳин косаи сабри Кароматулло лабрез гардиду бо панҷаҳояш мӯйи сарашро шонавор боло бардошта сухан бурид:

– Дидӣ, гапи ман баромад, короче давидани Олимбек барин рӯдакашолҳо мисли давидани гӯсола то коҳдон. Акнун, қазоқбачаҳо ба гардани Нигор бор мешаванду рӯзгораш мушкилтар мегардад. Хӯрондану пӯшондани даҳ нафар кӯдак ба забон рост меояд.

Назришоҳ, ки дар оғоз Олимбекро тарафдор буд, акнун хомӯш менамуд, маълум, ки сухани ҳампаҳлӯяшро тасдиқ дорад. Гуфт:

– Аҳмақ! Шаш нафар фарзанди гӯшнаю ташна, сарлучу пойлӯч дар хонаю аз Қазоқистон боз чор бачаи дигарро сарборӣ пуштора карда биёр, гӯё хонаат пури гандум аст. Кай парво мекунад, ки азобаш ба гардани Нигори бечора меғалтад, аз барои савоб инсоф даркор…

Ҷавони хубчеҳра идомаи нақл кард:

…Дар роҳ, ҳине ки кӯдаконро даруни автобус хоб мебурд, Олимбек савори завраки хаёл дар баҳри андеша ғӯта мезад. Бо вуҷуди чашидани азобҳои сахт боз чи қадар хаёлҳои ширини осмонӣ ӯро ба оғӯши хеш печонда бо болҳои мустаҳкам ба вусъатободи фазои осмон бардошта мебурд: ана, ӯ бо чӯҷаяконаш мутаккабирона аз мошин мефарояд. Ин дам ғурриши мошинро шунида занаш Нигори хуштолеъ аз хона давида мебарояд ва худашро бо гардани шавҳар мепартояду

ашки шодӣ мерезад. Баъди ин Олимбек кӯдаконашро ба зан нишон дода бо ғурур мегӯяд: «Занак, ман дар он ҷо ҳам мардиамро нишон додам. Ана, ин шербачаҳоро гирифта тарбият кун!». Зан онҳоро дида аз мардаки худ ҳисси ифтихор мекунад ва ба ҳамсояҳо мегӯяд: «Бинед, шавҳари қаҳрамони ман дар мулки қазоқ ҳам паҳлавонҳо ба дунё овард!». Ва пеши чашмони мардум Нигор қаноатмандона кӯдаконро чун фарзандони хеш як– як ба оғӯш гирифта, даруни ҳавлӣ даров珍арда, ба Раҳим қассоб мефармояд, ки гӯсфанди таги дарахти себро кушода сар бурад…

Мошини мусофирбар Олимбеку фарзандонашро бегоҳӣ оварда паси дарвозаи ҳавлиаш фаровард.

Олимбек ҳоли раҳмоваре дошт: чор кӯдаки хурдсол мисли чӯҷаякони гирди мурғ атрофаш тоб хӯрда яке нолишу дигаре гиря мекард. Аз ҳама хурдӣ, ки ду сол дошт, чочак дар даҳон дастонашро боло бардошта «маро бардор» мегуфт. Падар ӯро ба бағал гирифта оромкунон вориди ҳавлӣ гардидан ва ё нагардиданашро меандешид. Ноорoмии кӯдакон безобитааш мекард, метарсид, ки ана ҳозир ҳамсояҳо ҷамъ мешаванду ӯву кӯдаконаш байни онҳо кинои ҳиндӣ мегарданд, ҳол он ки ӯ дар роҳ хаёлҳои осмонӣ дошт. Вале боз худро тасаллӣ медод, ки ҳамсояҳо қазоқбачаҳои ӯро дида ҳасад хоҳанд бурд, ҳатто худи Нигор онҳоро дидан замон болу пар мекушояд. Охир, ӯ беш аз даҳ сол шавҳари маҳбубашро надидаасту ӯро ниҳоят пазмон шудагист. «Ҳоли мардум мебинанд, ки чи тавр Нигор худашро ба гардани Олимбек партофта гиряро сар медиҳад»– бо худ меандешид Олимбек.

Ҳамсояҳо якта– якта ҷамъ шудан гирифтанд. «Наход, ин Олимбек бошад?» мепурсиданд аз ҳамдигар.

Вале аз Нигори нозанин дарак набуд. Ниҳоят косаи сабри Олимбек лабрез гардиду бо мушт оҳиста дарвозаро тела дод. Баъд дуздона ба чаҳор тарафи ҳавлӣ чашм партофт. Ва… ва якбора манзарае дид, ки ҳеҷ чашмдор набуд. Оҳ, кошки чашмонаш оҷиз мебуданду ин манзараро намедид. «Не, не, чашмонам бовар намекунанд, ин хоб аст, ҳа, хоб мебинам» дар ҷояш шах гардида пичиррос зад бо худ: дар рӯи ҳавлӣ Қурбони ронанда таги майкаю эзор бел дар даст полиз об медод…

Чун нақл интиҳо ёфт, Кароматуллою Назришоҳ ба

ҳайрат афтода ҳӯштаки баланд кашиданд ва яке «Э, ҳа, ана гапу мана гап!», дигаре «Ана, биёву бигир!» гуфтанд.

– Ҳм, чархи фалакро бин– а, чи хел каҷрафториҳо дорад. Олимбек дар чи хаёлу фалак дар чи хаёл. Ки мегуфт, ки ӯ аз занаш халос мешавад, – бо даҳони воз ҳайрон монда гуфт Назришоҳ.

– Қадами аввал, ки каҷ монда шуд, охиринаш ҳам оқибат каҷ мешавад, – гуфт Кароматулло.

Ҷавони хубчеҳра чеҳраи зебояшро дурахшонда суол кард:

– Хайр, шумо гӯед, ки тири маломатро ба кадоме аз онҳо бояд зад: Олимбек, Нигор ва ё Қурбон?

Ҳарду ҷавон ба андеша рафтанд. Назришоҳ гуфт:

– Кори ба ақл рост намеомадагӣ:Нигор дар никоҳи Олимбеку Қурбон ӯро соҳибӣ мекардааст, аз шариат натарсид?

– Шариат мегӯяд, ки чун шавҳар аз занаш дурӣ ҷусту давоми шаш моҳ нафақаи ӯро напардохт, зан ба шавҳар кардан ҳақ дорад. Олимбек вақте ки худашро дар осмони ҳафтум дид, шаш моҳ он тараф истад, даҳ сол Нигор ва зану фарзандонашро боре ҳам ба ёд наовард, ақлаш нагирифт, ки ҳаёт пастию баландиҳо дораду роҳи зиндагӣ ноҳамвориҳо, – фаҳмонд Кароматулло.

– Ҳаминро ҳам бояд илова кунам, ки агар кӯмакҳои мардонаи Қурбон намебуд, Нигору фарзандонаш асо гирифта дар ба дар гадойӣ мекарданд, маҳз ӯ ҷони онҳоро аз чанголи гурӯснагӣ раҳонид. Фақат як сол пеш аз омадани Олимбек ӯ аз шариатдонҳои бақувват нозукиҳои ин корро диниста ӯро ба занӣ гирифт. Аз омадани Олимбек на фақат Нигор, балки ҳамаи мардуми деҳа умедашонро канда буданд, – илова кард ҷавони хубчеҳра.

– Магар амаки Олимбек садди роҳ нашуд?– абрӯвони ғафсашро боло бардоштаю чашмонашро дурахшонда тааҷҷубомез суол кард Назришоҳ.

– Он кас аз ҳодисае ба касалии рӯҳӣ печида панҷ сол пеш аз дунё гузаштанд.

Баъд Кароматуллою Назришоҳ сари ин масъалаи баҳсталаб радду бадали зиёде карданду ба чунин натиҷа расиданд, ки: «Ин воқеаро худи Олимбек ба миён овард ва аз худаш бинаду мушти надоматро ба сари хеш занад».

– Сабр кунед, таноби нақли ман ҳоло ба охир нарасидааст, – бо нигоҳи андешамандона диққати ҳардуро ба худ ҷалб кард ҷавони хубчеҳра.

– Магар нақлат ҳоло ҳам анҷом наёфтааст? Ба он боз чӣ намерасад, охир воқеа мисли кино аз аввал то охир анҷом ёфт– ку, – бо тааҷҷуб лабонашро чаппа карда эътироз кард Назришоҳ.

– Ҳоло нақли ман сериалро мемонад гӯй, – изҳор дошт Кароматулло.

– Ҳа, – ғамгинона тасдиқ кард ҷавони хубчеҳра, – Оё шумо лаҳзае андешидед, ки Олимбеки дар чорраҳаи зиндагӣ мондаро бо чаҳор нафар фарзанд кӣ ба хонааш роҳ медиҳад, шиками аз гӯшнагӣ дар пушт часпидаашро дар куҷо сер мекунад, охир кӯдакон чӣ гуноҳ доранд, ки чунин бори азобро бардошта гарданд? Болои сӯхта намакоб худи Олимбек касал, мелангад.

– Сазои сараш! Подоши амали беҷо ҳамин– да!

– Не, – сар ҷунбонд ҷавони хубчеҳра, – Ойини ҷавонмардӣ ва рисолати он ин хел намегӯяд. Инсон дар зарурат бояд ҳатто ба душманаш ҳам раҳмовар бошад, зеро душман низ мисли ӯ як инсон асту чун дигарон зиндагии ширин мехоҳад, орзуҳои гулпарварона дорад. Чи илоҷ, зиндагӣ чунин офарида шудааст, ки инсонҳо гоҳе раҳгум мезананд, бо ҳам мисли сагу пишак мешаванд, лекин дар чунин лаҳзаҳо ақли солим бояд ғолиб ояд.

– Аз ин суханҳоят пай мебарем, ки анҷоми нақлат ҳайратовар барин, – тахмин зад Назришоҳ бо панҷаҳо анбӯҳи абрӯвонашро аз болои чашмон бардошта.

Ҷавони хубчеҳра лаҳзае таваққуф кард, эҳтимол аз куҷо сар кардани нақлашро андешид, баъд оҳи сарде кашиду идомаи сухан намуд:

– Ҳоли зори Олимбеку қазоқбачаҳояш дар деҳа аз даҳон ба даҳон гузашта овозаю дарвоза шуд. Раҳми зани амакаш омаду ӯро ба хонааш оварда ҷой дод, охир, зан мардум синаи раҳм мегӯянд. Гапи мардум бошад, ҳар ҷо ҳар хел буду ҷомаи нав мепӯшид: қисме ӯро дилсӯзӣ карда Қурбонро наҳ мезаданд, ки номардӣ карда шариатро пушти по зада, занашро аз дасташ кашида гирифт, қисме Олимбекро зери борони таънаю маломат кашида Қурбонро ситоиш мекарданд, ки ҳини мушкилӣ Нигору фарзандо-

нашро соябони сар шуд. Хулоса, калобаи гапу калоча чунон ҷар шуда ба дарозо рафт, ки Қурбони бечора ҷуз канораҷӯӣ ҷустан аз мардум илоҷи дигар надошт. Ӯ чанд шабонарӯз ботинан тадбирҷӯӣ намуд, ёрои шунидани ҳар гуна айбмониҳои беасосу ғаразнокро надошт, чунки нангу номӯс, виҷдон азобаш медод.

Болокории ин баъди як ҳафта байни Олимбеку зани амакаш барои фарзандон ҷанҷол хест ва ӯ бе ягон андеша онҳоро ба хонаи Нигору Қурбон оварда монд. Дар ҳафтаи дигар Қурбон мефаҳмад, ки дар набудани ӯ Олимбек гоҳ– гоҳ омада дар кӯча бо фарзандони тоҷику қазоқаш чақ– чақ карда меравад, ки ин таф додани деги ғайбати мардумро монд. Қурбон чунин натиҷа мегирад, ки то он даме, ки Олимбек дар деҳа ҳаст, дар ҳаёти ӯву Нигор моҷароҳои зиёде эҷод гардида, муҳити тинҷию оромӣ даст нахоҳад дод. Аз ин хотир баъди андешаю хулосаҳои зиёде шабе ба занаш гуфт:

– Ман туро аз ҷонам ҳам бештар дӯст медорам, вагарна кадом марди баномӯс зани шаш фарзанддорро ба занӣ мегирад? Ту маҳбуби манӣ, бе ту будан бароям сангин аст. Вале бо чунин вазъ зиндагӣ кардан муҳол буда, мисли аз бенафасӣ мурдан аст. Аз рӯи инсоф мешуд, ки агар боз бо Олимбек ба шавҳар бароию ӯ мисли дигарон ҳаёти осудаҳолона дошта бошад. Ман, имонам комил аст, ки худи Олимбек қудрати тағйир додани маҷрои зиндагиашро надорад ва то он даме, ки ҳаёти онҳо гаронбор аст, зиндагии мо осуда буда наметавонад.

Ва Қурбон ба гиряю доду фиғони зани дӯстдоштааш нигоҳ накарда ӯро талоқ медиҳад…

Хомӯшии гароне ба вуқӯъ пайваст. Назришоҳу Кароматулло бо сари хам пеши пойи худро хат мекашиданд. Маълум, ки чунин анҷомёбии нақлро мунтазир набуданд.

Кароматулло суол кард:

– Хайр, маҷрои ҳаёти Қурбон баъд чӣ шуд, чӣ гуна гардишҳо кард?

Ногоҳ диданд, ки аз чашмони ҷавони хубчеҳра қатраҳои ашк ҷорӣ гардид:

– Қурбон барои мардикорӣ ба сафари Русия баромад, – бо алам посӯх дод вай.

– Хайр, ба ту чӣ ва чаро аламзадаҳо барин гиря дорӣ? – ҳарду бо таҳайюр ба ӯ нигаристанд.

Ҷавон рӯймолча бароварда оби чашмонашро оҳиста пок кард ва баъд бо овози хаста посӯх дод:

– Чӣ хел гиря накунам, ки ҳамон Қурбон худи манам охир…

…Тақ…тақ…тақ…

## КИНА ВА АШК

Зимистон гӯё аз инсон кинадор бошад, бо неруи хашмолуд ба рагу пайванди ӯ сӯзан мезад ва ё он шикорчии ба қалби нозуки оҳу тири ҷонсуз занандаро мемонд. Кафи по аз шиддати сармо ҷаз– ҷаз месухт, чиллику гӯшу бинӣ алов мегирифт. Ва ин лаҳза сабру тавон аз ихтиёр берун баромада, кас гирди худ шабеҳи лойгари сумбзан чарх мезад.

Табиат дар бозӣ буд:ҳанӯз барфҳои яхини шаккарсурат маҷоли обшавӣ наёфта сим– сим борони реза борид, мисле ки зимистони шӯришгари бераҳм мо, навбатпоёни гурӯснаро аз озмоиши сангини худ мегузаронд– ин сӯ шикамҳои гурӯсна, он сӯ сармои сӯзанзан. Вале мо алайҳи ин худнамоию бетараҳумии зимистон сабру тавони худро муқобил мегузоштем, фаҳмонданӣ мешудем, ки инсон нанг дорад, номус дорад, шаън дорад ва ба азоби сангин тоқат хоҳад кард, ҳарчанд ки ӯ ҳам дар бераҳмӣ аз ҳеҷ як балою офати табиат монданӣ надорад, ки мислаш ҷанги ҳамватан, ҷанги бародаркӯш буд. Ба ҳар ҳол инсон ба сари худ боз инсон аст ва дар лаҳазоти ҳифзи нангу номӯс, шарафи одамият худро гум намекунад ва хиради комил ӯро роҳнамой мешавад, байрақи адолаташ парафшонӣ менамояд….

Толеъ мадад накард, балки ба пастӣ рӯ овард: чун навбатам наздик омад, Шамсиддин эълон кард, ки «хлеб тамом шуд!». Аз худ мепурсам, ки чаро толеъи нек, бахти сафед аз ман гурезон аст, аз наздикӣ бо ман ҳарос дорад ва то ба кай дар баҳри ғаму ғусса маро дар гирдоби худ чарх мезанонад? Посух гарон меафтад ва ман ноилоҷ мемонам. Шояд борхалтаи гуноҳҳоям нисбат ба кӯлвори савобҳоям вазнинтар гардида?

Боз хешро тасаллӣ мебахшам ва ҳам шабеҳи дарахти мевадор афшонда сабук мегардонам, то ин ки андешаҳоям баданамро кирммонанд канда нахӯранд, навбатам дар пеш

аст ва худо хоҳад ду дона хлеб харида тӯрнасон ба хона парвоз хоҳам кард ва аз хурсандӣ дигар дар баҳру бар ғунҷида наметавонам. Ҳамагӣ ду дона хлеб, ду дона нони аз гӯшнагӣ раҳобахш барои як оилаи даҳнафара! Чӣ тавр ин неъмати бебаҳоро саришта карда хӯрдан мумкин то ба ҳама аъзоёни оила пора– пора бирасад? Шикам каҳдон аст. Каҳдон холӣ шавад, соҳиби он худро ба ҳар дар мезанад. Намедонам, аммо ҳоло ҳамон мақоли «Як мавизро чил қаландар хӯрдааст» хотирaамро чун барма ковок менамояд ва чунин натиҷа мегирам: «Хайр, мавизчашак мешавад– а. Ҳоло ҳамин ҳам ба шарте ки ризқамонро боз кадом як шағоли дигар канда нагираду худованди кариму раҳим раҳмамонро хӯрад ва онро насибамон гардонад. Шамсиддин аз ин беш намедиҳад, мисле ки аз кӯчаи бетараҳҳумию сангдилӣ гузашта…».

Шамсиддин фарзанди деҳаи Дилшоди ҳамсоядеҳаи мо, шогирди собиқи банда. Аслан хонандагони мактаби мо аз деҳаҳои Зарбдор ва Дилшод мебошанд. Тӯли шаш сол Шамсиддин аз фанни забону адабиёт дарс гуфта, баъдан роҳбари синфаш будаму худогоҳӣ, қадаммонӣ ва мавқеъгирӣ дар ҷодаи ҳаётро омӯхтамаш. Се сол қабл мактабро тамом карда ба ҷодаи ҳаёти мустақил қадам ниҳод. То оғози ҷанги шаҳрвандӣ бароям боилтифоттарини боилтифотҳо буд ва ба қавле гӯё тақдираш, қисмату насибаш на дар дасти қаламкаши азал, балки дар ҳукми ман бошад. Аммо дар давраи ҷанг ва баъди он, ана, имрӯз ӯро саги девона газид, ё шамоли сарди бемеҳрию дилхунукӣ дарёв кард, ки рӯйе надорад то аз сари меҳру садоқати шогирдӣ ба ман бингарад, гӯё дар саҳнаи гирудор ва талошҳои ҳаёт ман заҳрпечак будаму ӯ решаамро хушконданӣ буд.

Баъди як соат нони гармро аз қолабҳо гирифта оварданд. Ҳаври гарм, бӯйи хушу гуворо ва ҷонбахши он ба димоғҳо заду ҷунбиш, телазанӣ «Шамс, ман ҳамин ҷо», «Шамс, худат медонӣ», «Шамсиддин, ман вақт надорам»– гӯиҳо ба фалак печид. Шамсиддин тилло буд, ҷавоҳирот буд, тақдири ҳама буд дар ин ҳолат.

Пеш аз ман будагон ду донаӣ нон гирифта чун гунҷишки аз қафас раста ба сӯйи хонаҳояшон пар заданд ва ниҳоят навбати ман ҳам расид. Аммо Шамсиддин… гӯё

ман «невидимка» бошам, ки намедид. Пасам мегирифт, барам мегирифт, вале ман монанди бандии гунаҳсодиркарда бенасиб мемондам. Овозамро аввал бо лутфу меҳрубонӣ, баъд андак баландтар, охир дидам, ки нашуд, баланди баланд карда «Шамсиддин, охир навбати ман!» гуфтам, аммо гӯшҳояш гӯё кар бошанд, ки маро намешунид ва ё ман барои ӯ вуҷуд надоштам.

Вуҷудамро селобаи алам зер кард. Аз беқадрии худ, аз бемеҳрии фалаки каҷрафтор гулӯям фишурда шуда варам овард ва нафас дар дарун кургиреҳ мезад. «Наход, ман барои чунин рӯзҳо хуни ҷигар хӯрда шогирд тарбия кардам»– мегуфтам бо худ ва дилам дам меовард. Ба инсоне зор будам, ки мани зору низор афтодаро даст гирад, захми диламро шифо бахшад, рӯҳи шикастаамро бардорад.

«Хлеб тамом!»– эълон кард шогирди ман ва сиёҳиашро аз назди даричаи сехи нонпазӣ кашида рафт. Ин вақт чанд тан одамони деҳаамонро дидам, ки димоғсӯхта, аз рӯяшон барфу борон резонда наздам омаданд ва ҳолатамро дида гуфтанд: «Ҳоло ҳам ходавор истодаӣ? Аз афташ истоданамон дупула фоида надорад. Ин кинагири дилсиёҳ ба мардуми деҳаи мо хлеб намедиҳад ва ё диҳад ҳам, дар ин хунукии қаҳратун аввал ба касалии тарбод гирифторамон месозад ва ана баъд ҷонамонро ба ҳалқамон меорад».

Маълум. Инҳо Шамсиддинро маҳаллачӣ номиданианд. «Мардуми деҳаи моро баъди ҷанги шаҳрвандӣ чашми дидан надорад, чашми дидан– чи, сояамонро аз девор метарошад»– гуфтаниaнд.

Ин суханҳо, новобаста аз он ки ба сӯйи кӣ равона карда мешаванд, ба назарам виззоси занбӯрро мемонданд, ки дар бехи гӯшам садо медиҳанд. Нафратам меояд аз ин суханҳо, гурезонам аз ин вақ– вақу виззосҳо, ба ҳадде ки ба гӯшҳоям сурб рехтанӣ мешавам то бигузор кар бошаму онҳоро нашунавам. Охир, ҳамин суханҳо буд, ки дар кишварамон оташи ҷанги бародаркӯш забона зад, бародар душмани бародар гардид. Решаи ин гуна суханонро сӯзондан лозим аз беху бунаш то мисли аҷириқ васеъ паҳн шуда реша надавонанд.

Рӯз ним мешуд ва майдаборон гоҳе оштинамо меистоду гоҳе аз нав шиддат мегирифт. Аммо хотири ду дона нон, хотири шиками гӯшнаи кӯдакон зӯрӣ мекарду

қаторбудагон навбаташонро то сабру тавони охирин соҳибӣ мекарданд. Сар тар, китфон тар, пушту сина тар, зонуву по тар… Бигзор ҳама ҷо об гирад, аммо дасти тиҳӣ ба хона барнагардем. Хона интизори нон… нон… нон…

Хаёли ман ба Шамсиддин мепечад: Шамсиддине, ки тӯли чанд сол дар таълиму тарбияаш хуни ҷигар шудам, Шамсиддине, ки аз ғояти бепарвофалакӣ ҷонамро ба ҳалқ оварда буд ва ниҳоят Шамсиддине, ки хонандаи фаъолу пешқадам гардондамаш.

…Манро роҳбари синфи Шамсиддин таъин карданд. «Тақдири синф дар дастат. Ту фақат Шамсиддинро дар чорчӯбаи қонуну қоидаи мактабӣ дарорӣ шуд, дигар дастҳо дар киса мегардӣ»– бо суханҳои марҳамонаи худ рӯҳи маро чун насими баҳорӣ бардошт директори мактаб.

Таъкиди сарвари таълимгоҳ бе заминаи воқеӣ набудааст. Зеро Шамсиддин хуб худро ба азоб гузорад агар, ҳафтае як маротиба монанди меҳмони дерой қадамаш синфхонаро медид. Ва ман барои ба даст гирифтани Шамсиддини дарсқимобу гурезпо, тавре ки мегӯянд, камари ҳимматро аз ҳафт ҷояш маҳкам баста, мушт ба кундаи сина кӯфта: – «Сарамро ба санг мезанаму ӯро одам мекунам», – гуфтам. Ҳайҳот, ки ин бачаи сарсахту оҳанинҷон маро ба азобҳои ҷонгудозу тоқатнопазире печонд, рӯшантар гӯем агар, ба оташу об афканд. Рӯздармиён суркунак доштем– гоҳ мӯшу гурбе мешудему гоҳ сагу пишак. Тоқати дар дарсҳо нишастан надошт Шамсиддин, гӯё партаҳо мех доштанду ӯ нишаста наметавонист, мактаб ба ӯ ҳабсхона, қафаси танг менамуд. Ҳамин ки як соат менишаст, чун кафтар ҳӯй хӯрда аз мактаб бадар мерафт, сарҳӯй ва ҳел– ҳел гашта оламро зери пойи худ медид. Ана, баъд ман медонистаму уву худо ва даву парам. Лаб– лаби заҳбуру каналҳо, боғоту пахтазор аз ҳаку ҳук монда мусобиқаи «кӣ пеш ба марра мерасад» доштем.

Боре аспи ғайратамро лаҷом зада савор гардидам ва қатъӣ қарор додам, ки саҳари солеҳон пеш аз тулӯи хуршед Шамсиддинро дар ҷогаҳи хобаш харгӯшакворе дошта мегирам. То ӯро пойбанди мактаб, мурғи тухм хобондагӣ барин нагардонам, хобу хӯрро бароям ҳайф медонам. Ин амаламро қаблан ба падараш – амаки Каримдод иброз доштам. Ӯ гӯё ба хонааш кино мебурда бошам, завқ бурда

хандид ва дастҳояшро қаноти самолёт карда ба ду тараф ёзонду «мо тамошобин» гуфт.

Зимнан бояд гӯям, ки амаки Каримдод худаш ҳам ба мактаб он қадар рӯву ҳаво надошт, намедонист, ки фарзандонаш дар кадом синф мехонанду ба дарсҳо мераванд ё не. Вақто ки борхалтаи шикоятамро холӣ мекардам, ӯ раҳмхӯрона: «Не, ман ин сағираи шумро дигар ин хел худаш шоҳу табъаш вазир намемонам. Ҳоло тамошобин шав, чи хел бо қади ӯ ҷома пора мекунам», – мегуфт. Аммо дилам гувоҳӣ медод, ки ӯ гӯшашро девори қиёмат карда ин ваъдаҳояшро ба гӯшаи фаромӯшӣ мениҳад. Умуман, майнаи сарашро азоб дода арра намекард, ки писараш рӯз то бегоҳ дар мактаб соягӣ дорад ва ё дар кадом гӯру лаҳад, барояш ин чандон аҳамият надошт. Сабаби сарҳӯй мондани Шамсиддин низ асосан ҳамин буд. Вагарна чаро ман мурғи посӯхта шуда медавидааму ӯ тамошобин мешудааст?

Пагоҳӣ ҳанӯз офтоб сар накашида ба деҳаи Дилшод омада, вориди ҳавлии Шамсиддин гардидам. Амаки Каримдод аз файзу баракати субҳи содиқ дар танҳойӣ нашъаву ҳаловат бурда, оҳангеро зам– зама доштy бел дар даст ба полезаш об сар медод. Ҳамсараш – холаи Гулнора сару фук печонда шири навдӯшидаи говашро меполоёнд.

Амаки Каримдод, ҳамин ки маро дид, аз рӯйи одат «ҳо– ҳо– ҳо…» гӯён хандаи осмонкаф кард ва баъд бо овози баланд, тавре ки ҳама шунаванд, худ ба худ «Паъати Шамс, анна, акнун аҷалат расид, аз сад ҷонат як ҷонат ҳам намераҳад» гуфт. Ин дам дар хона мисле ки бачаҳо мор дида бошанд, вағочириғ ба гӯш расид ва кӯдаке дарро кушода: – «Шамс аз тиреза тирвор парида гурехт», – гӯён мужда дод. Дилам гуфт, ки амаки Каримдод аз афташ сабру тоқатро аз даст дода бегоҳӣ сари дастархон омадани маро лаққида мондааст ва Шамсиддин кундахоб бошад ҳам, бармаҳал аз хоб хестааст то мабодо ба доми ман наафтад. Ва ё шояд падараш махсус бо овози баланд шунавонд то ӯро гурезонад?

Ана, баъд суропешкунаки мо оғоз ёфт. Гӯё Шамсиддину ман машқи пагоҳӣ мекарда бошем, қади кӯча давиданамон тири аз камон ҳӯйхӯрдаро мемонд. Ягон– ягон занони кӯчарӯб мани муаллимро саҳари ҷеғи хурӯс дар деҳаашон дида, аввал бо чашмони худ бовар накарда ангушти ҳайрат

мегазиданд, баъд ба нимкосаи таги коса сарфаҳм рафта механдиданду фарёд мекашиданд: «Бача, Шамсро дор!».

Кӯчаро дар хок хезондаю паси сар карда назди заҳбуре расидем. Ба дил гуфтам, ки тамом, бача дар ҳавои хунуки тирамоҳ тани гармаки худро ба оби заҳбур намеандозад ва заргӯшак барин ба чанголи ман меафтад. Аммо бача бо як хез худро қулумбас ба об андохт ва мисли муши обӣ обро бурида аз байни луху қамишу вақ– ваќи қурбоққаҳо ба он тараф гузашт. Ман ҳам мардӣ аз даст нараваду нангу номусро аз худ бегона накунам гуфта худро ба об зада заҳбурро гузаштам. Хунукӣ аз кафи по то мағзи сар давида вуҷудамро пахш кард ва ба ларза андохт, лек баъди давидан гармӣ дар рагу пайвандам ҷӯшида қуввату мадорам барқарор гардид.

Аз пеш қабристон баромад. Шамсиддин рӯбоҳвор ба девор часпида он тараф гузашт. Ман ҳам думашро сар надода, деворро хазида гузаштам. Ана, баъд байни қабрҳо «мусобиқаи пешкунӣ» – амон шурӯъ гардид.

Ҳӯшам дар кӯҳи Қоф буд ё осмони ҳафтум, худам ҳам намедонам, ногоҳ аввал пойи рост ва баъд пойи чапам даруни гӯри кӯҳнаю валангоре даромад. Хаёлам мурдае маро назди худ кашид. Беихтиёр дод задам: «Вой дод, маро халос кунед!».

Як вақте ҳӯш ба сарам омад, ҷамъи одамонро дар теппаи сарам дидам, ки байнашон Шамсиддин зор-зор мегиристу чун абри навбаҳор рухсораҳои нозукашро тар мекард.

Баъди ин воқеа дасту поям меларзидагӣ шуд. Се рӯз азоим хонданду чилёсин кардам. Беҳ гардидам. Дар ҳафтаи дигар ба дарс рафтам. Шамсиддин ақлашро соҳиб гашта, гӯшашро кашида қасами чандкаратаи осмонӣ хурд, ки дигар ягон рӯз аз дарсҳо қафо намемонад. Ба қавли худ содиқ монд ӯ. Аммо баъди он воқеа дасти ростам то имрӯз, тез–тез набошад ҳам, гоҳ– гоҳ меларзад. Ана, « хизмати»– ӯ!. . .

…Овози ғафси хунуке маро аз дунёи хаёлот барканд.

– Шамс!

Шогирди ман омад ва рӯ ба рӯйи ҷавони каттадимоғи худро дар арши аъло медидагию атрофашро намедидагӣ рост истод.

– Бача, худатро гирифтаӣ, ку!– баъди саломуалейк тӯрхалтаро дароз карда гуфт ӯ.

– Дар сояи шумо гаштем-да, – хандида дарун рафт Шамсиддин ва аз он ҷо бо тӯрхалтаи пури нон баромад.

Даруни куртаи навбатбудагон мурча давидагӣ барин бесаранҷомӣ ба миён омад, аммо касе ҷуръати лабкушойӣ надошт. Барои зоракунӣ гардани ман ёрӣ намедод, вале аз карнайчӣ як пуф гуфтагӣ барин озмудам:

– Шамсиддинҷон, наход нон фақат ба рости ман тамом шуда бошад, аз пагоҳӣ боз хода шуда истодаам, танамро сармо бурд охир!

– Ту танҳойӣ муаллим? – чун шерри хашмолуд чашм ало кардаю песонда ғурунгид шогирдам.

Ноилоҷ дам фурӯ бастам.

Ин вақт Маҳмудҷони шогирдам– хонандаи синфи ёздаҳ, ҳамдеҳаи Шамсиддин, аз зарби хунукӣ шалғамосо суп– сурх пайдо шуд. Ӯ маро дида шарти одоб ба ҷой овард ва бо Шамсиддин чу ёрони ҳамдил гӯшакие карду тӯрхалтаашро дароз намуд. Баъд турхалтаашро пури нон аз дасти Шамсидин гирифта илтиҷоомез гуфт:

– Шамс, илтимос, ба муаллим ҳам деҳ, ба номи худо айб аст, маро дарс медиҳад, туро ҳам дарс додагист.

– Ту аз худат намон, – суйи ман каҷ – каҷ нигариста гуфт шогирдам ва афзуд, – Ақли ман ба ин чизҳо, худоро шукр, мерасад, «Осиёб бо навбат» гуфтаанд.

Аз қафо одамон бесаранҷом гардида сӯйи Шамсидин калобаҳои суханони пасту баландро мисли кулӯлабарф ҳаво додан гирифтанд. Аммо шогирди бемуруввати ман аз дарича худро мисли сағур дарун кашид.

Дунёро бин– а, – андешаҳои андуҳзо маро ба чанголи худ даровард, – Шогирд ҳукми шоҳа дораду устод гадора. Ҷанги наҳсовари бародаркуш қадри шогирдро ба осмон бардошту устодро ба замин зад…. .

Парвози хаёлам боз ба бачагии Шамсиддин мекучад. Ӯро ба дунёи хаёлотам роҳ доданӣ намешавам, аммо хаёлот аз ихтиёри ман берун аст, ба ман итоат надорад ва онро идора карда наметавонам. Шояд бинобар солҳои дароз мисли фарзанд тарбия карданам, таълим доданам ва муҳаббаташро дар қалбам ошён гузоштанам бошад?

Дониши Шамсиддин заррае маро қаноатманд накарда дар гирдоби ғам афканда буд. Хаташ пайи мурғро мемонд, базӯр бо ҳиҷо мехонд. Мисли ӯ барин бачаҳои дарсгурез, кундзеҳн,

дар хондану навиштан пиёда албатта дар ҳар синф буданд ва маъмурияти мактаб ҳам аз тори сари муалимони забону адабиёт мех куфта « Ҳатман босавод кун» намегуфтанд, зеро солҳои охири демократиябозӣ решаи таълиму тарбия, масъулияту талабот аз бехаш суст шуда меистод. Аммо виҷдонам маро ором намегузошт, ки шогирдам дар кӯчаи бедонишӣ раҳгум занаду ман чашмонамро пӯшида барои аз он куча озод гузаштанаш роҳ диҳам. Виҷдони ман на аз виҷдони он омӯзгороне буд, ки чунин шогирдро бо чунин камсаводӣ аз синф ба синф мегузаронида бошад.

Кор аз ибтидо бо тарзи дурусти навишти ҳарфҳо шурӯъ гардид. Ҳар рӯз машқи фақат як ҳарфро мегузаронидам. Дигар муаллимонро ба маслиҳат фаровардам, ки Шамсиддинро дар дарсҳои худ танҳо барои иҷрои супоришҳои ман машғул доронанд, меҳрубониашонро аз ӯ дареғ надоранд, дилашро ёбанд, мегӯянд-ку: «Мор бо ширинӣ бачаашро аз хонааш баровардааст ».

Ва ниҳоят мурғи бахт тори сарам нишаст, дастовардҳои таълим маро думболагир шуд, дарахти меҳнатам ба бор омад, мазмун дасти шогирдам дар навишт рост гардид. Баъдан ҳамаи нерӯи ақлонию ҷисмониамро ба тарзи дурусти хонишро фаро гирифтани ӯ сарф кардам: аввал ҳиҷо ба ҳиҷо, баъд калима ба калима. Соли дигар ба машқи равони хониши ҷумлаҳо, кашиши ҳарфҳою ҳиҷоҳо ва задаи мантиқӣ дар онҳо талош кардам. Ҳар рӯз бо навбат бо Шамсиддин дарсҳои иловагӣ гузаронида дари олами хонишро ба рӯяш мекушодам. Китобчаҳои зебои рангаю суратдор харида барои хондан ба дасташ медодам, то ин ки илҳоми хонданаш ба парвоз ояд, ҳатто дасташро гирифта ба китобхонаи мактабӣ ҳам аъзояш кунондам. Тӯли се– чор сол ба қаъри баҳри дониш фурӯ рафтаву дурри мақсуд ба каф оварда худро яке аз хонандагони дар одобу дониш намуна нишон дод. Сарвари синф, анҷомбахши корҳои ҷамъиятии мактаб буду сураташ қатори дигар хонандагони фаъол рӯзномаи девориро зеб медод. Ман дар байни омӯзгорони мактаб чун офтоби шӯъларез медурахшидам, нурҳои шӯълаборам ифтихори маъмурият буд. Худи Шамсиддин ҳам маро ҳамчун ғизобахши чашмаи маънавиёти худ дониста, ҳар куҷое ки набошад, бароям фазои муносиби иззату эҳтиром мекушод.

Пеш аз имтиҳоноти хатмкунии мактаб Шамсиддин ду–се маротиба аз пеши роҳам баромада майли ба ибрози андешае менамуд, аммо ҷуръаташ заифӣ мекарду аз раъяш мегашт. Ӯ берӯ, беҳурмат набуд, ки ҳар гапро ба рӯи кас лой барин похса занад. Вале ман қаъри дилашро кушода дидам, ки чи таҳшине дорад.

– Ман ба мактаби олӣ рафтаниам. Мегӯянд, ки агар баҳои панҷ бисёр бошад, дар озмуни дохилшавӣ ба назар мегирифтаанд, – лунҷҳояш хурмои пухтагӣ барин сурх шуда иброз дошт шогирдам.

– Аввалан, аксари баҳоят панҷ аст. Барои ҳамин аз ин хусус хотиратро ҷамъ дорӣ ҳам мешавад. Дигар ин ки дар ҷамъбасти чоряки чорум кадом баҳое насибат гардад, ҳамон ба номаи камолат медарояд. Ин ҷо ягон илоҷ имкон надорад. Сеюм ин ки одамизод бояд ҳамеша росткирдор, ростамал ва ростгап бошад. Роҳи каҷ ҳеҷ гоҳ ба манзили мақсуд намерасонад, – посӯх додам ман.

Вале Шамсиддин чунон дар ҳолати бечорагию дармондагӣ монд, ки гӯё ба гирдобе афтодаасту касе баҳри наҷот даст дароз намекунад. Тоқат карда натавониста гуфтам:

– Хайр, ба ҳар ҳол даву парамро ба кор медарорам, ку бинам то куҷоҳо мерасад.

Ростӣ ба хушк кардани баҳри орзу ва шикастани қалби кӯчаки шогирдам дилам нашуд.

Толеи Шамсиддин баландӣ кард. Имсол ҳам сарвари мактаб чун ҳамасола маро ба пур кардани номаи камоли хонандагон вобаста кард. Ва ман чашмонамро пӯшида, виҷдони покамро қурбони фиреб карда, як баҳои чори шогирдамро панҷ кардам. Аз мо чӣ меравад – баҳо! Лекин агар шогирдам ба мактаби олӣ дохил шавад, қадру қиммати омӯзгорони мактабамон як сару гардан боло мегардад. Гузашта аз ин Шамсиддин – шогирдам ба ҳама гуна баҳои баланд меарзад, – тасалло бахшидам худро.

Ҳайҳот… ба забон оавардан дилам намешавад. Толеи худи ман ба пастӣ рафт, зеро Шамсиддини бо пастию баландиҳои ҳаёт ноошно аз ин хусус пеши кадоме лаққида мемонад ва сир фош мешавад. Кори ҷанҷолӣ то ба шӯъбаи маориф кашола мешавад ва директори мактабро аз ғалбери танқид гузаронида сабукдӯш менамоянд ва ман ҳам беҷазо намондам.

Он шабу рӯз ман аз шарм замин намекафид, ки дароям. Худро ҳазору як маротиба ба гӯру лаҳад мезадам, ки чаро худро ба чунин пастӣ афкандам. Ба хотири донишҷӯ гардидани Шамсиддин худро ба олами беобрӯйӣ задам…

Ҳис кардам, ки танам хунук мехӯрад ва ё нам– нами борон ба мағзу устухонам кора карда бошад? Намедонам. То бегоҳ ба чанголи ягон беморӣ наафтаму бо пойҳои худам танамро ба хона кашида барам шуд, ана баъд сармо мебарад, гург мехӯрад, майлаш, мо дар ҳукми худо. Ин ҳоле, ки ин шабу рӯз ман дорам, саг надорад ва парвардигор ҳеҷ як бандаашро ҳам насиб нагардонад.

Рӯз ҳам хеле рафта буд. Лаҳзае пас мебинӣ, ки шом фаромад ва то рӯзи дигар ба мо, бетолеъон, хоби хуш орзу мекунад. Як рӯзи дарозро, ки ман – як мардаки калону саробони хонавода, нонёбу нондеҳи кӯдакон барои ду дона хлеб дар ин ҷо кӯр кардам ва ҳоло маълум ҳам нест, ки он насибамон мешавад ё не, баъд шикам сер мешавад ва ё хонаву дар обод мекунем?

Ҳоло кӯдакон ба чӣ машғулияте андармонанд? Маълум ки дастархони холии нимирӯзиро кушода оҳи сард аз дили пурдард кашиданд. Хайр, очаашон ягон дами гарм пухта диҳад– ку хуб, вале як чиз маълум буд ва аз алам гулӯгирам мекард, ки чашми кӯдакон рӯзи дароз ба роҳи ман нигарон буд, аз раҳпойӣ кӯки чашмонашон кандаю тоқаташон тоқ шудагист…

Ҳоло ҳам дар сафи пеш ман қарор дорам. Ба қафо менигарам– одамон дар навбатанд ва аз ҳар дар майдагапӣ карда гузашти вақтро ноаён мегардонанд. Аз чеҳраашон бе душворӣ осори дилтангиро хондан мумкин.

Ин дам Шамсиддин даричаашро кушоду бӯйи гарму лазиз ва иштиҳоовари нон ба димоғ зад– бӯйи ҳаёт, бӯйи умеди нек ва фардои зиндагӣ! Маълум ки нони навбатӣ пухта расидааст. Дар ин лаҳза бару пеши ман аз одамони нав пур гардид. Боз худро тасалло додам, ки навбат навбати ман, инро Шамсиддин ба надонистан ҳақ надорад, чунки ман мисли ҳаво дар таги биниаш истодам. Агар ин дафъа надиҳад, сад бори дигар мисли тавбахоҳон пеши пояш ба зону зада гарди доманашро тоза кунам ҳам, намедиҳад, ки намедиҳад. Хубаш, ки нангу номус ва шарафи мардии худро бо обрӯи Муҳаммадам нигоҳ дораму

наздаш «Шамсиддин ба ман». «Шамсиддин, илтимос…» гӯён зоракунон гадо нашавам.

Аввал муштзӯрон– милисаҳо, боявикҳо, баъд хешону ошноҳо, ҳаммаҳалаҳои худи Шамсиддин ба ҳаққу ҳуқи худ соҳиб гардиданд, ниҳоят навбатбудагон нон гирифта тавонистанд. Ман гоҳ– гоҳ пул дароз кунам ҳам шогирдам нигоҳи хешро сӯям арзонӣ намедошт.

– Хлеб тамом! – эълон дошт Шамсиддин.

Ин дафъа танҳои танҳо, бе пушту қанот, қаландари бехона барин мондам. Вале аз байн фосилае нагузашта ду ҷавони сиган омад, ки онҳоро ман хуб мешинохтам. Номи Шамсиддинро гирифта дариҷаро баланд– баланд тақ– тақ заданд. Шогирдам баромад. «Хлеб даркор!» гуфтанд. Шамсиддин аввал маро дида ба онҳо «нест» гуфт ва баъд хандида «шӯхӣ кардам» гӯён бағали ошноӣ кушод. Ошноҳо панҷ донаӣ хлебро соҳибӣ карда аз подоши иқболи худ шоду масрур чорхез заданд.

Аллам дар гулӯям печид. Ҳавзи чашмонам пуроб гардид. Ягон беинсофи аз кӯчаи одамият дур маро ба ин дараҷа хору зор накарда буд. Наход, ҷанги бародаркуши лаънатӣ дар қалби ин ҷавоне, ки барояш дар мактаб хуни дил хурдам, ғаму кулфатҳо кашидам, ин қадар заҳри маҳаллачигӣ, кинаву кудурат, хусумату бадбинӣ ҷой дода бошад? Охир, ярокро ярок шунида бошам, касеро «ту фалонҷойӣ» нагуфта бошам, аз гурезагӣ навакак тарсу ваҳм дар дил баргашта бошам, пас чаро шогирдам ман– устодашро дар гирдоби маҳаллачигӣ чархонда душмани худ меҳисобад? Наход, қадру қиммати як сиганеро, ки аз баданаш бӯйи ҳафт хар меояду дар як моҳ ӯро мебинад ё не, дар ҳурмату эҳтиром аз мани муаллимаш болотар гузорад. Ноодамию песигарӣ аз ин зиёдтар намешудагист охир. Эҳтимол думи касофатию касратии ҷанг то ба ин ҷойҳо мерасидааст ва аз ин ҳам дарозтар шуданаш мумкин асту ман онро ҳанӯз дарк накардаам. Шояд…

…Рӯзе Шамсиддин ба хона омада аз падараш даҳони халтаи ҳасрат кушод, ки ӯро барои хондан ба шаҳр дасти ризоият надода истодааст ва ман – муаллимаш рафта мурвати сахту мустаҳками норизоиашро суст гардонам. Дар ин ҳолат ман ноилоҷ будам ва ғайри рафта шогирдамро аз доми мушкилот раҳо кардан чораи дигар надоштам– шогир-

де, ки дар гирдоби азоби ӯ ҳазорҳо бор печутоб хурда баромадаам ва акнун давраи шаҳди он азобҳоро чашидан фаро расидааст.

Соҳибмаълумоту мутахассис гардидани фарзанд– ку обрӯи падар ва гардани баланди ӯст, вале чаро бобои Каримдод якравӣ доштааст?

Ба деҳаи Шамсиддин рафта бо бобои Каримдод ҷомаи маслиҳатро пора карданӣ шудам. Э, ҳа, тавре мегӯянд, мӯйсафед дар деворҳо баромада буд. Дилашро холӣ кард:

– Муаллимҷон, ҳақиқатан дар тарбияи бачаи ман қариб ки аз пову пар мондаед. Ман то осмон миннатдор. Лекин, муаллимҷон, офтоби умри мо ҳам дар ғуруб будаю поямон ба лаби гӯр расида. То панҷ сола кӣ зинда?! Хубаш ки пеши чашмамон гардаду қуввати диламон бошад. Хайр, агар дилаш ин қадар ғуломи илму донишу ҳунар гардидан бошад, дар ноҳияи худамон ҳам мактаби тракторчигӣ ҳаст. Садди роҳаш намешавам. Ҳозир касе тарктор дорад, хуни рӯ дорад. Таноби умри мо, ки канд, ана баъд мактаби олира ҳам хонаду инҷенер шавад.

Дарди мӯйсафедро ҳис кардам– дарди умр, дарди ҳаёту мамот буд. Бори маънии суханҳояш дар тарозуи ақл вазнин намуд, ҳарчанд ки ҳатман ба шаҳр барои хондан рафтани шогирдамро мехостам. Шамсиддинро фаҳмондам ва иброз доштам, ки агар тавонад ба гуфтаҳои падар амал кунад то дар дами пирӣ асо гардида бори умеду орзуи ӯро бардошта тавонад. Мӯйсафед озурдаю шикастадил ва норизо аз ҳаёт равад агар, ӯ пешпои сахти зиндагиро хурда ҳеҷ гоҳ баракати рӯзгорашро намебинад.

Шамсиддин хонда тракторчӣ шуду худро дар шохи себи хубонӣ дид. Ду– се сол дар колхоз ба кори таъмири тракторҳо часпида даруни рӯғану дилу ҷигари техника кирми лойхӯракворе хеле ҷӯлид. Мехост ҳарчи тезтар колхоз барояш трактор диҳаду худро сари чамбари он дида дар фармони халқу ҷамъият бошад ва дуои хайр гирад. Ӯ бо ин мақсад рӯзе наздам омада дари ниҳонхонаи умеду орзуяшро кушода гуфт:

– Муаллимҷон, назди раис рафта илтимос кунед. Охир, борҳо гуфта будед, ки раис шогирдатон. Дигар ин ки раис аз деҳаи шумо.

Раиси колхоз ҳам шогирдам буду ҳам аз деҳаам ва ҳам

бо ман раги хешутаборӣ дошт. Ҳаққи «не» гуфтан надошту суханамро намешикаст. Агар шогирди собиқ дар зиндагӣ дасти шогирди имрӯзаро гирад, аҷаб пайванди хубе мешавад. Ҳеҷ ҷои радду «не»– гӯӣ нест. Охир, Шамсиддин маълумот дорад, ҳунар дорад, часпу талош дорад. Раис баъд пушаймон намешавад.

Ба шогирдам гуфтам:

– Майлаш, озмуда мебинам, «Аз карнайчӣ як пуф», – гуфтаанд. Вале на ба хотири он ки раис ҳамдеҳаам мебошад. Мо бояд ба гуфтани «аз деҳаи мо», «аз деҳаи шумо» барин гапҳо роҳ надиҳем, зеро ин мафҳумҳо тобиши маҳаллгароӣ доранд. Обу хоку ҳавои ҳамаи мо аз як диёр– аз Тоҷикистони азиз мебошад.

Раис суханамро нашикаст. Ва даричаи орзую ҳаваси Шамсиддин ба рӯяш кушода гардид. Аз хурсандӣ парвоз кардан мехост. «Агар шумо, муаллимҷон, дасти кӯмак дароз намекардед, сару даҳанам ки медонад, шояд даҳ сол олудаи рӯғани трактор мемонду чамбари онро ҳатто дар хоби шабам орзу карда наметавонистам– мегуфт ҳар лаҳза ва дар охир меафзуд, – ман то осмон аз шумо миннатдор, муаллимҷон. Ҳар гоҳ ки кор ғалтад, гап занед, «Аз шумо ишора, аз мо ба сар давидан».

Ҳайҳот, ки баъдтар оташи ҷанги бародаркӯш забона заду аз сабзаи тар то чӯби хушк даргирифт. Мардум қисме душмани ҳамдигар шуда ба сари якдигар корд кашид, қисме чун нахчири аз садои тир гурезон ба ҳар гӯшаи диёр, ҳатто берун аз хоки кишвар, фирорӣ гардид. Имрӯз бошад, мо рӯйе надорем, ки ба ҳамдигар бингарем, тавре ки Шамсиддин хусумат варзида ба ман нон надода истодааст.

…Омадани ду нафар ҷавони бароям тамоман ноошно мани асири хаёлоти ба қаъри ҳаёти Шамсиддин фурӯрафтаро ҳушёр кард. Онҳо мисли аҷинашамол тезу берӯ, гӯё иҷрои кадом кори вазнин– ба хаёли ман ҳатто хатарнок дериашон мекарда бошад, гизала меомаданд. Харакати ҳарду диққати дигар одамони дар навбат аллакай мисли мӯру малах ғун шудаистодаро низ чун оҳанрабо ба худ кашид.

Ношиносон даричаи сехро бо мушт базарба– базарба кӯфта, Шамсиддинро хонданд. Дарича кушода шуда Шамсиддин калла баровард.

– Гуфтагиро биёр, – овози яке омад.

– Гуфтагии шумо дар ман нест. Дар касе бошад, аз ҳамон гиред.

– Хайр, шарти қозӣ се бор аст. Се бор омадем, ҳамду сано нашуд, акнун аз худат гила кун, – гуфт дуюмӣ ва ногаҳон ҳарду Шамсиддинро аз дарича мисли барра берун кашида партофтанд.

Ман ки навакак аз гурезагӣ баргашта будаму заргӯши аз пайдошавии гург ҳамеша ҳаросдоштаро мемондам, ба танам ларза афтод.

Аз назди мо каме дуртар амборхонае воқеъ буд ва он дунафара Шамсиддинро ба ҳамон тараф кашола карданд. Маълум буд, ки дар кори ҳарсе сиёҳие афтодааст.

Дар як лаҳза бозори гап ҷӯшид:

– Ба фикрам, налог бастаанд.

– Ҳа, ҳамин хел барин. Акнун, хурдагиҳои Шамс аз пати биниаш мебарояд.

– Не, онҳо боявикҳои бо Шамс дар давраи ҷанг шиносшуда мебошанд. Тилло доштаанд. Вале он гум шудааст. Акнун аз Шамс гумонбаранд.

Ман, ки дилам аз беэътиноии шогирди нохалафам монда буд, парво накардам. Аммо ҳамин дам фарёди ҷонхарошу имдодталабонаи «маро халос кунед!», «маро куштанд!» баланд гардид, банди дилам аз бехаш кандагӣ барин шуд. Ё тавба, дили одамизод чанд рӯ дошта бошад?– мепурсидам аз худ, – гоҳе аз ғазаб ба кафидан меояд, гоҳе аз раҳму шафқат бирён мешавад».

Ҷамоаи одамонро нигариста гуфтам:

– Рафта бечораро халос кунед аз чанголи гургҳои баррахӯр, мабодо хомталош накунанд, савоб мешавад. Нонпазҳои дарун дарак надоранд, ки омада наҷот диҳанд.

Аммо ҳама гӯё занҷирбанд бошанд, аз ҷо наҷунбиданд, ҳатто ҳаммаҳалаҳои худи Шамсиддин тамошобин гардиданд. Шояд рагу пайвандашон ба дард меомад, вале барои халосдиҳӣ ҷуръат надоштанд. Кадоме шунаво гуфт:

– Э, ҳа, мо муқобили одамони яроқдор дасти зӯр надорем.

Лаҳзае худамро дар худ надидам, ман ман набудам. «Наход… наход… Шамсиддин… шогирди маро қасди ҷон намоянд, ниҳоли мевадорро хазон гардонанд. Он гоҳ ин қадар ҷонканиҳо ва заҳматҳои кашидаи ман куҷо мешавад?

Ман одам тарбия кардам, ки то охири умраш гулистони ҳаётро сероб гардонад, рӯзгорро сафо бахшад, ба мардум дасти некӣ дароз кунад, на ин ки дигарон дар ҷавонӣ шохаи умрашро шикаста партоянд.

Ва ман дав гирифтам ба сӯйи онҳо. Гӯё гирдбод будам, ки тунду тез мевазидам, тундар будам, ки меғурридам. Чун наздик омадам, он ду нафарро дидам, ки шогирди маро рӯйи замин хобонда тӯби футбол гардондаанд. Зарбаҳо чунон бераҳмона буданд, ки хаёлам ҳама ҷои бадани Шамсиддин лахт-лахт гардида замини шудгоршударо хоҳад монд.

Чун ман наздик омадам, овози якеашон ба гӯш расид:

– Не, ту бо шатта намемӯрӣ, аҷали ту корд…

Ва ногоҳ дар дасти ӯ дурахши корди ялаққосиро дидам. Хаёлам корд дар бадани шогирдам халидагӣ барин шуд ва ҳатто аз бадани ман ҳам гузашт. Наъра кашидам:

– Нарас, золим, вай шогирди ман!

Ҳарду ҷоду шудагӣ барин якбора бозистоданд ва мисле ки «боз ин аҷалрасида аз куҷо пайдо шуд?» мегуфта бошанд, мунтазири амали ман шуданд.

Дар давраи ҷанги бародаркӯш худо мегуфтам, ки ба ҷарӣ ғалтаму ба чанголи одамкӯшон наафтам. Ин на барои он ки ҷонам барои худам ширинӣ мекард. Не, барои он ки дар ҷарӣ дасту поям шиканад ҳам, шояд зинда монаму соябони сари фарзандонам шавам, қарзи падариамро то охири умр адо кунам. Дар ин давраи гадоӣ ман набошам, кӣ нони даҳони онҳоро ёфта медиҳад? Агар ман имрӯз аз пагоҳ то бегоҳ барои ду дона нон ҳайкалвор рост намеистодам, каси дигар рост меистод? Ҳеҷ гоҳ! Ҳоло– чӣ? Ҳоло ҷони шогирдам ҷони фарзандонам барин, ҳатто аз ҷони худам ҳам ширинтар намуд.

– Шамсиддин шогирди ман! – бехудона ва бо ҷаҳл пеш давида лагади сахти обдоре ба шиками корддор фаровардам. Корд мисли моҳии лағжонак аз дасташ парида ба замин афтод ва «воҳ лаънатӣ!» гӯён дудаста шикамашро дошт. Бо ҳамон шасту ҷазабаи тез муште ба даҳони нафари дуюм фаровардам ва шароққоси дандонҳояшро шунида дилам гуфт, ки ягонтоаш обод намонд.

Занозании шадид сар шуд. Лаҳзае чашмам ба Шамсиддин афтод, ки нимҷон ҳаракати аз ҷо хестан карда

«муаллимҷон… ман… ҳозир…» мегуфт. «Хайрият, муаллиматро ба ёд овардӣ»– заҳрханда кардам бо худ.

Намедонам ин қадар ғаюрию бебокӣ, ҷасорату нотарсӣ ва неруи ғайриоддӣ дар вуҷуди ман аз куҷо ва чӣ тавр пайдо шуд ва ё касе онро аз ғайб бароям «тӯҳфа» намуд? Тарсу ваҳм гӯё аз ман гурезон гардида буданд. Худро дар майдони машқ дидагӣ барин муштҳоям, шаттаҳоям, ҷаҳиданҳоям чунон бехато, сахту нишонрас ва чолокона буданд, ки ба худам шубҳа пайдо мекардам: «Ин манам ва ё ягон қувваи берунаи дар шакли ман даромада?».

Қувваи муборизаи он ду роҳзан дар назарам ҳақиронаю заифона, бечораҳолонаю беморони нав аз касалхона ҷавобшударо мемонд. «Ҳа, зӯрии шумо дар ароқатон» ботинан хандидам ба ҳоли онҳо. Вале ногоҳ дар баданам аввал аз пои рост ва баъд аз дасти чап сӯзишеро ҳис кардам. Дилам гуфт, ки номардҳо зӯрашонро ба корд бурданд. Пеши чашмонам тира гашт, дунё дар назарам чаппагардон шуд. Аввал «гурехтем» гуфтани он ду нафар ва баъд ғалоғулаи одамонро шунидаму ҳӯшамро бохтам.

Дар ҷарроҳхона ҳӯш ба сарам зад. Хира– хира чашмонамро мекушоям: аҷабо, киро мебинам? Кист дар пеши манн? Наход, Шамс…

Шамсиддинро мебинам, ки бо гардани кашол, сару рӯйи варамида рӯ ба рӯям, сари болинам нишастааст. Боз пеши чашмонам тирагун мегардад ва овози одамон ба гӯшам мерасад:

– Муаллим, чашмонатро кушо, шогирдат, Шамс, се шабонарӯз шуд, ки аз сари болинат намехезад. «Ман дар назди муаллим гунаҳгорам» мегӯяд.

– Ҳа, рост, чашм кушоед, муаллим, Шамс «то муаллим гуноҳамро набахшад, ба даҳон об намегирам» мегӯяд. Бечора шогирдат якбора обу адо шуда монд, бе ин ҳам худаш зарбу лати зиёде хурд.

Зӯр зада боз чашм мекушоям. Пеши чашмонам Шамсиддинро мебинам. Ӯ ба ман менигарад– ман ба ӯ. Нигоҳҳо дар пардаи хомӯшӣ роз мегӯянд– розҳои овони мактабхонии Шамсиддин, азобҳои аз барои ӯ кашидаи ман ва боз дар ҳавои маҳалбозӣ кинаву кудурат парвардани ӯ ба ману як рӯзи дароз бо ду дона нон қадр накарданаш.

Ногоҳ дидам, ки аз чашмони шогирдам ашк мерезад.

Бале, он қатраҳои ашк буданд – ашки пушаймонӣ. Зӯр зада «Оҳ, шогирдам» мегӯям ва аз чашмони ман ҳам ашк метаровад– ашки нафрати ҷанг, нафрати маҳалгаройӣ, нафрати гурӯҳбозӣ…

## КАМБАҒАЛӢ

Тирамоҳ бо қабои заррину сукути роздори пиронааш фасли хирадро мемонд. Дар саховат ҳам худро камҳиммат наҳисобида дасткушодиашро нишон медод. Дасти сахои он, билхосса, барои мардуми бенавою фақир, нодору камбизоат кафолати зистан буд. Аз ин лиҳоз чунин тоифа мардум ба тирамоҳи зарнигор, фасли ҳикмат шукргузор буданд.

Аммо нақораи шикамро фақат бо як бахшишҳои тирамоҳи савобҷӯ наметавон хомӯш гардонд ва ё дигар паҳлӯҳои зиндагию шикасту рехти рӯзгорро сомон бахшид. Ба мисли ҳамин камбағалӣ чун корд ба мағзи устухони Исо расида буд, душмани оштинопазир буду чашми дидан надошт онро. Меандешид: «Камбағалӣ мисли тортанак аст. Агар тортанак ба хона харобӣ орад, камбағалӣ наҳсу шумӣ меорад. Харобию наҳсу шумӣ бародари ҳамдигаранд». Ва боз ба назари Исо чунин менамуд, ки камбағалӣ мисли гурге, ки изи пои оҳуро гирифта дунболагир мешавад, аз домони ӯ доштааст ва ҳатто ишора мекунад, ки «биё, ба аҳдномаи дӯстӣ мӯҳри ризоият гузорем». Вале Исо ботинан бо хашм бонг мезанад, ки «нопадид шав, хуни моро макида қариб тамом кардӣ. Ту аз дунболи худ гуруснагӣ меорӣ, гуруснагӣ бошад маргро. Шумо бародарони Аҳриманед, як кулӯла заҳри ду қисмшуда».

Дар хона рӯған тамом шуду деги пухтупаз се рӯз боз чаппа мехобид, яъне ба ин қарибиҳо рӯғандоғро диданаш дар гумон. Чашми хонавода ба Исо, сутуни хона дӯхта шуда буд, ки онҳоро аз гирдоби гуруснагӣ чи сон наҷот мебахшад. Инояти худо буд магар ки дар ҳамин лаҳзаи сарро ба санг задан дар осмони орзу ситораи толеъ чашмакӣ заду нафақаи модари Исоро оварда доданд. Ҳавлию дар ба тӯйхона табдил ёфт, мисле ки шамоли ғаму андӯҳ ҳеҷ гоҳ аз бари онҳо гузар накарда бошад, чеҳраи сабзгуни Исо аз шодӣ мешукуфт, нигоҳи чашмони сиёҳаш барқ мезад. Бо

овози борику форам нидо мекард: «Имрӯз рӯзи худодод, рӯзи шикамсерии мост!»

Исо дар ҳол ба бозор омад. Сароғоз дар зарфи майдаҳаҷме рӯған харида вориди бозори сабзавот шудан хост. Ҳамин ҳолат тири нигоҳаш ба Маҳмуди дарози зард, ҳамсабақи овони мактабхониаш бархӯрд, ки қатори мошинҳои мусофиркаш, назди мошини худ бо нафаре гапхойӣ дошт. «Мусофир мепояд» – аз дил гузаронд Исо.

Ҳамсабақон бо ҳам вохӯрикунон дасти ошноӣ фишурданд, дар хараки канори роҳ нишаста, баргу чарги зиндагиро шамол доданд. Исо ҳис кард, ки табъи дӯсташ мисли боди тирамоҳӣ гирифтаю гуфтаниҳои зиёде дар таҳхонаи дилаш таҳшин шудааст. Ва ҳамин ки шохаҳои дарахти рӯзгорро ларзонданд, Маҳмуд якбора чашмони калон– калон кабудашро фиртос тоб дода, мӯйи зарди ба як тарафи сараш шонакардаашро тез– тез ба тартиб оварда, бо овози ғафси хиррӣ ба холӣ кардани дили таҳшинаш оғозид, гӯё ҳамин лаҳзаи деринтизорро мепоид.

– Ин тарозуи зиндагиро нафаҳмидам, дӯстам, ҳа, ҳеҷ сарфаҳм рафта натавонистам, шояд ақлу иродаам кӯтоҳӣ кард, ҳол он ки синнам ба таги панҷоҳ панҷа мезанад. Як паллаашро лаболаб пур кунӣ, паллаи дигараш холӣ мемонад, паллаи холиашро лабмол пур кунӣ, паллаи пураш «ана, ман холӣ шудам» мегӯяд. Бовар мекунед ё не, ягон бор мувозинаташро нигоҳ дошта натавонистам.

– Ман низ ҳамсолат, ҳамсабақ, мисли ту дар гирудори зиндагӣ раҳгум зада мондаам. Хайр, чи илоҷ, сабру тоқат гуфтаанд, аз сабр ғӯра ҳалво мешавад, – бо овози борику маҳин гуфт Исо, ки худ чафобину боркаши рӯзгор буд.

– Гапат ҳақ, тоқат кардан лозим меояд, вале то кай? Вақте ки осмон омада ба замин часпид? Чаро мо хаскашу хоркашу аробакаши ҳаёт шуда гадоён барин зиндагӣ мекардаему дигарон худро дар осмони ҳафтум дида, фармонфармоӣ мекардаанд! Хайр, агар гаҳвораи онҳо аз осмон фаромада бошад, мегуфтем, ки авлиёю анбиёанд, аммо чунин нашуда– ку. . .

Исо ғубори ғаму андӯҳи дӯсташро ҳис карду рӯғани доғшудагӣ барин ҷаз– ҷаз сӯхт. Хаёлаш рафт, ки хонаи ӯ ҳам бе рӯған мондаасту дегаш мехобад, мисле ки камбағалӣ меҳмони хонааш шуда бошад. Хайр– чӣ, магар

хонаи ронандагони мусофиркаш ҳеҷ гоҳ бе рӯған намемонад? Чаро не? «Ҳар зоғею ҳар доғе» ва «Зиндагӣ ойинаро мӯҳтоҷи хокистар кунад» гуфтаанд.

Исо бо худ андешид: «Рӯғанамро ба ӯ диҳам– чӣ? Аз дасти ман фақат ҳамин қадар некӣ мерасад. «Некӣ куну ба дарё андоз» гуфтаанд. Ҳар инсон пеши пояшро нигариста қадам мегузорад, гуфтаанд– ку: «Поятро ба чени кӯрпаат дароз кун».

Чун Исо дасти ёрӣ дароз кард, Маҳмуд: «Чӣ, ту маро талбандаи кӯча хаёл кардӣ?» – гӯён занҷири дӯстиро пушти по зада зарфи рӯғанро мисли тӯб болои майсаҳои дуртар аз канори роҳ ҳаво дод. Вале боз чи андешаи эҳтиромпазире ба сараш омад, ки рафта онро бардошта овард, дар ҷумаки об шуст ва ба Исо дарозкунон «мебахшӣ, ҷӯра, ғазабам якбора ҷӯшида рафт» гуфт.

Ҳине Маҳмуд нимкосаи таги косаро ошкор сохт, Исо ангӯшти пушаймонӣ газид, ки чаро худашро назди ӯ соддафеъл, ақлашро баробари ақли кӯдак нишон дод. Шафтолуи гап ин ки Маҳмуд дар ҳашт ҳазор доллар мошини нав хариданӣ будааст, вале ду ҳазораш нарасидааст. Аз алам лаб мегазид, дилаш дар қафаси синааш дам меорад, ки чаро маҳз толеи ӯ ба пастӣ рафта кабӯтари армонаш дар фазои ҳавасу орзу оҷизона бол мезанад. Дар ин замонаи ҳар касу дави аспаш одамони сармоядор ду ҳазорро пул ҳам ҳисоб намекунанд, аммо ӯйи бетолеъ ҳамин миқдор пули ба назари онҳо ночизро ҳам надорад.

Исо бори дигар амали соддалавҳонаашро ба ёд овард ва ба ҳоли худ хандид, шармаш омад, ки «мо дар чи хаёлу фалак дар чи хаёл».

Аз ҳисоби нафақаи модар дар хона дастархони хоксорона густурданд, палаве нӯши ҷон карданд, ки маззаашро ба ёд орӣ, оби даҳонат мешорад. Чунон фазои хушҳолӣ падид омад, ки гӯё дар хона тифли нав ба дунё омада бошад. Гӯё бо шикамсерии якрӯзаи хонадон ғубори камбағалӣ бо фазои тираю тори худ аз ёд фаромӯш гардид ва ё худи вай сояи шумашро кашида рафт…

Хурсандӣ дер напоид. Камбағалӣ, ки мисли пашшаи хира ҳамеша дар таги бинии Исо, дар ҳар нафаси кашидаш ҳозир буд, боз ба суроғи хонаводаи ӯ баргашт, салом гуфт.

Хонавода се рӯз бе нон монд. Чӣ бояд кард? Ҳама чизро

фиреб додан мумкин, аммо шикамро не. Моргазидаро хоб мебараду гӯшнаро не, гуфтаанд. Исо мӯйи сиёҳи ҷингилаашро бо панҷаҳояш шона карда, бинии андаке болоашро хорида чораи кор меҷуст, вале ку чорагари мушкилот?

Ниҳоят қарор доданд, ки дарзаҳои алафи каҳхонаро мефурӯшанд, охир нодорӣ мисли наҳанг моли хонаро якта– якта ба коми худ кашида буд ва ба нигоҳ доштани алаф зарурат ҳам намонда.

Исо пули алаф дар киса аз назди бозор мегузашт, ки парвози нигоҳаш ҷониби қароргоҳи мошинҳои мусофиркаш сайр карду дӯсташ Маҳмуди дарози китфвасеъро дод. Ӯ ҳамроҳи ронандагон дар канори роҳ, назди мошини хориҷӣ, мусофир мепоид. Мошини нав зери нури офтоб медурахшид, дурахшаш чашм мерабуд. «Ба ҳар сурат кабӯтари орзуяшро даст гирифтааст, дигар ягон ғаму ғусса ӯро соягӣ намекунад» – андешид Исо ва аз дур хушҳолона ба ӯ бағали вохӯрӣ кушод, сиҳатии фарзандон, вазъи рӯзгор ва кайфияти ҳол пурсид.

Э, ҳа! Маҳмуд ончунон ошуфтаю дар гиребоии ғам печида буд, ки гӯи аловхонааш оташ гирифта бошад. Ҳине ки болои харак нишастаю хирмани андешаи рӯзгор бод додаю ҳоли ҳамдигар иброз доштанд, Маҳмуд ба сони бензин даргирифт. Чашмони калон– калони кабудаш аз ҳаяҷон тобхурон чунон барқ мезананд, ки як гапаш гапи дигарашро дарёв намекард.

– Ҷӯраҷон, ту гӯй, мо то ба кай мисли қаландарон ҷанда пӯшида гушнаю ташна мегардем– а? Ё мо алафи шӯракем, ки дар ҷойҳои беоб мерӯем? Ҳаёте ки якат ду нашавад, зиндагие, ки орзуятро шикаста натавонӣ, ба қуллаи мақсуд нарасӣ ба кӣ лозим? Ана, мебинӣ, ман ягон рӯз худамро ба дарахти тут меовезам, чунки зиндагӣ мисли аждаҳо маро ба коми худ фурӯ бурда истодааст.

Аз «худамро ба дарахти тут меовезам» гуфтани Маҳмуд як қад парид Исо, бадани кулӯлааш ларзид. Чунин натиҷагирӣ кард, ки ин дафъа ҳам тиҳидастӣ, возеҳтараш бепулӣ, тавре ки варами пучак бадани инсонро сӯзонда азоб медиҳад, вуҷуди дӯсташро азоб дода истодааст. Охир, он чи дар бисот дошт, ёфтаву тофтаашро дода мошин харид, акнун дар кисааш як сомон ҳам меҳмон намешавад. Ғарибнолагии ӯро мешунаведу ба додаш расам мегӯед.

Исо қарор дод, ки ҳарчанд деви гуруснагӣ дар хонаи ӯ ҳукмронӣ дорад, маблағи доштаашро ба дӯсташ мебахшад то аз азоби рӯҳӣ наҷот ёбад, мабодо худашро ба доми бало андозад? Гуфтаанд-ку: «Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст, дар парешонҳолию дармондагӣ». Исо бори дигар ба хафи даҳони калон, араққҳои лунҷҳои сурхи аз фарбеҳӣ варамидаи дӯсташ нигариста хавф бурд, гӯё дар чеҳраи ӯ пешомади нохушеро хондан мумкин буд.

– Дӯстам, аз дасти ман ҳамин қадар ёрӣ меояд, ками маро ба ҷои бисёр қабул кун, – гӯён Исо аз дили соф маблағро ба кисаи Маҳмуд хаст.

Чеҳраи Маҳмуд якбора гули пахта гардид. Пурсид:

– Чандта?

– Чӣ хел чандта? – нафаҳмид Исо.

– Чанд ҳазор доллар мегӯям?

Дасту пои Исо суст гардид. Хиҷолатзада гуфт:

– Барои як халта орд мерасад.

Аз ғояти ғазаб вуҷуди Маҳмуд чун мотори мошин ба ларза даромад. Ӯ пулро баргардонду бо лабони ҷӯшида гуфт:

– Ҳозир пули як халта орд дар кисаи ҳар як кӯчагард мегардад. Чӣ, ту маро кӯчагард хаёл кардӣ? Алами ман барои он дуд мекунад, ки хонаеро барои писарам дар сад ҳазор доллар хариданиам, аммо панҷ ҳазораш намерасад, шутур ҳама борро бардоштаасту элакро не.

Аз ин суханон чеҳраи сабзинаи Исо арғувонӣ гардид, нигоҳи чашмони сиёҳаш шармид. Ӯ худро дар назди ҳамсабақаш мӯрчаи ба чашм нонамоён тасаввур кард, яъне Маҳмуд фил буду Исо мӯрча. «Мардак самолёт харидани сту ман бошам ӯро пиёда хаёл карда велосипед бахшиданиам» рамздор ба бефаҳмии худ баҳо дод Исо.

Ҳамин ки аз як халта орди харида овардаи Исо дар хона нону кулчаҳои ширину бомазза пухта рӯи дастархон рехтанд, аҳли байт аз бӯи иштиҳоовару ҳаври онҳо дунёи фониро фаромӯш намуда, худро дар ҷаннат тасаввур карданд. Чунон муҳити фараҳмандию ризоият ба вуқӯъ пайваст, ки гӯё ин хонадон як умр ана ҳамин зайл дар боғи Ирам зиндагӣ дошта, гули саодат дар хонаашон шукуфон буд.

Рӯзҳои вазнин боз Исоро истиқбол кард, фазои харобӣ хонаро чунон фаро гирифт, ки ҳатто як қошуқ намак ҳам

намонд. Исои дар нимароҳ ноилоҷмонда велосипедашро ба бозор даровард. Онро фурӯхта маблағро ба киса зада, фук сӯи осмон аз назди қароргоҳи мошинҳои мусофиркаш мегузашт, ки назараш ба Маҳмуди дароз афтод. Дид, ки дӯсташ Маҳмуд аз хатсайр баргашта, мусофир фароварда истодааст. Тааммули дӯстӣ заъф набинад гӯён наздаш рафт, ҳолпурсӣ кард, баракати рӯзгорашро ҷӯё шуд. Баъд болои харак нишаста ба таги деги гап алов монданд, онро тафсонданд.

Исо пай бурд, ки дӯсташ ба тӯри бегона печидааст ва мадори кушодани гиреҳи онро надорад. Дилаш андаруни қафаси синааш дам оварда, чиҳое, ки аз даҳонаш намебаромад. Бо овози ғафси хиррӣ мисли одами тирхӯрда ба нолиш даромад, ҳини гапзанӣ гӯшҳои калон– калонаш тез–тез меҷунбид.

– Медонӣ, ошно, замона оҳангари сандон шудаасту ман пораи тафтаи оҳани болои сандон. Оҳангар оҳани тафтаи болои сандонро, яъне маро он қадар мекӯбад, ки чаппотӣ мешавам, худо ҷонамро намегираду халос. Лаънат ба ҳамин зиндагӣ, дар гӯр равад ҳамин хел ҳаёт. Дигаронро намедонам, аммо ман дар назди мушкилоти зиндагӣ барги аз шох афтодаеро мемонам, ки шамол ба ҳар чуқурӣ хоҳад ҳаво медиҳад. Фақат як роҳ мондааст: барои аз ин ҷафогариҳою золимиҳои ҳаёт халос хӯрдан, мисли оҳани тафта болои сандон намондан ва ё мисли барг ба ҳар чуқурӣ наафтодан худамро салма меандозам.

Исоро деви ваҳму ҳарос пахш кард: «Ин дӯсти ман тӯтивор «худамро меовезам», «худамро меовезам» гӯён такрор дорад. Худованди бузург ягон бадбахтиро насибат гардонад агар, худат бо дасту пои худат ба назди аҷал чорхез мезанӣ. Мабодо Маҳмуд худро ба чанголи аҷал наандозад?»

Исо ба баҳри хаёлот чуқуртар ғӯта зада хулоса баровард, ки мушкилоти дӯсташ ин дафъа ҳам дарди порина, ғайри маблағ дигар чизе нест: маблағ, маблағ ва боз маблағ. Барои ҳамин чи мешавад, ки агар ба хотири пойдории дарахти дӯстӣ пули кисаашро ба ӯ бахшад? Ин айни савоб мешавад. Хонавода бошад, азоби гуруснагиро боз як бори дигар таҳаммул мекунад, ин бори аввал нест. Муҳимаш дӯсти ҷониаш аз фалокати ногаҳонӣ дар амон

бошад, пулро ҳама вақт ёфтан мумкин, аммо дӯсти ҷониро не. Хаёлаш боз дур парвоз кард, дудила шуд, оқибати корро андешид. Охир, Маҳмуди дароз худро ситораи осмон дида бо ҳазор-ҳазор гап мезанад, мабодо пули ӯро ба ҳаво чош дода «ба садақаталабҳо дода савоб гир» нагӯяд?

Исо гуфт:

– Дӯстам, Маҳмуд, чӣ монеаи ҳаёт эҷод шудааст, ба ман қулфи дилатро кушо, шояд кӯмак расонда тавонам.

– Кӯмаки туро медонам, носпулӣ барин, ин ба дарди сарам намехӯрад.

– Не, ин дафъа носпулӣ дода қадри туро паст намекунам, – хандид Исо, – маслиҳати тадбир доданам мумкин, гуфтаанд: ба пеши табиб нарав, ба пеши корафтода рав. Ҳолати ман ҳам аз ҳолати ту кам не, гирди худ тоб хӯрда сарфарои зиндагиамро намеравам.

Баъди ин Маҳмуд рози ниҳонхонаи дилашро ошкор кард: ӯ чанде қабл Фарҳод гуфтанӣ собиқ ҳамхизматашро, ки қариб сӣ сол ҳамдигарро надида буданд, вохӯрда дар чойхона хирмани камбудию норасоиҳои рӯзгорро хеле бод дода, роҳи рост кардани қомати зиндагиро ҷустанд. Фарҳод бо шавқ нақл кард, ки ӯ чашми бад нарасад, мағозаи боҳашамати замонавии фурӯши мебел дорад, ки молашро фақат аз хориҷи кишвар дастрас мекунад. Зиндагиаш аз ҳамин ҳисоб ҷӯи пуробро мемонад. Аммо ӯ азоби танҳоӣ дорад. Мехоҳад шахси ба дил наздику бовариноке пайдо кунад, ки бо сармояи ҳамдигар фаъолият баранд, то ҳам гардиши маблағ афзояду ҳам даромад бештар ба даст ояд. Фарҳод Маҳмудро бурда мағозаи боҳашаматеро аз он тарафи чорроҳа нишон дода «аз они ман» мегӯяд. Ва баъд ӯ ба Маҳмуд таклиф мекунад, ки агар сармоя дошта бошад ва ё пайдо карда тавонад, дар майдони тиҷорат аспи ғайратро якҷоя қамчин зананд. Шӯълаи умеду орзу ва ҳавову ҳаваси захираи пул дар қалби Маҳмуд аланга мезанад. Ӯ ваъда медиҳад, ки аз таги замин бошад ҳам, маблағ кофта меёбад, аммо то имрӯз бо ибораи худаш чун талбанда дар кӯчаи сарбаста раҳгум зада, аз куҷо пул пайдо карданашро намедонад. Ягона илоҷ аз бонк бо фоиз пул гирифтан асту халос.

Исо ба гирдоби андеша афтод, ки ин қадар ҳирси ҷоҳталабӣ, сарватмандшавӣ, ҳавову ҳаваси худро дар со-

мон дидан аз куҷо ва аз кай боз дар ниҳоди дӯсташ маскан гирифта бошад? Ҷамъият ҳамин хел аз қадим бо бою камбағал, бо шоҳу гадо, бо шутурсавору пиёдарав офарида шудааст, ин занҷирро шикастан мисли панҷ панҷаи нобаробари худро буридан, ғайриимкон аст. Пулу мол чирки даст аст, зуд меравад, аммо хиради нек, амалҳои инсонпарварона номи одамро зинда медорад.

– Дӯстам, – муроҷиат кард Исо ба Маҳмуд, – шукри худо нардбони зиндагиат то ба осмон мерасаду пешат пур, камию костӣ надорӣ. Инсон бояд қаноатпеша бошад, ба ҳамин доштагиҳоят қаноат кунӣ, кофист, кама хуру ғама не гуфтаанд. Одамон бо як бурида нони ёфтагиашон қаноат карда ба худои бузург шукргузорӣ менамоянд, ту бошӣ бо ҳамин қадар давлату сарватат боз аз бонк бо фоиз пул гирифтанӣ ҳастӣ, ки ин бароят мисли аз болои пули сирот гузаштан хатар дорад. Хубаш бо дойраи дигарон бозӣ накуну аз меҳнати ҳалоли кафи дасти худат намон. Ту бо кӯрпаи дигарон по дароз карданӣ ҳастӣ, вале андеша надорӣ, ки курпаи дигарон барои дигарон аст, вай дарозу кӯтоҳ омаданаш мумкин.

Маҳмуд рагҳои гардани дарозашро дамонда, аз даҳони калонаш об шоронда, панҷаҳояшро асабиёна бо ҳам фишурда дод зад:

– Магар ин зиндагист? Одамон дар қасрҳо шоҳона зиндагӣ доранд, мо ҷӯгиҳо барин дар каппаҳо нафас мекашем.

– Каппа нагӯй, барои писарат хонаи садҳазордоллара харидӣ, ки қариб ба қаср монанд. Ҳа, ба додагиҳои Худо ношукрӣ кунӣ, Худо мезанад ва ана баъд ҳаёти ҷӯгиёнаро аз сар мегузаронӣ.

– Ҳа, барои ману ту, ки камбағал ҳастем, каппа қаср менамояд, чунки худи қасрро надидаем, – оҳи ҳасрат кашид Маҳмуд.

Аз байн муддате гузашта Исо шунид, ки дӯсташ Маҳмудро аз беморхона ба хонааш овардаанд. Ва ӯ бо ҳайронӣ, ки аз бемории дӯсташ ва ба беморхона афтоданаш бехабар буд, зиқ шуд. Бо хотири парешон ба аёдати дӯсти ба дил наздикаш шитобид, чунон саросема роҳ пеш гирифт, ки гӯё бод ӯро бардошта бурда истода бошад.

Исо дӯсташро дар ҳолате дид, ки чашмдор набуд. Ӯ бо

каллапӯш ва куртаю эзори сафеди дароз, мисли ҳоҷиён болои кати таги ангур нишаста. Писараш Пулодҷон наздаш тоб хӯрда, бо ҳар гуна суханони шӯхиомез дилашро бардоштан мехост.

Чун Исо «Ассалому аллайкум» гӯён пеш омад, Пулодҷон «Э, хуш омаданд!» гӯён назди дӯсти қадрдони падараш шитобид ва хушҳолона пазироӣ кард. Ҳарду гарм– гарм вохӯрӣ карданд. Вақте Исо ба Маҳмуд бахри салом даст дароз кардаю ӯро ба бағал кашиданӣ шуд, дӯсташ аз ҷояш наҷунбида рамидагӣ барин ҳаросон–ҳаросон ба ӯ нигарист, гӯё ӯро бори аввал медида бошад. Бо вуҷуди ин Исо ошнояшро бағал гирифта, шӯхикунон гуфт: «ба чашми мардум хок пошида, худатро ба касалӣ андохта, корат нону чалпакхӯрӣ– а?»

Исо, ҳамдами дерин, бари дӯсташ нишаста, бо ҳар баҳона ӯро ба калобаи гап печониданӣ мешуд. Аммо нигоҳи чашмони кабуди Маҳмуд гӯсфанди аз гург рамидаро мемонд. Мӯйи зарди сараш тарошида шуда, тану тӯши фарбеҳаш аз гӯшт фаромада буд. Чизе гуфтанӣ шуд, аммо овозаш ларзид, дандонҳояш хунук хӯрдагӣ барин ғиҷиррос зад. Исо аз овози нофаҳмои ӯ аранге се калимаашро фаҳмид: «Пулҳоро шамол бурд».

– Ҷонат дар азоб бошад ҳам, гапи пул ҳеҷ аз даҳонат канда нест, – хандида гуфт Исо.

Пулодҷон қиссаи ба чанголи бемори афтодани падарро чунин баён дошт: падараш «дар ин замона хурӯс набошӣ, таги пои мокиён мемонӣ» гӯён ба фиребхалтаи Фарҳоди ҳамхизматаш даромада, ҳамаи хонаҳояшро бо мошин, чорво, молу ҷиҳоз ба гарав монда аз бонк бо фоиз пули калон мегирад. Дилаш, ки қавӣ буд, маблағро бо ду дасти адаб ба Фарҳод медиҳад. Ҳамхизматаш «барои бор ба хориҷа меравам» гӯён мисли буққаи аз банд кандашуда бетаъхир ҳӯй мехӯрад. Маҳмуд бо хаёлҳои ширини афсонамонанд аввал ӯро хеле интизорӣ мекашад. Баъд ӯро маҳкумшудаи аз ҳабс гурехтагӣ барин меҷӯяд: лек гӯё ба таги замин даромада бошад, пайи пояш рӯфтагӣ буд. ниҳоят худро ба дари ҳамон мағозае, ки Фарҳод «аз они ман» гуфта буд, мезанад. Дар он ҷо посух медиҳанд, ки суроби чунин одамро надидаанду номашро ҳам нашунидаанд.

Маҳмуд ҳис мекунад, ки таги ин кор бе сиёҳӣ нест.

Ноилоҷ милисаро воқиф месозад. Баъди ду– се рӯз ба ӯ посух медиҳанд, ки одаме бо чунин ном дар ягон гӯшаи манотиқи кишвар нафас намекашад. Баъди даводаву аз пову аз пар монданҳо, пурсуҷӯйҳо аз шиносу ношинос ва бегонагон мефаҳмад, ки собиқ ҳамхизматаш Фарҳод рӯбоҳи айёр, шағоли гузаро, мардумфиребу қаллоб буда, чун калламуш дар кадом як гӯшаи Руссияи бузург умр ба сар мебурдааст, ки лонаашро касе намедонад.

Баъди ин Маҳмуд асабашро аз даст дода, ба ҳолати ҷунунӣ гирифтор шуда, ба беморхонаи асаб меафтад. Пас аз табобати кӯтоҳ гирифтан, ба умеди он ки чилёсину азоимхонӣ кунанд беҳтар мешавад, ӯро аз беморхона мебароранд. . .

Гӯши Исо баъдтар бод гирифт, ки ҳолати ҷунунии дӯсташ Маҳмуд авҷ гирифта, боз ба беморхонаи асаб бурда шудааст.

## ЯККАВУ ЯГОНА ФАРЗАНД

Ғуфронбек акнун сари дастархони пурнозу неъмате , ки фақат шири мурғ намерасиду халос, нишаста иштиҳои қозгирашро қонеъ гардонданӣ буд, ки ба маҷлиси деҳа даъваташ карданд. Нофорам гашт ва ғур– ғур кард:

– Ин мардумро модаронашон дар маҷлисҳо таваллуд кардаю нофашонро дар залҳо бурида бошанд, ки ин қадар маҷлисбозию гапфурӯшӣ карда мегарданд– а. Худи ҳамин маҷлисбозҳо фикр мекарда бошанд, ки онҳо ва худи мардуми гӯшнаю соли дароз як пора гӯштро намедидагӣ лоиқи гузаронидани маҷлисҳо, муҳокима, қабули қарор ҳастанд ё не. О, кошки ягон ҷои ҳалоли маҷлисгузаронӣ ҳам дошта бошанд ин маҷлисбозҳо!Табъам намекашад, ки ба ҳамон чойхонаи чаллаи мурғмонанди деҳа дарояму бо ин мардуми кӯҳналибос шинам. Хубаш ба шаҳр ё ягон деҳаи ҳалолу баобрӯтар кӯчида рафта бо одамони лоиқу муносибат шинухез мекардем. Пӯсида рафтем бо ин мардуму бо ин деҳа!

Ғуфронбеки чорпаҳлӯ аз кисааш рӯймолча бароварда тугмаи гиребони куртаашро кушод, аввал арақҳои гардани сергӯшт, рӯи борики қушқормонанд ва баъд тоқии чусташро гирифта, каллаи дами бемӯяшро тоза кард. Занаш, ки наздаш нишаста чой мекашид, ӯро ҳӯшдор дод:

– Фаромӯш накунед, мардакҷон, ки мо ҳам даҳ сол пеш мисли онҳо камбағал будем, оби хунуку нони қоқ мехӯрдем, давлатро дар хоби шабамон медидем. Ту як трактори шаллақ доштию баданат бӯй мекард аз саларка. Умри яккаву ягона фарзандамон Хуршедҷонро дароз кунад, дар Россия кор карда бандча– бандча доллар ройӣ карду мурғи бахт тори сарамон омада нишаст. Мо хонаи фақиронаамонро ба қасри дуошёна табдил додем, ки мислаш дар ноҳияҳои атроф нест, шукри худо, имрӯз дар хонаамон ду мошини нави хориҷӣ, ду бор ҳаҷ карда омадӣ, дар шаҳр хонаи дуошёнаи кори калон харидӣ. Тавре худат боре ҳисоб карда баромадӣ, аз гӯру чӯби падарат то солаш қариб чил ҳазор доллар хароҷот кардӣ, вале на як тори мӯят ҷунбиду на як раги дилат сих зад. Ин қадар гову гӯсфандоне, ки дар маъракаҳои се, ҳафт, чил, сол, ҳар бегоҳи ҷумъа куштию ин қадар шоколадҳои қимматтарини мағозаҳо ва мавизу чормағзҳои бозорро дар рӯи дастархон бебаркаш ғарам– ғарам рехтӣ, ҳисобаш набуд. Касе ки чор сӯраи қуръонро медонист, соли дароз ҷумъагии падаратро мепоид. Ин ба хотири чӣ буд? Ба хотири обрӯ гирифтану худро дар зиндагӣ аз дигарон як сару гардан боло бардоштан! Ва шукри саломатӣ, шукри нангу номус, шукри оиндабинии яккаву ягона фарзандамон ба мақсад ҳам расидем. Парвардигор писари дурандешу баномусамонро аз чашми бад панаҳ дорад. Ҳамаи ин дар муддати ҳамагӣ даҳ сол– а? Гоҳҳо хаёл мекунам, ки ин яккаву ягона фарзандамон дар заводи пулбарорӣ кор мекарда бошад ё сандуқ– сандуқ доллар ёфтааст, ки беҳисоб ба мо ройӣ мекунад ва ростӣ, мардакҷон, дар танҳойӣ худ ба худ хаёл карда воҳимаам пахш мекунад.

Ғуфронбек лабонашро бурма карду нигоҳи хунуки чашмони кабудашро сӯйи осмон нигаронд ва гӯё подшоҳи ҳафт кишвар бошад, сухани занашро тақвият бахшид:

– Аввалан, фарзанди яккаву ягонаамон тоби корро медонад, занакҷон, ту аз ин тарафаш хотирҷамъ бош. Барои ману ту сандуқҳоямон аз доллар пур бошанду обрӯямон то каҳкашон рафта расад, шуд. Дуввум, ту нагуфтӣ, ки ман дар пешнамози ҷанозаи падарам гилеми панҷсаддоллара мондам, ба ҳар ҷанозахон даҳсомонӣ, ба ҳар гӯркан гилеми саддоллара додам, давоми сол дар ҳар як тиловати ҷумъагӣ на фақат гӯсфанд куштам, балки пул додам, ба домулло

бошад, доллар мебахшидам. Маро писари Ҳотами Той мегуфтанду мегӯянд, шояд вай ба дараҷаи ман дасткушод ҳам набуд. Э, ин мардум агар номи маро ба забон каҷ гиранд, гарданашон метобад, алошаашон меғалтад ва ҷояшон ҷаҳаннам мешавад.

– Обрӯи шумо обрӯи деҳа, мардакҷон, ҳа, агар шабҳо маҳтоб паси абрҳо равад, шумо ба ҷои маҳтоб деҳаро нурпошӣ мекунед. Калонҳо, яъне одамони пулдори ноҳияҳои атроф номи деҳаи моро намедонанд, вале номи шуморо мисли шоколадҳои бистсомона ҳамеша дар даҳонашон гардонда такрор мекунанд. Агар касе номи деҳаамонро ёфтанӣ шавад, «ҳо, деҳае, ки дар вай Ғуфронбеки давлатманд зиндагӣ дорад-ку» мегӯянд. Ана, барои ҳамин ба маҷлис мисли шахси ба тилло баробар ҳатман рафтанатон даркор, мардакҷон, шумо набошед, калонҳои ноҳия маҷлисро сар накарданашону одамон интизоратон шудан мумкин. Аз рӯи шунидам, деҳаро номгузорӣ карданианд. Агар деҳаро ба номи шумо нагузоранд, пас ба номи кӣ мемонанд? Шумо на фақат номбардори деҳа, балки номбардори ноҳия. Худо хоҳад, яккаву ягона фарзандамон Хуршедҷон биёяд, ана, баъд дукаса шуда обрӯи деҳаро то осмон мебардоред. Шумо оби ҳаётед, мардум бо шумо зиндаанд.

– Дар деҳа як одами ҳалоли кирои сӯҳбат кардан ҳам нест, – гӯё дар гарданаш банд андохтаю кашолакунон мебурда бошанд, ночор ба либоспӯшӣ даромад Ғуфронбек. – Рости гап, маро нангам меояд, ки номамро ба деҳа гузоранд, кирои номгузорӣ хоҷагии деҳқонӣ ва ё ҷамоат бошад. Деҳаро метавонанд ба номи писарамон монанд.

– Хайр, як бор аз кӯҳ ба пастӣ фароеду хоксорӣ карда ба ҳаминаш ҳам розӣ шавед, мардакҷон, вақташ ояд, наздатон сар хам кардаю ду даст пеши бар зора намуда ҷамоатро ҳам ба номатон мегузоранд. Ки медонад, то понздаҳ– бист соли оянда шумою якка– ягона фарзандамон барин одами диданию маъраказеб пайдо мешавад ё не. Писарамон аз Россия ояд, маҷбур мешаванд, ки деҳаро ба номи ӯ гузоранд, ҷамоатро бошад, ба номи шумо… Одамони шинохта обрӯи деҳаро баланд мебардоранд. Боз мегӯям, ки шумою якка– ягона фарзандамон чароғи рӯшноии деҳаед, шумо набошед, деҳа торик мемонад…

Ғуфронбек бо ҳамон виқору салобати одатии худ вориди чойхонаи деҳа гардид. Мардум ҳама сарҷамъ рӯйи курпачаҳо нишаста ба суханони меҳмонон, ки аз ҷамоату ноҳия ташриф оварда буданд, гӯш медоданд. Ҳоли онҳоро дида Ғуфронбек заҳрханда кард: «Ҳама галла барин тӯб задаанд, хаёлашон меҳмонон барояшон помоши ООН овардаанд».

Ғуфронбек аввал ба атроф ва баъд ба курпачаҳои холӣ бо танаффур каҷ– каҷ назар андохт ва як– ду дақиқа сутуни хона шуда истод, ки меҳмонон ӯро ба минбар мехонанд. Охир, деҳа бо исми ӯ номгузорӣ мегардад. Аммо сардори бригада мавқеашро бе тағйир нигоҳ дошта бо имо ӯро ба гӯшаи танҳо, ҷониби курпачаҳои холӣ ишора кард. «Бефаросат!, – таги дил ӯро маломат кард Ғуфронбек, – ба минбар ақлат нарасид, ақаллан ба бари худат даъват кун. Ҳм, беақли модарзод будӣ, беақли модарзод мондӣ».

Ғуфронбек ҷои ишоракардаи сардори бригадаро ба худ лоиқ надиду ба бари ӯ рафт, говзӯр карда худашро ҷой намуд. «Бари ту-ку бӯйи ҳафт хар мекунад, вале қадр паст нашавад мегӯям»– гуфт ботинан ӯ.

Ғуфронбек ба суханронии ҳозирин гӯш фаро дод.

– Хулоса, мо бояд деҳаро ба номи шахси арзандае гузорем, ки вай воқеан ба мардум, ба ҷомеа хизмат карда бошад, маҳсули меҳнаташ офтоб барин аёну дурахшон бошад, рӯшантар карда гӯем агар, дар деҳа одами рақами як бошад, – шарҳ дод намояндаи ноҳия.

Ғуфронбек дар ҷояш як ҷунбида монд, аниқтараш ҷояшро кушодтар кардан хост то ин ки ҳангоми номашро гирифтан мисли сарбози низомӣ озод аз ҷой хеста тавонад. Ва як сурфида гулӯяшро тоза ҳам карда монд, яъне «ман ҳамин ҷо».

Аммо…аммо дар бехи гӯшаш суханҳои заҳромезу нешдоре садо доданд, ки гӯё ӯ ин мардум ва мардум ӯро бори аввал медида бошанд.

– Аҷоиб, – бо хандаи малеҳ сухан оғоз кард ҷавони ҷингиламӯйи бориковозе, – Дар деҳаи мо ғайр аз собиқадори ҷангу меҳнат бобои Раҳмиддини ҳаштодупанҷсола кӣ боз одами рақами як шуда метавонад? Сари синаашро шаддаи орденҳои ҷангию меҳнатӣ зеб дода, чун ситораҳои шаб медурахшанд. Он кас ду гектар замини санглохи

доманакӯҳро аз ҳисоби маблағи писари хайрхоҳаш, ки дар хориҷи кишвар заҳмат мекашад, Фарҳоди кӯҳкан барин кор карда ба як боғи зебо табдил дод. Ҳосили боғ ба хонаи ятимон ва хонаи пиронсолони танҳою барҷомонда дода мешавад. Ин амали некро нангу номуси ватандорӣ мегӯянд. Аммо баъзеҳо (ин лаҳза ҷавони ҷингиламӯй ба сӯйи Ғуфронбек нигарист, ки ин ҳолат аз чашми ҳеҷ кас пинҳон намонд) халта-халта пул доранду боре ҳам кори неке аз дасташон наомада, ба бечораю ятиме ҳиммат карда, ақаллан, як кило қанд харида надодаанд.

Нигоҳи нохушонаю неши сухани ҷавони ҷингиламӯй мисли он гардид, ки говзанбӯре Ғуфронбекро газида бошад. «Ақлро бин-а, – дандонҳояшро ғиҷиррос занонда бо худ андеша кард ӯ. – Хонаи ятимону хонаи пиронсолон дар паноҳи давлат аст ва бигзор давлат ғамашонро хӯрад. Ҳм, ин бобои кирминаи Раҳмиддин чи касе будааст, ки кораш лоиқи ба забон овардан бошад. Ӯ дар қади умраш боре роҳат дида бошад ва умуман маънои фароғат гуфтанӣ мафҳумро медонад? Каландзании шабонарӯзиашро мебинаму дилам аз дунё хунук ва олам дар назарам торикистон мешавад. Аз ин ҳоли бад худатро салма андозию ҷонатро аз азоб халос кунӣ ҳазор бор беҳтар. Ман дар ҳар ҷумъагии падарам, ки як хона одам хатми қуръон мекард, сесад–чорсад долларро харҷ мекардам. Ин мӯйсафеди аҳмақ бо хонаву дараш чорсад доллар арзиш надорад. Як дари хонаи ман панҷсад доллар!».

Марди миёнақади сабзинаи фарбеҳе танобi сухан мегирад:

– Ба ҳама як савол дорам, – ғайричашмдошт бо чеҳраи ҷиддӣ рӯ овард ӯ ба ҳама. – Бунгоҳи тиббии моро кӣ сохт?

– Албатта, собиқадори ҷангу меҳнат бобои Раҳмиддини ордендор!– ҷавоб гуфтанд ҳама бо як овоз.

– Дуруст! Лекин аз кадом ҳисоб?

– Писараш ба ӯ пул фиристод то ки ба ҳаҷ равад. Вале ӯро нангу номуси ватандориаш боло хесту ба ҳаҷ нарафта маблағро барои сохтани бунгоҳи тиббӣ сарф кард, чунки мардум аз набудани он азоб дошт. Медонистагиҳо гуфтанд, ки ҳаҷи ӯ қабул шуд.

Ғазаби Ғуфронбек ботинан чунон ҷӯш зад, ки дарунаш даргирифт, муштҳояш гиреҳ шуданд, лабонашро таги дандон

монда газид: «Ин мардум ақлашонро мисли носкадӯ гум кардаанд, чӣ бало? О, сохтани бунгоҳи тиббӣ, бунёди боғ вазифаи давлат аст, давлат пул ёбаду созад. Ақли ин лаънатии Раҳмиддинро аҷинашамол набурда бошад агар, пулашро дар ҳар санглоху хорзор ва талу теппа мепартояд? Боз ин гумроҳшудаҳо ӯро қариб ки дар тахти шоҳӣ савор карда даст ба даст бурда истодаанд, таърифашон бошад, то осмон…

Нафари сеюм– ҷавондухтари чеҳрахандону ситорагарме сухан гирифт:

– Нахандед! Ман ҳам як савол дорам:хонаводаҳои Насруллою Каримдод чанд сол бо ҳам қаҳрӣ буданд?

– Бист сол зиёдтар, – овоз доданд ҳама.

– Кӣ онҳоро ба оштӣ овард ва сулҳу салоҳ кард? – боз суол кард ҷавондухтари ситорагарм.

– Бобои Раҳмиддини ордендор!

– Дуруст, вале чӣ тавр?

– Аз ҳисоби худаш деги ош дам дода дар шоҳидии ҳама онҳоро оштӣ доронд.

– Ана, дидед, чи гуна ҷони одам, дарахти сермеваю комширинкунандаи ҳамаи мост, бобои Раҳмиддини ордендор. Вале баъзеҳо бо пулҳои худ рекламабозӣ, намоишкорӣ мекунанду халос, ҳол он ки бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад.

Ғуфронбек аввал ба гӯянда ва баъд ба одамон нигаристу гӯё тарма болояш фаромада бошад, ангушти пушаймонӣ газид, охир нигоҳи ҳама чун сӯзан ба бадани ӯ мехалид.

Ниҳоят домани сабр аз даст рафту оҳиста бархост…

Ғуфронбек ба хона расидан замон ба ҳамсараш изҳори пушаймонӣ кард:

– Занак, мо бо ин одамони ҷамъияти ибтидоимонанд зиндагӣ намуда худро бе қадр кардем, таги хору хас мондем. Лоиқи мо шаҳр буд то ин ки бо одамони меарзидагӣ мепайвастем. Соддагӣ кардем– да, охир, ҳавлию даре, ки мо дар шаҳр дорем, худи ҳавлию дари шоҳон барин.

Гирдоби фикр Ғуфронбекро чунон ба вартаи худ кашида бурд, ки дунё дар назараш титу чош намуд, баъд гӯё мавҷҳои электронӣ ба майнаи сараш ҳуҷум оварда бошанд, сараш сахт ба дард омад. Занаш тарсида ҷонҳавл ба духтур занг зад.

Нохост телефони дастии худи Ғуфронбек низ мусиқӣ навохт. Зуд онро ба бехи гӯшаш бурд ва… кошки намебурд, зеро ҷиянаш Фарҳод аз Россия ба ӯ хабаре расонд, ки болои сӯхта намакоб гардид:

– Тағо! Оқибат, писаратон, Хуршедҷон, бо бори хеле вазнин ба чанголи гургҳо афтод. Гуфта будам– а, бо героин шӯхӣ накун, героин нос не, ки озод фурӯхта пул ҷамъ кунӣ, кори ҳалолеро пеша гир гуфтам, вале на ӯ гуш доду на шумо, тағо, садди роҳ шудед, баръакс лингатонро дар осмони ҳафтум дида аз деҳа то шаҳр хона, дову дастгоҳ харидед. Пул ширинӣ кард, вале ана, бинед, ки он дар охир чи гуна талхиашро нишон медиҳаду заҳрашро мечакконад, ҳол он ки вай якка– ягона фарзандатон. Аз суханонам малол нашавед, тағо, аз алам лабонамро газида истодаам, чунки бисту панҷ солро дар пешонии яккаву ягона фарзандатон мечаспонанд. Дилатон ба фарзандатон сӯзаду зӯратон расад агар, хонаю дар ва ҳамаи дороиатонро фурӯшеду ӯро аз паси панҷара кашида гиред. Вале ба хаёлам аллакай дер шуд…

Ғуфронбек аз ҳӯш рафт…

## ШЕРИ САҲРО
## (Нақиза)

### Баҳор

Кишти пахта дар бригадаи Маҳкам – амак Тавоноев ҳайратовар, мисли дорушаппии самолёт ду рӯз пеш аз мӯҳлат анҷом ёфт. Маҳкам – амак маҳкамии худро дар кор ба дигар сардорони бригадаҳои даҳанвоз нишон дод. Ӯ барои пешпо нахӯрда дуруст роҳ гаштан шиками ба замин халтазадаашро бардошта, қадамзанон мегӯяд: «Мардаквори ваъда медиҳам: дар ҳафтаи аввали август пахтачиниро сар мекунем!»

Журналистони радио, телевизион, рӯзнома ва маҷаллаҳо! Таҷрибаи пешқадами устоди кор, дилдодаи меҳнат, зодаи саҳро Маҳкам – амакро дар саросари ҷумҳурӣ паҳн кунед!

*Мухбири махсуси рӯзномаи «Ойина»*
*Ростбин Ҳақнависов.*

## Тобистон

Аъзоёни бригадаи Маҳкам – амак Тавоноев дар диловарӣ Рустами достонро ба як нӯл заданд. Ҳамаи тадбирҳои фаровонҳосилиро ракета барин тез гузарониданд. Гӯё ниҳолҳо ҷоду карда шуда бошанд, ҳар кӯраке бастанд, косаи чинӣ барин. Маҳкам – амак мӯйлабҳои то паси гардан рафта расидаашро тоб дода мегӯяд: «ай ҳар гектор панҷо синтинерӣ мегирем гуфтем, мегирем. Ма мардум, я лавз дорум».

Ба хонаи ҳазор дароӣ, таваллудшудаи кор! Шоирон! Дар васфи шери саҳро достонҳо офаред!

*Мухбири махсуси рӯзномаи «Ойина»*
*Ростбин Ҳақнависов.*

## Аввали тирамоҳ

Паҳлавонони бригадаи Маҳкам – амак Тавоноев мисли сарбозони вафодори Ватан саф кашида, ба пахтачинӣ шурӯъ карданд. Наррашери саҳро Маҳкам – амак Тавоноев чун одати ҳамешагӣ гардани кӯтоҳ, вале ғафси гӯшҳояш то ба сари китф хамидаашро ба осмон рост карда, нидо мекунад: «ма то декабра маҳтал намеистум. Пилона дар ҳамин моҳи синтабр буд мекунум гуфтум, буд мекунум. Мард я лавз дора…».

Киночиҳо! Аз хоб бедор шуда, дар бораи ягона ситораи саҳро Маҳкам– амак худи «Ҳабдаҳ лаҳзаи баҳор» барин кинои дувоздаҳсериягӣ бароред!

*Мухбири махсуси рӯзномаи «Ойина»*
*Ростбин Ҳақнависов.*

## Охири тирамоҳ

Диққат! Диққат! Нахондаам нагӯед! Имсол деҳқонони беномуси бригадаи Маҳкам – амак Тавоноев аз пойкашолаҳо ҳам гузарониданд! Онҳо ба фориғболӣ роҳ дода, аз ҳар гектар фақат 10 сентнерӣ хирман бардоштанду халос. Иҷрои нақша ним нашуд. Ба ҳамаи ин қафомонию шармандагӣ сардори беҳунар Маҳкам Тавоноев (садқаи ин

ном шавад! Ӯ зеби номи Ландахӯр Сустхӯҷаев дорад) айбдор. Бепарвоӣ, хунукназарӣ, холабеғамӣ ва аз пахтакорӣ фарсаххо дур будани ӯ маълум буд. Даҳони кас воз мемонад, ки роҳбарони хоҷагӣ дидаю дониста як каси ба одамон дарди сарро бригадир мондаанд. Ӯро кайҳо аз саҳро зада бароварда, корашро ба органҳои танобкаш додан лозим буд. Ҳоло ҳам саривақт. Ҳаҷвнигорон! Маҳкам Тавоноев (садқаи ин ном шавад) барин танбалхӯҷаҳоро як ҳаҷв карда, шармандаи ду олам гардонед!

*Мухбири махсуси рӯзномаи «Ойина»*
*Ростбин Ҳақнависов.*

## БЕЗАБОН

– Илтимос, тезтар духтурҷон, ҳайвони бечораро дард азоб медиҳад.

– Ҳозир ҷомадончаамро як бинам– чӣ, доруҳои даркорӣ ҳаст ё не. Хайр, инаш сӯзандору, ана инаш қайчӣ, дору… Кай касал шуд, гуфтӣ?

– Нотобиаш аз дина маълум буд.

– Вале дина нею имрӯз омадед?

– Хаёламон беҳ мешавад, духтурҷон.

– «Хаёламон». Инсоф даркор, бародар, ҳайвони бечораро ба азоб монондан… О, мо барои чӣ, ана, дар ин ҷо нишаста пули давлатро мегирем? Барои наҷот додани ҳайвонот! Номи касбамон ҳам бошукӯҳ: духтури ҳайвонот. Нонамонро ҳалол карда хӯрданамон даркор. Дар хонаи шумо ҳайвон ҷон канаду мо ин ҷо аз бекорӣ ягона пашшаи утоқа сур кунем, хуб намешавад.

– Мефаҳмам, духтурҷон.

– Мефаҳмеду дер меоед. Бечораи ҳайвони безабон чӣ қадар азоби ҷонгудоз кашидагист. Дилам месӯзад. Хайр, ана, ҷомадончаам ҳам муҳайё шуд, боз чӣ монд? Ҳа, хилъатамро аз мех гирам. Хайр, ана пӯшидам. Нағз нашуд– а… Ман – духтури баобрӯ аз касалии ҳайвони безабон бехабар мондам. Ҳамин қадар таърифҳои дар маҷлисҳо шунидаам, мукофотҳои аз минбарҳои баланд гирифтаам, расми дар тахтаи фахрӣ овезон будаам беқадр гардид.

– Дар бораи шумо бисёр хондаему шунидаем. Вале ҳоло дер нашудааст. Мераведу ёриатонро мерасонед.

– Албатта, ёриамонро мерасонем. Як ҳайвони безабонро аз шиканҷа раҳонидан қарзи инсонии мост. Дар акси ҳол нони хӯрдаамон ҳаром аст, ана рафтем.

– Рафтем.

– Чунон табобат кунам, ки асли қадим барин гардад. Охир, номи боифтихори «духтури ҳайвонот» буданамонро бояд сазовор шавем. Хайр, инашро гӯй, ки безабон пеш аз касалӣ сершир буд?

– Чӣ хел шир, духтурҷон? Вай умуман шир намедиҳад.

– Қоқ кардааст ва қисир мондааст?

– Вай гов не!

– Ҳа?

– Вай саг – посбони вафодори хона.

– Саг? Ҳоло ту як духтури баобрӯро барои дидани саг мебарӣ?

– Хайр, чӣ шудааст? Охир, худатон гуфтед– ку: номи касбатон боифтихор, нонатонро бояд ҳалол карда хӯред…

– Э, рав, ту ҳам мӯр қати сагат! Беҳтараш гашта пашшаи хираи утоқамро сур мекунам.

## ҲИСОБ

– Ҳа, зоғчаи додош, ҳисоба об карда хӯрда истодаӣ?

– Қариб.

– Месанҷем: фарз кардем ту фурӯшандаю ман харидор. Бо ду сӯму шаш тин қанд харида ба ту як сесӯма дароз мекунам. Бояд чанд тин бақия гардонӣ?

– Даҳ тин.

– Зоғчаи додош! О, ту дар синфи як не, дар синфи чор мехонӣ, каллаатро дурусттар кор фармо. Хайр, боз месанҷем! Агар ба ҳашт сӯму чил тин қанд хараму як даҳсӯма дароз кунам– чӣ?

– Бист тин бақия мегардонам.

– Зоғчаи додош!!! Ақлатро– ку шайтон надуздидааст? Бори охир месанҷем: ба дувоздаҳ сӯм қанд харида понздаҳ сӯм дароз кунам– чӣ?

– Як сӯм.

– Ана, ба ту як сӯм!

– Вой!

– Фиқ– фиқ накун, оби дидаатро тоза кун, ана, ҳамин тавр. Ҳисоба об карда хӯрданат ҳамин хел бошад, дар умрат онро ёд намегирӣ.

– Ин хел ҳисобро аз шумо ёд гирифта бошам, айби манчӣ…

– Чӣ хел аз ман?

– Охир, дар мағозаатон ба харидорон ҳамин қадарӣ бақия мегардонед– ку.

## ҲАЗОР – ҲАЗОР

Шамсиддин бо зарурат назди Бузург Бузургови хешаш даромад. Ӯ ба воситаи телефон бо касе гап мезад.

– Ҳа, ин худати Қодирбой, хайрият телефон мекардаӣ, ё офтоб аз дигар тараф баромада бошад? Чӣ, пул даркор шудааст? Ҳа, саломи дӯстон бе тамаъ набудааст– а. Чанд? Ҳазор? Биё мон, майдабозиатро. Аққалан чор– панҷ ҳазор гӯй. Ману ту одамони боақл, кӯдакон барин тангабозӣ кунем, айб. Чӣ, айнан ҳамин қадар пул даркор буду хаёл кардӣ, ки ёфта додани ман дар гумон? Эҳ, содда, худи ҳозир парида биё, ана дар ҷебаки шимам, ҳозир бароварда мебинам, хӯш… ду бандчаи даҳсӯма, дар ҷебаки кастумам, ҳозир мебинам, хӯш… се бандчаи бисту панҷсӯма, дидӣ, ман муфлис не, тангаам ҳаст. Ҳозир бол зада омада гир. Бо ин пул мошин мехарам мегӯӣ? О, пештарак худо ақлатро гирифта буд, ки мегуфтӣ. Ман мошинамро бепул додам ба як кас. Гап– гап шуд, ки кадоме аз болоям навиштаасту корҳоямро тафтиш мекардаанд. Корҳо ҷиғел нашавад гуфта ҳамон лаҳза «Жигули»– и ду километр нагаштаамро ба як дарди сари дигар ба ду ҳазор додам. Ҳол он ки вай аз понздаҳ ҳазор зиёд мерафт. Хайр, бало ба пасаш гуфтам. Муҳимаш аз тафтиш соф бароем. Пулро бошад дар ду рӯз меёбам, ризқам фаровон. Идораамонро идораи маҳсулоттайёркунӣ нею пултайёркунӣ гӯем мешавад. Шербачаҳоямон аз аҳолӣ маҳсулотҳои зиёдатиро мехаранд, роҳи осони пулҷамъкуниро меёбанд. Беҳуда нагуфтаанд, ки кор наёбӣ, ҳисоб ёб. Чӣ, аз ту ҳам, чор тонна аноратро ҳафтод тинӣ харида, ба қавле дусӯмӣ ҳуҷҷат карданд? Хайр, аз паи ин хел майда– чӯйда нагард. Агар сари вақт пеши худам меомадӣ, корро тахт мекардем. Чӣ,

ҳафтаи гузашта ҳар рӯз омадию ман набудам? Ҳа, зиндагӣ, ошноҷон. Ба сархорӣ вақт надоштам. Гап сари ин ки тӯй болои тӯй шуд. Аспи ҳимматро қамчин зада ба ҷигаргӯшае гарнитури чорҳазора, ба як коркуни идоравиамон видеои дуҳазораи хориҷӣ тӯҳфа бурдам. Ҳа, ба як ташвиши дигар банд будам. Дар ин шаҳр хонаеро хариданиам. Ҳарчанд кӯшиш кардам, ки сӣ ҳазор шавад, нашуд. Соҳибаш аз сию панҷ ҳазор паст нафаромад. Гоҳ-гоҳ аз ноҳия ба шаҳр равам, даркор мешавад. Ман – Бузург Бузургов, ана, ҳамин хел хона доштанам даркор. Ана, барои ҳамин ҳафтаи гузашта ту маро наёфтаӣ…

Шамсиддин – коргари сохтмони ноҳия оҳи бадарде кашиду оҳиста– оҳиста аз назди Бузург Бузургови хешаш баромад. Ӯ барои харидани туфлӣ бист сӯм қарз гирифта, охири моҳ баргардонданӣ буд.

## ЗОР МОНАД

– Зор монад, шуморо барои чӣ ҷамъ шавед гуфта будам– а?

– Маҷлис мегузаронем, – гуфтед, Фахрӣ Фахриевич!

– Ҳа, зор монад, маҷлис мегузаронам, гуфтам. Лекин аз рӯи кадом масъала– а ?

– Аз афташ масъалаи…

– Хайр, ҳозир ба ёд меояд. Зор монад, имрӯз чандшанбе? Душанбе ё сешанбе?

– Имрӯз ҷумъа, Фахрӣ Фахриевич.

– Ҳа, зор монад, имрӯз ҷумъа. Ҳамаи коргаронамон чанд нафар буданд– а? Зор монад, понздаҳ ё шонз…

– Бисту панҷ нафар Фахрӣ Фахриевич.

– Ҳа, зор монад, бисту панҷ нафар. Имрӯз чанд нафар нест? Ҳафт– ҳашт нафар набудагӣ барин.

Ҳама ҳаст, Фахрӣ Фахриевич.

– Зор монад, чӣ тавр ҳама ҳаст? Ана, сармуҳосибамон… сармуҳосибамон Раҳим… Раҳмон… зор монад , номаш чӣ буд?

– Раҳмат! Вай ҳамин ҷо Фахрӣ Фахриевич.

– Зор монад, боз ман туро хаёли Хайруллои хазинадор… яъне ҳама ҳаст. Гап ҳамин: идораи мо ки номи… номи…зор монад, номаш чӣ буд?

– Маҳсулоттайёркунӣ, Фахрӣ Фахриевич.

– Ҳа, зор монад, идораамон, ки номи маҳсулоттайёркуниро дорад ва сардораш, ки… ман… ва сардораш, ки ман… зор монад номам чӣ буд?

– Фахрӣ Фахриевич!

– Ҳа, зор монад, Фахрӣ Фахриевич…

## МУҲИМАШ БО МОСТ

– Ман, рафиқон, шуморо барои он даъват кардам, ки Наскакро як сахтакак муборакбодӣ кунем. Ҳа, рафиқон, ӯ акнун намедонам чанд даҳсола пеш – инаш аҳамият надорад, муҳимаш бо мост – маҳз дар ҳамин рӯз чашм кушода, вағғос карда буд. Ман си сол боз раиси иттифоқи касабаи корхона, Наскак – аъзои ман, коргари пешқадам.

Хӯш, зиндагиашро чӣ тавр шарҳ диҳам? Шаҳ барин зиндагӣ дорад. Акнун… чанд зану фарзанд дорад… Хайр, аниқ донистани ин чандон аҳамият надорад. Муҳимаш бо мост. Чӣ гуфтед? Соли гузашта занаш аз олам чашм пӯшиду кӯдакон ба гардани ӯ монданд? Хайр, ин қисмат, рафиқон, ҳа қисмат, роҳи охирин ҳамин. Чӣ гуфтед? Зиндагиаш бо ҳафт кӯдак вазнину ақаллан ягон бор хабар гирифта ёрӣ доданамон лозим буд? Рафиқон дар ҳамин давраи серию пурӣ Наскакро таъна назанед, ранҷонидани як кас хуб не. Муҳимаш нони мехӯрдагиашро дорад, акнун ба ҳеҷ чизи мо зор не.

Хӯш, ҳавлии Наскак боғ барин кушодаю чор кас медидагӣ. Чӣ гуфтед? Бо ҳашт кӯдак дар ошёнаи шашум, дар якхонагӣ зиндагӣ дорад? Лекин дониста монед, ки дили Наскак дарё. Ҳа, баҳр! Як ваҷаб ҷой барояш як майдон барин. Ҳа, ана, ҳамин хел бузургодам.

Акнун, аз хусуси саломатиаш. Асп барин саломатиаш. Чӣ гуфтед? Меъдакасал асту ҳар сол барои ба табобат рафтан ариза медиҳад, то иттифоқи касаба роҳхат ёфта диҳад? Акнун, мо ҳам чашм дорем. Дида истодаем, ки чӣ хел ҳар рӯз даҳонаш пури ханда. Аз ин мебарояд, ки ҳамин якхонагии ошёнаи шашум бо ҳафт кӯдак барои Наскак аз ҳама гуна истироҳатгоҳу осоишгоҳ авлотар аст. Метавонед, аз ин ҷиҳат хотирҷамъ бошед.

Хӯш, рафиқон, нуқтаи олии ҷамъомади имрӯзаамон фаро расид. Очаи гап ҳамин, ки иттифоқи касабаи корхона саховатмандӣ карда, барои рӯзи таваллуди Наскак тӯҳфаи лоиқе тайёр кард. Дар олам аз ҳама қимат чист рафиқон? Китоб! Тӯҳфаи имрӯзаи мо ана ҳамин хел китоби қиматбаҳост. Номаш ҳам хеле бомаънӣ: «Интизом дар корхона». Иҷозат диҳед онро ба соҳибҷашн супорам.

## ҚАЛАМЧА

– Қалами Зайниддин ҳамин хел кунд монд– а. Аспи ланг барин худро аз қафои дигарон кашола карда мебарад. Ҷумлаҳояшро механию гӯё касе майнаи саратро парма дорад. Қолаби кӯҳна: фалон хоҷагӣ фалон қадар шир истеҳсол кард ва ё гӯшту тухм супурд, хошок ин қадар, мева он қадар. Рӯзнома бӯи пору гирифтааст, механию дилат беҳузур мешавад. Ба бӯи мақолаҳои фаҷу лаҷи ӯ обуна кам шуд. О, қаламат кунд бошад, номаъқул карда ҷойро банд мекунию ба сабзидани як навниҳоли дигар зомин мешавӣ. Илова ба беҳунариаш боз дурӯғашро намегӯед! Гумонаш хонандагон ҳафтафаҳманд, ки намедонанд нақшаи ширу гӯшт аз ҳисоби аҳолӣ иҷро мешавад. Ё бовар кардан мумкин аст, ки мудирони гӯшнапушти фермаҳо ҳамаи эму алафро ба чорвои ҷамъиятӣ медиҳанд? Ҳақиқатро навиштан даркор! Ту ходими нав, яъне ки ниҳоли нав, аз ҷӯи обаш тоза ғизо гир. Тавонӣ навиштаҳои Зайниддинро нанигар, хондану таҷриба гирифтан– ку он тараф истад. Чунки ранги ӯ кӯрсавод, дурӯғнавис, беэътибор шуда мемонӣ, – ба ман насиҳат хонд Ҷонмурод – мудири шӯъбаи маданият, ҳангоме ки ба мақолаи дар рӯзномаи худамон дарҷгардидаи Зайниддин менигаристам.

Аз ин баъд фақат навиштаҳои Ҷонмуродро мехондагӣ шудам.

– Пай бурда истодаӣ? – боре маро аз хондан боздошта бо заҳрханда пурсид Зайниддин – мудири шӯъбаи хоҷагии қишлоқ.

– Чиро? – даҳонам чойники бе сарпӯш барин кушода монд.

– Ҳм, – заҳрхандаашро давом дода, мисле ки дилаш ба бефаҳмии ман месӯхта бошад, афсӯс хӯрд ӯ. – Хайр, ту

ҳоло меваи хом, ҳатто қаламчаи береша. Аз куҷо донӣ, ки ҳар ҷумлаи ин мақола мисли захрхимикатҳо асабро заҳролуд мекунанд. Мехонию хаёлат ҷумлаҳои талабаи синфи як. Хайр, коркуни рӯзнома шудан пас як ҷумлаи ҳалоли хонданбоб навис-да. Ақаллан, чени як каф носи мекашидагӣ инсоф даркор. Боз дар дурӯғгӯӣ устухон надоштанашро худаш ҳамин хел фош месозад, ки камон ёбаму сари як тир кунам мегӯӣ. Гӯё дар кадом як бошишгоҳ телевизор будааст, яхдон будааст, бунгоҳи китобдиҳӣ будааст ва боз ким– чи хел балоҳову қиёматҳои дигар будааст. Кӣ бовар мекунад ба ҳамаи ин? Бригадаҳои ҳозира агар як сари симро ёбанд, торикиро маҳтал нашуда ба хонаашон мекашонанду телевизор, яхдонро барои колхозчиён дар бошишгоҳ мемонанд? Ту бошӣ навиштаҳои ӯро пайваста мутолиа дорӣ. Аз оби ҷӯи захрдор ҳеҷ гоҳ ғизо нагир, бо ин аҳвол дур намеравӣ.

Боз ба мутолиаи навиштаҳои Зайниддин гузаштам.

Ҳаёт ва фаъолияти мардеро, ки ҷиҳил соли умрашро бо хаткашонӣ гузаронидааст, омӯхта очерке навиштам. Он ба муҳаррир чунон маъқул шуд, ки аз ғояти хушҳолӣ маро ба оғӯшаш кашида қариб сию ду рагамро канда буд. Очерк бенавбат чоп гардид. Худи ҳамон рӯз гуфтугӯи Ҷонмуроду Зайниддин ба гӯшам расид.

– Ин муҳаррири моро фақат сиккаву сураташ одамбашара. Дар ақл бошад, камбағал, сиёҳа аз сафед фарқ намекунад. Вақти хондани ин материал ҳушаш дар котибааш буд чи бало. На забон, на як гапи пухта, на як образи тоза. Ин бачаи ширмак чи хел мактаби олира тамом кардааст, ҳайронам. Маълум, ки ояндадор не, – мегуфт Ҷонмурод.

– Гапат сад фоиз ҳақ. Магар дигар касбу кора қаҳтӣ задааст? Дар бораи киву кӣ – хаткашон очерк навиштааст. Ақалан, ягон хабар ва ё лавҳаи хурде мебуд, ҷои гила намебуд. Хаткашон мардум ба ин қадар воҳимакунӣ намеарзад. Ана, ту, Ҷонмурод, аз рӯи виҷдон гӯй: хаткашонҳои ҳозира ба мардум рӯзнома мебаранд? Не, албатта, нағзакак фаҳмидаӣ. Онҳо рӯзномаҳоро ба носфурӯшҳо, самбӯсапазҳо, пистафурӯшҳо фурӯхта пул кор мекунанд. Не, ин бача аниқ ки ояндадор не, балки ба рӯзнома дарди сар.

Ва онҳо анҷоми сӯҳбаташонро ин тавр хулоса карданд:

– Мо мӯямонро барои обрӯи ҳамин рӯзнома сафед кар-

дем. Набояд ба беқадр гардидани он роҳ диҳем. Қалами ин хел ҳафтафаҳмҳоро шикастан даркор.

## ЗӮРИ ДЕҲА

– Зӯри ин деҳа Аслам аст, мешинохтагистӣ?

– Не…

– Асламеро, ки роҳ гардад, замин меҷунбад?

– Не…

– Асламеро, ки бо як зарбаи мушт се хишти пухтаро мешиканад?

– Не…

– Асламеро, ки «Камаз»– ро худаш тела дода, ба ҳаракат медарорад?

– Не…

– Асламеро, ки аввал як табақ гӯшт ва баъд се тарбузро мехӯрад?

– Не…

– Пас ту даҳанвоз киро мешиносӣ?

– Э, гум шав, калларо гаранг накун!

– Чӣ?!!

– Ана, ба ту Асламшинос!

– Воҳ.

– Ҳине, ки ҷавони лофзан дар даруни ҷӯйбор меҷӯлид, ин гуна овозаш ба гӯш расид: «Ҳоло ист, меҳмон, аз даруни лой бароям, ана баъд ба ту Аслам буданамро нишон медиҳам».

## ТЕЛЕВИЗОР

– Ана, ин телевизори бошишгоҳамон, писарам, мухбир. Бисёр зӯр. Ҳамин ки дар нишондиҳӣ даромад, то накушӣ дамаш намегирад. Номаш ҳам ким– чи хел воҳимадор. Ҳар рӯзи худо телевизиони тоҷикро аз соати як то бегоҳ баҳузур тамошо мекунем.

– Ба фикрам, саркор-амак, телевизиони тоҷик аз соати як то бегоҳ танаффус дорад-ку?

– Лекин барои бригадаи мо махсус нишон медиҳад. Гапзанаш эълон мекунад: рафиқон, баҳодурони бригадаи Шермаҳмадов, ин консерти калонро махсус барои шумо… Ва ё ягон кинои зӯрро эълон мекунад.

– Ин хелашро бори аввал мешунавам.

– Э, шумо ҳоло мухбир шуда ҳаминро намедонед? Хайр, дар идора мурғи курк барин тухм хобонда шинед, аз куҷо медонед?

– Кайф– кайфи шумо будааст. Лекин истед, ки телевизоратон бо кадом қувва кор мекунад?

– Нафаҳмидам, писарам мухбир, гапат ким– чи хел пардадор барин.

– Охир, дар ин пахтазори ба ҷангал наздик хати барқ кашида нашудааст-ку?

– Шумо, писарам, мухбир ё худро ба соддагӣ андохта саркор– амакатонро масхара доред, ё аз маданият дуред.

– Ростӣ, саркор– амак, ақлам нагирифта истодааст.

– Ҳа, дар як идора рӯзи дароз нишаста ақли кас занг мезанад. Вагарна ҳис мекардед, ки ин телевизор бо батарея кор мекунад.

– Ҳамин телевизори аждаҳори ҳафтсадсӯма?

– Ана, ҳамин фили худо!

– Ҳамин дам чинакчидухтаре наздик омад. Баъд ба паси телевизор хам шуда коғазпечеро гирифта рафт.

– Вай барномаро дид, ки ҳозир соати як телевизор барои бригадаи мо кино нишон медиҳад ё консерт – шарҳ дод саркор.

– Барнома дар паси телевизор?

– Барои эҳтиёт, писарам, мухбир.

– Мо ҳам як бинем?

– Айб, писарам мухбир, шумо бояд барномаро аз ёд донед. Дуюм ин ки аз шаҳр омада дар саҳро телевизор тамошо кунед, механданд.

– Ба ҳар ҳол…

– Лозим не!

– Вақте ба паси телевизор гузашта нигаристам, ба ҳамааш сарфаҳм рафтам: қуттии холии телевизор, дарунаш гулдӯзиҳои нимколаи колхозчизанҳо.

## БО ЯК ТИР ДУ НИШОН

– Шумо панҷ сол боз мудири ферма ҳастед-а?

– Ҳа, – тасдиқ кард Каримбой.

– Ва шумо се модагови худро дар ферма нигоҳ медоред, дуруст?

– Мебахшед, ман виҷдонамро қурбони нафс намекунам.

– Хайр, як моҳ пеш ҳафт халта кунҷораро барои гӯсфандҳоятон овардед?

– Биллоҳ, ки тӯҳмат!

– Ҳм, як ароба орди ғелак оварданатон ҳам тӯҳмат аст?

– Бовар кунед, ҳамааш иғво.

– Ин тавр бошад, аз худатон гила кунед!...

– Каримбойро воҳима зер кард: «Дар таги коса нимкосае будагӣ барин». Ночор ба зорӣ даромад:

– Балои бачаҳотона гирам, бигӯед, ки ҳамаи инро ба шумо кӣ гуфт?

Каримбои рамузфаҳм чун ҷавобе нашунид, аз киса як миқдор пул бароварда оҳиста таги зонуи Ҳаким хаст. Ин дафъа ҳам ҷавобе нашуд. Боз пул баровард. Ҳаким мулоим шудагӣ барин гуфт:

– Дирӯз Раҳматҷон ном ҳамсояатон наздам омада, илтимос кард, ки аз болои шумо аризаи шикоятӣ нависам. Баъди рафтани ӯ дилам сӯхту шуморо ба ин ҷо, ба хонаи худ даъват кардам, то ки сари вақт пеши обро бандед.

Каримбой ғарқи хаёл аз хона баромад. Ҳаким пулҳоро бурда болои пулҳое, ки аз Раҳматҷон – гӯсалабони ферма гирифта буд, гузошту дар дилаш гуфт: – ягон рӯз Каримбой хоҳиш мекунад, ки аз болои гӯсолабон аризаи шикоятӣ нависам.

## АРЗ

Дар роҳ Таскин – холаро чанд кас пурсид, ки ба куҷо рафта истодааст:

– Сафарҳо ба хайр, Таскин– хола?

– Аз болои Зардаки ҳамсоям ба раиси колхоз арз мерам.

– Чӣ бадӣ кард?

– Э, рангашро мурдашӯ бинад. Маро, – як кампири ҳафтодсоларо пагоҳӣ диду лабаш ҷӯшида рафт, маълум, ки то авлоду асҳобам ҳақорат кард.

– Худо аз одами ганда нигоҳ дорад. Арз кун, лаҷомашро кашида монанд. Хайр!

– Хайр.

– Сафарҳо ба хайр, Таскин– хола?

– Аз болои Зардаки ҳамсоям ба раиси колхоз, э гӯр, дар ранги ҳамин хел раиси колхоз, ба милисаи ноҳия арз мерам.

– Чӣ, молҳоятон тақсим нокарда мондааст, ки байни худ ин хел…

Ҳамин ки пагоҳӣ маро дид, аҷинаҳош гирифту лабаш ҷӯшид. Э, ҷӯшидан- чӣ, ба ҳавлиам гузашта таҳдид кард- е!

– Ҷои одами ганда дар таги хок. Рав, арз кун, як алови чашмоша гиранд. Хайр!

– Хайр…

– Сафарҳо ба хайр, Таскин– хола!

– Аз болои Зардаки ҳамсоям ба милиса, э ин милиса худаш мардумозор, ба суди ноҳия арз мекунам.

– Чӣ, дунёи кушод ба ӯ тангӣ кард, ки туро ором намегузорад?

– Пагоҳӣ ба ҳавлиам даромада таҳдид… э, таҳдид куҷо, мушт фаровард, бо калтак зад.

– Арз кун, худо ҳақро ба ҳақдор мерасонад. Хайр!

– Хайр…

– Сафарҳо ба хайр, Таскин– хола?

– Аз болои Зардаки ҳамсоям ба суди ноҳия, э, садқаи ҳимоятгарӣ кунад ӯро, ба суди вилоятӣ арз мерам.

– Тинҷист?

– Хока тинҷист! Пагоҳӣ ба хонаам даромада, мушту калтак фаровард. Э, мушту калтак чӣ, маро таи по карда, лағадзанон ба мурда баробар кунад, тинҷӣ мешавад?

– Туро бесоҳиб ёфтааст, ман бошам… Рав, арз кун, ҷазо бинад, минбаъд қадамашро дониста мемонад. Хайр!

– Хайр…

– Сафарҳо ба хайр, Таскин-хола?

– Аз болои Зардаки ҳамсоям ба суди вилоятӣ, э, ин суди ҳаққимардумхӯри вилоятӣ ҳам суд шуд, ба суди ҷумҳуриявӣ арз мерам.

– Ӯро чӣ бало зад, ки ин хел девонагӣ дорад?

– Пагоҳӣ маро лағадкӯб, э, лағадкӯбӣ чӣ, дар пушту синаву китфу поям чанд корд зад.

– Ба гардани ин хел худобехабар банд андохта, дар оғил бастан лозим. Рав, арз кун, гарданашро хам кунанд. Хайр!

– Хайр…

– Сафарҳо ба хайр, Таскин– хола?

– Аз болои Зардаки… э, ин худатӣ… ҳамсоя? Ё тавба… Пагоҳӣ… лабот меҷӯшид… ҳозир бо сару либоси нав… Аз куҷо ин хел?

– Се рӯз боз дар шаҳр, дар тӯи амакам будам. Худи ҳозир аз мошин фаромадам. Аз тӯй бароят як куртаи чор кас ҳавас мекардагӣ ҳам овардам. Ана, гир, холаҷон…

– Ҳушам дар гӯр, мисле ки пагоҳӣ… туро дида бошам. Хайр…

## РАУФҶОН

Аз болои Рауфҷон се шикоят омад: ӯ дандони ҳамсинфашро хун кардааст, ба қубуре санги калон даровардааст, тирезаеро реза– реза кардааст. Роҳбарони мактаб шикояткунандагонро розӣ кунонданд, ки дар маҷлиси навбатии падару модарон тартибу интизоми Рауфҷонро танқид намоянд, то падараш бо гӯшҳои худ шунида, чорае андешад.

Маҷлиси падару модарон баъд аз ду рӯз баргузор гардид. Падари Рауфҷон бори аввал иштирок мекард. Директори мактаб дилпурона суханро ба шикояткунандагон дод.

– Рауфҷонро хамаи моён чун писараки қобилу кордон мешиносем, – гуфт соҳиби шикояти якум. – Вай бо ҳамсинфонаш дӯсту меҳрубон аст. Аз худ калонро ҳурмат менамояд. Лозим ояд, ёрӣ ҳам мерасонад. Ҳар қадар ӯро таъриф кунем, меарзад.

Роҳбарони мактаб тааҷҷубкунон ба якдигар нигариста монданд.

– Дар тарбияи хуби Рауфҷон падараш, рафиқ Авазбек Каттабоев, саҳми калон дорад, – гуфт соҳиби шикояти дуюм. – Рафиқ Каттабоев мехоҳад, ки писараш ҳам мисли худаш илмдӯст, ёрирасони хурду калон, ботамкину меҳрубон бошад. Меарзад, ки ҳамаи мо, падару модарон, дар роҳи тарбияи фарзанд аз рафиқ Каттабоеви мӯҳтарам ибрат гирем.

Роҳбарони мактаб ҳарчанд ба соҳиби шикояти сеюм ишораи «таърифро монда танқидро сар кун» кунанд ҳам, фоида надод.

– Чаро шикояткунандагон ба ҷои танқид Каттабоеву писарашро ба осмони ҳафтум бардоштанд? – бо ҳайронӣ мепурсиданд роҳбарони мактаб аз якдигар, баъди маҷлис.

– Зеро гап– гап ҳаст, ки рафиқ Каттабоев ба вазифаи боз ҳам болотар мебаромадааст, – фаҳмонд кадоме.

## БАНД

– Алло, ин хирмани Хирс?

– Ҳа, раис– бобо, гӯшак дар даҳону гӯши худи Хирс.

– Ҳой дарди сар, ваъда куҷо шуд, ваъда? О, дина нақшаро накандӣ– ку!

– Кандагӣ ҳисоб, раис– бобо. Кандагӣ ҳисоб.

– Чӣ тавр кандагӣ ҳисоб, ки ҳанӯз дар наваду ҳафт мурғи курк барин қарор дорӣ– ку! Ваъдаро шамол бурд?

– Ҳамин рӯз меканем, раис– бобо, ҳамин рӯз, гапи Хирс якта.

– Ин тавр бошад, гӯш кун, дарди сар: ту нақшаро кандан гир, ман ба рӯзномаҳо хабар додан мегирам. Охир, як бор дар рӯзнома гапи таърифиро хонем.

– Албатта, дар хоҷагӣ дар нимаи дуюми моҳи ноябр якумин шуда Хирс нақшаро канд гӯй, раис– бобо…

– Алло, почта, гулаки бобош, маро бо рӯзномаи ноҳиявӣ э биё мон, ҳамин рӯзномаи ноҳиявиро, беҳтараш ба рӯзномаи вилоятӣ пайваст кун. Алло, алло! Хирс нақшаи пахтаро канд. Хирсаш кӣ мегӯед? Вай як тележка гӯшт, номаш Зӯрибек, ҳа Чаққонов. Чанд фоиз мегӯед? Саду даҳ нависед! Хирс ҳамаро қоил кард. Алло, почта, гули бобош, маро бо рӯзномаи ҷумҳуриявӣ часпон. Ҳа, набот дар даҳонат об шавад, гули бобош. Алло, рӯзномаи ҷумҳуриявӣ? Нависед: Хирси мо нақшаро канд, ҳа, дар нимаи дуюми ноябр якумин шуда… Ҳа, Чаққонов. Саду понздаҳ фоиз! Ҳе, ин хирс не, дев!

– Алло, почта гулаки бобош, маро аввал бо телевизион ва ана баъд бо радиои ҷумҳуриявӣ маҳкам кун. Э, қурут дар даҳонат об шавад, гули бобош. Алло, телевизор? Нависед: Хирс нақшаро саду сӣ фоиз… Зӯрибек… чорта таъриф…

– Рӯзи дигар:

– Алло, ин ҷо хирмани Хирс?

– Ҳа, раис– бобо, гӯшак дар даҳону гӯши худи Хирс.

– Гӯш кун дарди сар: худи ҳозир аз рӯзномаҳо, радио, телевизор мухбирон омада дар бораамон як ароба гап менависанд, ба кино мегиранд. Тайёриатро сахт бин.

– Аз чӣ хусус менависанд, раис– бобо?

– Чӣ хел «аз чӣ хусус»? Аз хусуси роҳҳои иҷрои нақша-да!

– Охир, раис– бобо, нақшаамон… ҳоло ҳамон… наваду ҳафт.

– Ҳой дарди сар, ваъда чӣ шуд, ваъда?

– Дина барф борид– ку, раис– бобо, боз ду– се тӯй…

– Аҳмақ! Акнун ҷавобашро худат медиҳӣ!

– Ба хаёлам, раис– бобо, худи шумо ҷавоб доданатон лозим меояд.

– Нақшаро ту дарди сар наканию ҷавобашро ман диҳам?

– Гап дар сари бригадаи мо нест, раис– бобо, ба фикрам гап умуман дар бораи хоҷагӣ меравад. Барои як бригадаи мо шуда селаи мухбирон парвоз карда намеоянд.

– Ба хоҷагӣ чӣ шудааст, дарди сар?

– Охир, раис–бобо, ноябр ба охир расида истодааст, нақшаи хоҷагӣ дар ҳафтод. Ана, дар бораи чӣ навиштан мехоҳанд мухбирон.

– Таъриф гуфта ба гардани худамон банд андохтем гӯй, дарди сар…

– Ҳа, раис–бобо, ба гардани худам гӯй…

## АЗ БОРОН ГУРЕХТА...

– Ту чӣ, чойхоначии сардорӣ? – пагоҳӣ ба назди сардор чой дам карда бурдани маро дида мегӯяд, дилсӯзона, ҷонишинамон Шарифзода.

– Худо хоҳаду шумо ба ҷояш гузаред, аз ин гуна ташвишҳо халос мешавем, – миннатдорона мегӯям ман.

Шарифзода оҳи бадарде мекашад…

Вакте ки нимрӯзӣ дар обу арақ ғӯтида ба сардор як лаълӣ самбӯса бардошта меорам, дили Шарифзода аз хонааш меҷунбад:

– Дигар сардорон ғами коркунонашонро хӯранд, аз они мо феодали таппа тайёр. Ба ӯ, ки даст додӣ, қабза ба оринҷат мекунад.

– Косаи давр– да! – мегӯям ман бо умед. – то шумо соябони мутлақамон нашавед, мо, ана, ҳамин хел, хорузор.

Шарифзода чашм ба пушти дари сардор дӯхта, ғарқи хаёлҳои ширини худ мегардад.

Бегоҳӣ вақте ки барои сардор сигорета меорам, Шарифзода инони ихтиёрро аз даст дода, маслиҳат медиҳад:

– Хубаш аз болояш шикоят навис, он гоҳ аз азоб халос мешавӣ.

Ба гуфтаи ӯ амал кардам. Сардорамонро ба кори поёнтар гузарониданд. Ба курсии мансаб Шарифзода нишаст. Чунон хурсанд гардидам, ки гӯё мӯҳри идора маҳз ба дасти ман расида бошад.

Рӯзи аввал пеш аз оғози кор Шарифзодаи дилсӯз маро ба назди худ даъват карда, чунин фармуд:

– Аз бозор як халта караму пиёз харида ба хона бар. Дар хона барои мурғҳо катак месозӣ, баъд токи рӯи ҳавлиро мебардорӣ. Хайр, бардоштани девори оғилу пӯшондани он рӯзҳои дигар…

Ин лаҳза аз тори сарам як сатили оби хунук рехтагӣ барин шуд, гӯё аз борон гурехта ба барф дучор шудам.

## ПРИНСИПИ КОР

– Мо имрӯз чопкунандаи идораамон Фариштамоҳро аз ғирбол мегузаронем, – эълон кард Ризошоҳ. – Дина аз соати нӯҳ то ёздаҳ сояаш дар идора наменамуд. Гӯё бо мақсади гусели кадом як собиқ ҳамкурсаш дар фурудгоҳ қадам мезадааст, аммо ягон ҳуҷҷати тасдиққунанда надорад.

– Ҳуҷҷат аз фурудгоҳ? – ҳайрон мондем мо.

– Бигузор аз осмон бошад! Принсипи кор инро талаб мекунад. Сӯрохи кач мехи кач мехоҳад. Меарзад, ки ба чунин гуреза ҷазои фаромӯшношиданӣ бинем, – оташинона гуфт Ризошоҳ.

– Хайр, ин дафъа бахшиш, вале минбаъд ба чени кӯрпааш по дароз кунад. Ӯ чопкунандаи идора аст, на

гунҷишкаки фурудгоҳ, – ба рӯи пурандӯҳи Фариштамоҳ нигариста дилсӯзона гуфтем мо.

– Принсипи кор ин тавр рӯбинӣ нест. Ба ӯ ҷазое диҳем, ки сазовор бошад. Масалан, ман таклиф дорам, ки музди кори якрӯзаи Фариштамоҳ дода нашавад.

Ду рӯз гузашта ё не, мо, аъзоёни кумитаи иттифоқи касаба, калла ба калла задем.

– Мо имрӯз рафтори ношоями бандаи беғам, худпарасту нотандеҳ Машрабро муҳокима мекунем. Ӯ дина шамоли аҷинавори соати чор дар идора як пайдо шуда боз ғайб зад. Ба қавли худаш (ин ба виҷдонаш вобаста) аз хона телефон кардаанд, ки модаговаш касал шудааст. Шоҳинвори қанот зада рафта ҳалол кардааст, вагарна ҳароммурд мешудааст.

– Қандаша занад! – ба ҳоли нӯҳ нафар кӯдакони ширхӯр ва нимқаду яккади Машраб диламон сӯхта чаппак задем мо.

– Бекаллаҳо! – ба ҷаҳл омад раис. – Ба ҷои ҷазои муносиб додан – раҳмхӯрӣ. Раҳмхӯрӣ хуб аст, агар он дар дили кофир бошад. Принсипи кор чӣ мешавад? Ҳуҷҷати тасдиққунандааш-ку? Таклиф дорам, ки музди кори якрӯзаи Машраб – ландаҳӯр бурида шавад.

Музди кори якрӯзаи усто Назрӣ ҳам барои он қайчӣ шуд, ки хонаашро об зер кардаасту чанд соати кориро бо баровардани он гузаронидааст, вале ба қавли раисамон ягон ҳуҷҷати тасдиққунанда надоштааст. Принсипи кор инро талаб мекард.

Имрӯз ҳам маҷлиси кумитаи иттифоқи касаба баргузор гардид. Масъалаи як: муҳокимаи мактуби фиристодаи шӯъбаи корҳои дохилии ноҳия. Дар он гуфта мешуд, ки раиси кумитаи иттифоқи касабаи корхонаи мо Ризошоҳ Навбатов дар вақти корӣ маст шуда ба дасти нозирони тартибот афтодааст. Сари бад ба балои бад афтод.

– Хӯш, ба ӯ чӣ хел ҷазоро раво мебинем? – ман ҳамчун ҷонишини раиси кумитаи иттифоқи касаба рӯ овардам ба ҳайат.

– Принсипи кор ҳуҷҷати тасдиққунандаро талаб мекунад, ки он ҳаст! Пас ҳуқуқ дорем, ки ҳозир масъалаи дар идора кор кардан ё накардани Ризошоҳ Навбатовро бинем, – таклиф гузоштанд аксарият.

Ҳа, дунё ҳамин аст: сахт занӣ, сахт мехӯрӣ.

# ЖДАНГ– ДАНГ

– Ҳой, наҳси хунук, дастатро гир!

– Ман хостам каме машқ…

– Машқ мегӯию, анна, баъд ягон симашро-а?

– Илтимос, дар бораи ман ин гуна андешаҳои торик накунед.

– Медонам шумоёнро, дар назар муши мурда барин, вале дар амал рӯбоҳи айёр, кош фаҳмед, ки…

Қаровул-амаки ногоҳ аз пасам пайдо гардида (ӯро ҳамин гуна шахс гумон кардам) асбобро аз дасти ман гирифта, нархномаашро тоза карда, дар ёфтани номи он дармонд, вале баъд:

– Кош, фаҳмед, ки ин тор чи қадар пул меистад, – гуфт.

– Ин рубоб, – ислоҳ кардам ӯро.

– Чӣ, ту фолбинӣ, ки рубоб буданашро аниқ медонӣ, – сӯям чашм ало кард ӯ.

Даруни клуб хунук буд. Барои ҳамин қаровул– амак сар, даҳону биниашро бо телпаку гарданпеч гарм нигоҳ медошт.

– Пули ана ин жданг– данг ҳам каму ғам не.

– Чӣ– чӣ, жданг– данг? Ҳайрон мондам ман.

– Хайр, жданг– данг, доира ва ё умбаки ум будагист.

Ман ба доира даст расонданӣ будам, ки намонд. – Ту пати биниатро рӯфта наметавонию бо кадом дилу гурда инро мегирӣ? Лекин аз чашмот алов мереза, сағира, дастат бехосият барин, боз пуфаквори накафонӣ, он гоҳ ҳамаи милисаҳои ноҳияро ба по хезонам ҳам, паи поятро намеёбанд. Як жданг– дангро ба даҳтои шумо иваз намекунам.

Ҳамаи асбобҳои мусиқӣ зери чанг мехобиданд. Эҳтимол ба ин қарибиҳо аз ҷой ҷунбонда нашудаанд.

– Ана, ин кӯҳи худоро пиён– нина мегӯянд. Аҷаб не инро як Нинаи пиёниска сохтаасту баъди маргаш ба номаш мондааст. Лекин пулаш калон. Дар ин артистони номӣ навозанд, меарзад, барои шумо, лавкашолҳо, ҳайф – назди дигар асбоби мусиқӣ омада гуфт қаровул– амак.

– Нодуруст фаҳмидаед, – ислоҳ кардам ӯро. – Ин асбоби мусиқӣ пиён– нина не, балки пианина ном дорад ва аз тарафи ҳеҷ гуна Нинаи пиёниска сохта нашудааст.

– Ту, халтаи гап, ҳамаи инро аз куҷо медонӣ? – сахт песонд маро.

Баъд қаровул– амак ба таърифи худ гузашт:

– Ҳамаи инро як худам мардаквори қаровулӣ дорам. Дасти касе ба онҳо нарасидааст. Охир, худо накунаду ягонтоаш… ба гуфтан забонам намегардад… он гоҳ пулаш аз кисаи худам…

– Аввалан, ин асбобҳо барои тамошо не, барои навохтан. Дуввум ҳамин қадар солҳо онҳоро нигаҳбонӣ дореду то ҳол номҳояшонро намедонед, ақаллан аз мудири клуб меомӯхтед? – заҳрханда кардам ман.

– Ту дарозгӯш қут– қут карда кадом мудирро мегӯӣ, чашмат– ку шав нагирифта бошад? Охир, мудири клуб… ман худам! Хайр, дар кор сиёҳӣ ғалтиду аз мағоза ба ин… клуби зормонда гузаштам…

## УСУЛИ РОҲБАРӢ

– Як рӯз ҷавоб мепурсӣ?

– Ҳа, падарам дар беморхонаи шаҳр, аҳволаш вазнин.

– Нақша чӣ мешавад? Арвоҳҳо иҷро мекунанд?

– Илтимос як рӯзакак…

– Сардор мардум гапро як бор мегӯяд!

Коргар бо дили шикаста баромада рафт. Мард Баҳодуров мутакаббирона ба гӯшаи утоқаш чашм партофт. Писараш Ҳаниф навакак бо дипломи донишкадаи олӣ аз шаҳр омада, як сари қадам наздаш даромада буд. Мард Баҳодуров ӯро нигоҳ дошта гуфт: «Иншооллоҳ ман зинда бошам, ту роҳбар мешавӣ, вале саравваи роҳбариро омӯз».

Ҳаниф аз сиёсати падар дар ҳаяҷон ба нигоҳи ӯ бо чунин нигоҳ ҷавоб гардонд: «Роҳбар шавам, албатта, мисли шумо мешавам!».

Ин дам зани хушандоме даромад.

– Мард Баҳодурович, – муроҷиат кард ӯ. – имрӯз дар вақти муқаррарӣ ба хона меравам, охир боғча то соати шаш кор мекунад. Муррабияҳо барои як духтарчаи ман шуда то соати ҳафт мунтазир намешаванд.

– Ғами худатро мехӯрӣ? Ана, мо ҳам истодем– ку. Духтарчаат бошад, роҳи хонаатро дидааст.

– Вай навакак роҳгардиро омӯхтааст.

– Ҳеҷ гап не, тезтар роҳгардак мешавад.

– Ман намефаҳмам, чаро мо аз меъёр зиёдтар кор мекардаем. Масалан, ман ҳамчун иқтисодчии корхона ҳисобу китобро сари вақт баҷо меорам. Ҳеҷ зарурати баъди соати шаш истоданам нест.

– То он даме ман хӯҷаини идора ҳастам, ана, ҳамин хел реҷа ҷорист, маъқул набошад, илоҷаш осон…

Ҷавонзан бо дидаи пурнам утоқи пурҳашаматро тарк кард. Мард Баҳодуров симои аввалаашро гирифт. Ба маънои «хӯш, чӣ хел?» ба писараш нигарист. Ҳаниф чунон ба завқ омада буд, ки мехост ҳозир худаш ба ҷои падараш нишинаду шахси навбатиро қабул намояд ва зайли падар муомила кунад. Падар ширин чеҳра шукуфонд.

Дар кушода гардиду марди қоқалаи дарозе ворид гардид. Аз чашмонаш алов мерехт. Ӯ назди мизи сардор омаду рӯ ба рӯяш истод.

– Мегӯянд, ки се рӯзи меҳнати маро буридаӣ– а? – дандон хоида пурсид ӯ.

Мард Баҳодуров ҳам натарсид.

– Ҳамин хел фармон додам.

– Барои– чӣ?

– Барои он ки рӯзҳои истироҳати моҳи гузашта шанбегӣ гузаронидем, аммо шумо фақат як рӯз иштирок доштеду халос.

– Худо-ку ақлатро нагирифтааст, охир шанбегиро фақат як бор рӯзи шанбе мегузаронанд, на ҳар рӯзи шанбею якшанбе бе танаффус. Наход ман – пири қаровул инро донаму туи маълумотдор– не?

– Ҳоло ман сардор! Хоҳам дар давоми сол бе ягон рӯзи истироҳат кор мефармоям. Ту дар он дунё сардор шудӣ, хости худата кун.

Ҳаниф нафаҳмида монд, ки чи тавр марди қоқалаи дароз аз гиребони куртаи сафед ва галстуки сиёҳи падараш дошта кашолакунон берун баровард. Падари то ин дам фармондеҳаш акнун муши ба чанголи гурба афтода мемонд. Ҳаниф бо дасту пои ларзон такрор мекард: «Не, асло мисли шумо намешавам, асло»!

## ДАВОИ ҚУРУТ

– Ту гарданшах ҳанӯз оғилро тоза накардаӣ?

– Ф…фаро…мӯш…

– Ҳозир ман ба ту нишон…

Писар – муш, падар – гурба, суркунӣ. Писар чашми падарро хато карда, ба ҷое пинҳон мешавад. Падар байни ҳавлӣ хӯса барин рост мемонад. Дандон хоида – дандон хоида даруни хона даромаданӣ мешавад то тасмаи шимашро гирифта, писарашро ёфта «адаб» омӯзонад. Ин дам гузориши футболро мешунавад аз дарун. «Наход футбол? О, ин бозӣ дар барнома набуд– ку!».

Саросема дарро кушоданӣ мешавад. Аз дарун дар маҳкам. Занашро ҷеғ задан мехоҳад, эҳтимол калидҳо дар дасти ӯ бошанд. Ин маротиба овози шореҳ ким– чи хел ноошно ба гӯш мерасад, гӯё шореҳи нав бошад. Ба овози шореҳи футбол гӯш меандозад: «Тӯб дар нимаи майдон. Валерий Турсунов ба он соҳиб мегардад. Як касро фиреб медиҳад, боз ду касро, се касро, ба дарвоза наздик мешавад, зарба задан мехоҳад, вале мебинад, ки ӯ дарвозаи худро ба нишон гирифтааст…».

Падар бо мушт ба дар мекӯбад: «Ҳой каду, ба дарвозаи худ назан, ки ҳозир аз тефат дошта ба духтури чашм мебарам».

Овози шореҳ ба гӯш мерасад:

«Валерий Турсунов тӯбро ба қафо мепартояд. Он ба каллаи Вазген Манасян бармехӯрад. Вазген тӯбро аз нимаи майдон бо сараш бозӣ доронда – бозӣ доронда ба назди дарвозаи ҳариф…».

Падар бо шатта ба дар мекӯбад: «Зан мегӯям! Зан, ки дер мешавад».

Гузориш авҷ меёбад: «Вазген Манасян дар назди дарвоза истода фикр мекунад, ки тӯбро занад ё назанад».

Падар дудаста ба дар мезанад: «Чаро фикр мекардааст? Кӣ ба ӯ ҳуқуқ додааст, ки дар вақти голзанӣ ба сараш ин хел хаёлҳоро роҳ диҳад!».

Садои шореҳ баланд мегардад: «Ниҳоят Вазген сари нангу номӯс омаду тӯбро ба дарвоза зад. Гол!»

Падар «Го– о– о– л!» гӯён аз ғояти хушҳолӣ чӣ тавр дастаки дарро силтав зад, чи хел ба бағалаш писараш даромад, бехабар монд.

# ҲАШАР

Пеш аз оғози маъракаи ободонӣ ва кабудизоркунӣ фаъолони хоҷагиро даъват карда, аҳамияти муҳим дошта-ни ин корро фаҳмондам, таклиф гузоштам, ки чи мешавад агар дар ин давра миёнро аз ҳафт ҷо маҳкам баста, хонаи вайронаеро обод намоем. Барои ба идораҳои боло маълу-мот додан хеле воҳима мешавад.

Аввалин шуда Абдуллои мудири агроучастка сухан ги-рифта гуфт:

– Маълум ки бисёртар тахтаю шифер даркор. Ҳозир ин дар даҳони савдогар. Аммо ба кордон кор осон. Ана, яслии мавсимӣ дар пеши бинӣ истодааст. Акнун, гузашт он давраҳои аллагӯию гаҳворачунбонӣ. Агар онро канда ин хонаро обод накунем, худо медонад насиби боз кадом як дузди дигари шаб мешавад.

«Эҳ, дар даҳонат як коса асал! Хости диламро гуфтӣ. Некиатро бо некӣ бармегардонам»– хушҳол гардидам бо худ. Аммо Қурбони сармуҳандис лабонашро тӯрба кард:

– Ин чӣ хел мешавад, ки як ҷои ободро…

«Эҳ, качнӯле, качнӯле. – рагу пайванди хашму ғазабам таранг гашт, – парвардигор барои ҳамин торикии дилат биниатро кач кардааст» лекин гӯши ману девори қиёмат гуфтагӣ барин гапашро ношунида вонамуд кардам ва так-лифро пазируфтагӣ ҳисобида, масъалаи бунёди боғу роғашро ба миён гузоштам.

Боз Абдулло риштаи дӯстиашро дароз кард:

– Худо ақли расою чашми биноамон додааст. Хоҷагиамон як тележка ниҳол овардааст, ки шинонем. Аз ҳисоби ҳамон чормағз, бодом, хурмо, зардолу шинондан мегирем. Боз нашавад, ки як қисми ниҳолҳо насиби одамо-ни дасташон кач гардад. Он гоҳ на худ хӯрдаю на худ пӯшида мешавем.

«Офарин ҷону ҷигари ман, – аз ғояти шодмонӣ қариб, ки се кило фарбеҳ шудам. – Насиб бошад, дарахти орзуят гул мекунад, мазмун вазифаи баланд мегирӣ».

Қурбон дамашро гирифта натавонист:

– Ниҳолҳо бе ин ҳам кам…

«Ҳе, качнӯле… забоната ғунда газад. Зинда бошам, ҳам аз асп мефароию ҳам аз узангу. Мо як ҷои ноободро обод

кунему ту ҳарифӣ кунӣ–а, маъракаи ободонию кабудизоркунӣ ҷанозаи очаат не».

Ҳамин тавр, бо таклифҳои оличанобонаи Абдулло қарор додем, ки токҳои ангури ба замин афтодаро аз ҳисоби токҳои назди фермаи заргӯш, оғилхонаро аз ҳисоби хукферма барқарор мекунем.

– Ку, акнун он давраҳои заргӯшпарварию хукпарварӣ, – заҳрханда кард Абдулло ва оби даҳони ҳама ях баст.

Ин лаҳза касе пурсид:

– Ман нафаҳмидам, ки ин хона ба идораи хоҷагӣ дахл дорад ё ба ферма?

Абдулло ба ёрӣ шитофт:

– Шумо нангу номус доред ё не? Охир, хонаи раиси мо, ғамхори мо, соябони сари моро обод кардан даркор. Вагарна аз шармандагӣ пеши поямонро нигоҳ карда наметавонем.

Кадоме заҳр чакконд:

– Ба хаёлам хонаи раисамон қасри шоҳона барин -ку…

– Гӯё аз сайёраи дигар фаромада бошӣ! – тоқат накарда қариб, ки дод зад Абдулло. – Охир, хонаи давраи бригадирии раисамонро дар назар дорам. гуфта намешавад, шояд оянда мо хоҷагиро ба номи раисамон мемонем. Он гоҳ кори ҳайкалгузорию осорхонакушоӣ оғоз меёбад. Хонаи давраи бригадирии раисамон ба осорхона табдил меёбад. Дурбин шудан даркор, дурбин!

Ҳамин тавр, маъракаи ободонию кабудизоркунӣ дар хоҷагӣ оғоз ёфт. Барои дар мӯҳлати кӯтоҳтарин анҷом додани он Абдуллоро ҷонишини худ таъин кардам. Барои ба кор лагад задан Қурбонро аз вазифаи сармуҳандисӣ ба вазифаи сардори бригадаи механикӣ гузаронидам.

## ОРДИ СИНКА

Дари ҳавлӣ тақ-тақ шуд. Холаи Гулпарӣ онро кушода, рӯ ба рӯяш шахси ношиносеро дид.

– Сафарбек ҳамин ҷо? – пурсид ношинос.

– Ба ҷои дур баромада рафтааст. Омаданаш дар гумон.

– Байни мо маслиҳате шуда буд. Ӯ аввал маро дида, ана, баъд ба ҷои дур мерафт. Шояд ҳоло ҳамин ҷо бошад. Барои ҳамин агар омад, ҳатман, ана, инро супоред.

Ношинос аз таги куртааш рӯймолеро кушода гирифт, ки даруни он чизе печонида шуда буд. Модар онро гирифта чизе пурсидан хост, аммо ношинос «илтимос, фақат ба худаш, ман баъд хабар мегирам» – гӯён саросемавор дур шуд.

Сафарбек «ба шаҳри дур мардикорӣ меравам» – гӯён аз хона баромада рафта буд. Барои ҳамин модар рӯймолро кушод ва ба даруни он ба қадри як кило орди сафед дид.

Баъди як моҳ дари ҳавлӣ тақ– тақ шуд. холаи Гулпарӣ дарвозаро кушода рӯ ба рӯяш боз ҳамон ношиносро дид.

– Тақдири додагиам чӣ шуд? – пурсид ношинос.

Холаи Гулпарӣ аз афташ аламдор буд, ки якбора дар гирифта монд:

– Э, дар гӯр ҳамон орди кӯҳнаи синкаи овардаат. Хаёлам ошнои писарам дар давраи камбағалӣ ғами моро хӯрдааст. Онро бо орди макка аралаш карда нон пӯхтам, лекин хӯрдан нашуд. Ҳайфи орди маккаам.

Сари марди ношинос чарх зад ва пеши пои холаи Гулпарӣ афтода монд.

## ТЕЛЕФОНИ БОВАРӢ

Масъалаи вабои аср– марги сафед муҳокима мегардид. Мутасаддии ин масъала ҳисобот медод:

– Шӯъбаи мубориза алайҳи маводи нашъаи идораи мо давоми сол оиди пешгирии маводи мухаддир натиҷаҳои чашмгиреро соҳиб гардид. Аз рӯи ҳодисаҳои ошкоркардаи нозирон шӯъба панҷоҳ парвандаи ҷиноӣ кушод, ки аз рӯи он яксаду панҷоҳ нафар ашхоси бо нашъа сарукордошта ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шуданд. Дар ин кор ба мо телефони бovарӣ хеле кӯмаки зиёд расонд. Ҳоло ин ҷо хизмати яке аз фаъолони телефони бовариро, ки ҳамеша исми шарифашонро «Нотарс» ба забон мегирифт, қайд кардан мехоҳам. Ӯ дар давоми сол шаш маротиба ба мо занг зада, номҳои ашхоси ба ин кор сарукордоштаро номбар кард. Амали ҷасуронаи ин марди наҷиби фидоии ҷомеа лоиқи дастгирист, рафиқон!

Баъди таҳсину ситоишҳои тӯлонӣ ба фаъоли телефони боварӣ, яъне ба «Нотарс», ки ҳатто нотарсида ба ин ҷамъомад омада будааст, мукофоти арзандаи шӯъба супори-

да шуд. Албатта, аз рӯи эҳтиёту зарурат «Нотарс» дар назди ҳозирон бениқоб пайдо гардида наметавонист.

– Аҷиб, – норозиёна ба гӯши ҳампаҳлӯяш пичиррос зад яке аз иштирокчиёни ҷамъомад. – Ба шахсони аз кисаашон нашъа ёфтагӣ парвандаи ҷиноӣ кушоданду ҳатто ба як нафар таъминкунандаи маводи нашъа не. Ҳол он ки боварӣ дорам, ҳамаи судшудаҳоро дар ин минтақа фақат як нафар таъминкунандаи асосӣ ба ин роҳ даровардааст.

– Чунки, – оҳиста ҷавоб дод ҳампаҳлӯяш, ки воқифи ин ҳол буд, – таъминкунандаи судшудаҳо худи, ана, ҳамин «Нотарс» аст. Ӯ ҳам таъмин мекунад, ҳам хабар медиҳад ва ҳам мукофот мегирад. Кормандони шӯъба инро хуб медонанд, вале барои онҳо муҳимаш фоида бошаду ҳисобот.

## ДИДБОНГОҲ

Дар гардиши канори роҳ дидбонгоҳи низомӣ ҳукм меронд. Мошинҳои сербор фақат аз ҳамин самт мегузаштанд ва табиист, ки нони дидбонҳо дар рӯған буду аз ин бахти худодод шукрона доштанд. Дар вақташ ҳам «Ин ҷо маҳалли хавфнок» гуфта, бесабаб воҳимакунон дар дили калонҳо алов рехта маҳз дар ҳамин ҷо хайма назада буданд ва акнун ҷонашонро доданӣ буданду ин ҷоро не.

Аммо гузашти вақт зарурат надоштани дидбонгоҳи низомиро дар ин гардишгоҳ исбот намуд ва шикваи ронандагону мусофирон низ аз тамаъҷӯии дидбонҳо ба чаҳор тараф барқосо паҳн гардид.

Ниҳоят дидбонгоҳро аз миён бардоштанд.

Муддате мусофирону ронандагон нафаси озод кашиданд. Вале шабе дар оинаи нилгун наворе пахш гардид, ки гӯё каме дуртар аз ин гардишгоҳ ambори силоҳ ёфт шудааст. Дар мусоҳибаи телевизионӣ сардори дидбонгоҳи барҳамдодашуда чунин ибрози андеша кард: «Амбори силоҳ баъди рафтани дидбонгоҳи мо ёфт шуд ва ин ҷо нақшаи нопоки гурӯҳе ниҳон аст. Чашми тезбини мо имкон дод, ки дар дигар ҷой истода сари вақт онро ошкор созем. Аҷаб нест, ки чунин анборҳо дар ҳамин наздикиҳо зиёд бошад. Аз ин хотир зарурати аз нав ташкил кардани дидбонгоҳ ба миён меояд».

Бонги изтироб ба авҷи осмон расид. Охир, чашми нозирони тартиботу қонуният ва ҳаракати роҳи ин минтақа куҷоро

нигоҳ мекард, ки гурӯҳе осонакаку беташвиш ба чунин ҷиноят даст занад? Ҳине ки маломату сарзанишҳо аз боло ба сари ин бечораҳои дар бало монда мерехт, сардори дидбонгоҳи барҳамдодашуда аз шодӣ дар куртааш намеғунҷид ва худ ба худ мегуфт: «Хайрият, каллаамон кор карду амбори аслиҳаро дар ин ҷо ноайён ташкил кардем. Акнун, дар дили калонҳо алов рехт ва будагӣ гап ки зарурати ташкил кардани дидбонгоҳи боз ба миён меояд. Он вақт Худо хоҳад, нонамон боз ба рӯған меғӯтад».

## БОБОИ РӮДАКӢ

Шарафи Қодир, раиси хоҷагии деҳқонии «Шараф», дар курсии мулоими утоқи кории худ яккаву танҳо, фориғ аз ҳама гуна андешаҳо – он андешаҳо хоҳ талх бошанд хоҳ ширин, оҳангеро зери лаб замзама дошт. Инсон ҳамин гуна қудрат ҳам доштааст, ки барои худро аз ташвишҳои зиндагӣ раҳо кардан лаҳзае хаёлоташро аз хонаи сар баровcovarда ба маконе мерондааст, ки он барои худаш ҳам тасаввурнопазир будааст. Берун аз хаёлот будан фазои таскинбахше будааст барои инсон…

Раис, ана ҳоло дар ҳамин гуна фазои таскинбахш буд, саҳеҳтараш худро дар оғӯши он даровarда. Барояш тасаввур кардан душвор буд, ки дар фазои боҳавои рӯи замин аст ё дар фазои беҳавои кайҳоннавардон, дар оромист ё дар парвоз.

Зердастони Шарафи Қодир бо оҳистагӣ як– як вориди утоқи корӣ гардиданду бо ҳамин фазои таскинбахш ғайб зад. Ва ӯ боз худро дар муҳити кори идора дид. «Ҳа, ман бояд маҷлис гузаронам» ҳӯшашро ба ҷо овард ӯ.

Утоқи кории раиси хоҷагӣ васеъ, вале оддӣ буд. Як хараки дарозу панҷ– шаш курсӣ барои кормандон ва ҳамагӣ як мизи рангпарида барои худи раис дошт. Умуман, утоқҳои кории раисони хоҷагиҳои деҳқонии имрӯза қариб ки ҳамин гуна рангу бори оддӣ, як манзараи умумӣ доштанд.

Зердастон рӯ ба рӯи раис болои хараку курсиҳо нишастанд. Раис аз ҷо бархоста қади паст, вале ҷуссаи фарбеҳи бӯққачамонанд (эҳтимол ба ғалча гуфтан наздиктар бошад), гардани кӯтоҳашро таранг кашида, ришу мӯйлаби пастакакашро гоҳ хоридаю гоҳ кафмол карда истода, маҷлисро ҳусни оғоз бахшиданӣ буд, ки «ассалому алей-

кум» гӯён меҳмоне, тавре мегӯянд, бо дафтару делаи худ чеҳра намоён кард. Кормандон зуд бархоста утоқи кориро холӣ карданӣ буданд, ки меҳмон намонд «якҷоя сӯҳбат мекунем» гуфт. Аз кӯлоҳи хокистарӣ, куртаи сафеди гулӯбанди зард ва шиму кастуми сиёҳаш маълум шуда меистод, ки ӯ санҷишгари болоист.

– Ман Латиф Олимзода, намояндаи вилоят, мувофиқи супориш бояд бо корҳои анҷомдодаи хоҷагии деҳқониатон бахшида ба ҷашнҳои дар пешистода шинос шавам, – худро муаррифӣ карда истода гуфт меҳмон.

Шарафи Қодир, ки чунин меҳмононро бисёр қабул кардаю гусел намуда буд, аз рӯи илтифот шарти одобу пазиройӣ ба ҷой овард, намояндаро хайра– мақдам гуфт, кормандонашро, ки ҳанӯз рост истода буданд, як– як шинос кард. Намоянда бо муроотӣ раис дар бари ӯ болои курсии мулоим нишаст. Чун раис бари меҳмон нишаст, кормандон низ бо имои раис ба ҷойҳои худ нишастанд. Ана, баъд меҳмон ба қисмати асосии кор– суолу ҷавоб гузашт.

– Хуш, аввал маълум кунам, ки кадоме аз шумоён маълумоти олӣ надоред, – дафтар кушодаю қалам ба даст гирифт ӯ.

Шарафи Қодир кӯлоҳи рах– раху сӯрохи тобистониашро аз сар гирифта, тори сари бемӯяшро гоҳ кафмол кардаю гоҳ хорида, аввал ба тааҷҷуб афтод ва баъд хандаи паст карда гуфт:

– Ийе, саволи ғалатӣ– ку, меҳмон! О «кадоматон маълумоти олӣ доред» гуфта пурсед– а. Ба хаёлам ин гапҳо кайҳо кӯҳна шудаанд, кӯҳна шудан– чи, пӯсидаанд. Ҳозир давр даври диплом, не, рафиқ намоянда, балки давр даври корчаллонист ва инро мебахшед– ку, шумо хуб ҳам медонед. Ана, дур нарафта худи моро мегирем, ҳамаамон бо аттестати синфи даҳ, панҷ– шашсолӣ дар Россия кор карда омадем. Ҳини раисинтихобкунӣ, яъне дастбардорӣ, ман раис интихоб шудаму селхозтамомкардаҳои дипломдор беовоз, мисли ҳайкали кӯча ҳайрон монданд. Акнун, дипломҳояшон даруни сандуқҳояшонро зеб медиҳанд. Ман ки раис шудам, табъи дил, ана ин командаи бедипломҳои худро ташкил карда ба кор гирифтам. Корро оҳиста– оҳиста ёд гирифтанд. Ҳатто номи хоҷагиро дигар карда ба номи худ, яъне «Шараф» гузаронидам. Ҳа, замона ранги

дигару мазмуни дигар гирифтааст, рафиқ намоянда, так што аз баҳри ин хел саволҳо гузаштан лозим.

Намоянда эҳтимол чунин ҷуръату ошкорбаёнии роҳбар ва боз хору зор, беқадршавии дипломҳоро бори аввал мешунид, ки дар ҷояш як ҷунбида монд ва бо рӯймолча араќи пешонӣ тоза кард. Аз чеҳраи сабзинаи дидадаро, нигоҳҳои маънодор, ки ба рӯйи борику бинии мувофиқ шинам меомад, айён буд, ки ботинан бесаранҷомӣ дорад. Бо қалам болои саҳифаи дафтарчааш чизе навиштанӣ мешуд, аммо чи навиштанашро намедонист. Чиро ҳам навишта метавонист, чунин суханони подарҳаворо?

Ниҳоят намоянда сухан оғоз кард:

– Замона худ ба худ ранги дигару мазмуни дигар намегирад, рафиқ раис, мо худамон ба замона ранги дигару мазмуни дигар медиҳем, ҷомаи фанду фиреб мепӯшонем. Хайр, акнун ин савол дар омади гап буд, биёед, ба масъалаи асосӣ мегузарем. Тавре ки медонед, имсол соли бузургдошти забони тоҷикӣ эълон гардидааст. Мо барои тозагию сиҳатии забонамон бояд мубориза барем. Ба андешаи шумо барои ба ин ҳадафҳо расидан чӣ корҳоро бояд ба анҷом расонд?

Шарафи Қодир мисле ки ин масъала кайҳо ҳалли худро ёфта бошад, зуд ба саркишоварз Тоҳири Зоҳир рӯ овард:

– Ҳа, агроном, поручения дода будам, ки масъалаи забона бин, чӣ кор кардӣ?

Саркишоварз, ҷавони миёнақади лоғару зардинамӯй зуд аз ҷой бархост, мисле ки рагҳои чаккаи сараш дард мекарда бошанд, пешонӣ молид ва баъд хотирааш равшан шуд, ки якбора овоз баланд кард:

– Ҳа, ҳамин хел поручения шуда буд ва ман анализ карда баромадам. Дар ҳақиқат, вазъияти забон апасни шудагӣ, раисбобо, ҳа, апасни шудагӣ. Дар лароки гӯштфурӯшӣ даромада забони гова бинам, таги дег барин сиёҳ. Хӯред агар минутда касал шуда мемуред. Қассоба хеле предупреждени кардам.

Аз ин ҷавоб раиси хоҷагӣ қаноатманд гардида:

– Нағз кардӣ, ман мебудам, лаънатиро накдаун мезадам. Охир, ба умеди як забони зормонда халқи олама заражёни кардан чи лозим, саломатӣ бояд дар ҷои аввал бошад, – гуфт.

Ва раис бори ҷуссаи танумандашро болои миз зер карда, мисле ки меҳмонро миннатдор мекарда бошад, таъкидан гуфт:

– Ана, ҳамин хел, рафиқ намоянда, мо профессор набошем ҳам, дар соли забон намемонем, ки мардум забони чорвои касалро хӯрда, ана, баъд дар постел по дароз кунанд.

Намоянда асабиёна бархост. Саросема тугмаи гиребони куртаашро кушод. Назди ҳозирин пасу пеш қадам зад. Ба нигоҳи ҳайратовари ҳамагон, ки «ба ин меҳмон чӣ шуда бошад?» аҳамият надода, бо кафи дасти чап фӯку манаҳи борикашро дошта ба тӯри хаёл печид. Баъд боз ба ҷояш омада нишаста:

– Медонед– чӣ, шумо нафаҳмидаед, имсол соли забони ҳайвон не, балки соли забони тоҷикист, мефаҳмед т– о– ҷ– и– к– ӣ, – гуфт.

Шарафи Қодир ҳам ба мисли намоянда норозиёна аз ҷо хест, гӯё ҳалли масъала дар дасти ӯ бошад, вазнин– вазнин хеле пасу пеш рафт ва баъд таъкиди меҳмонро об дод.

– Сад фоиз дуруст! Имсол соли забони ҳайвон не, балки соли забони мо, тоҷикон аст. Фаромӯш накунед, ки птичий грип гуфтанӣ гапҳо ҳаст. Мабодо забонамон заражёни шаваду аз гапзанӣ монем, худо зад гуфтан гиред. Значит мо бояд хӯшаҳои ангур, донаҳои анҷир, олу ва умуман, он меваҷотеро, ки паррандаҳо нӯл мезананд, нахӯрему забонамонро эҳтиёт кунем. Гуфтаанд-ку: «Эҳтиёт – шарти ҳаёт».

Намоянда кулоҳашро, тавре ки қартабозҳо мепартоянд, мисли қарта болои низ партофт, арақи пешонию гарданашро бо рӯймолча тез– тез ба поккунӣ даромад, асабиёна тугмаи гиребони куртаашро маҳкам кард ва боз кушод. Гуфт:

– Ҳой, мардум, шумо дар осмонед ё дар замин, гуфтам, ки имсол соли забони тоҷикӣ эълон гардидааст, с– о– л– и– за– б– о– н– и– т– оҷ– и– к– ӣ…

Ин дам масъули кор бо занони хоҷагӣ Ҳусни Ҷаҳон, зани сафедчеҳраи аз ғояти фарбеҳӣ базӯр аз дарун овозаш мебаромадагӣ, аз ҷой бархост ва фаҳмидагиҳо барин ба масъала чунин рӯшанӣ андохт:

– Маълум мешавад, ки мақсади намояндаро фақат ман фаҳмидаам.

Баъди ин ӯ лӯлаи коғази сафедеро паҳн карду шарҳ дод:

– Ана, нигоҳ кунед, ман барои кабинети худам чи гуна шеър навишта шиор карда мондам.

Ва Ҳусни Ҷаҳон баланд– баланд хонд:

Безарар бош, эй забони тоҷикон,
Бекасал бош, эй забони бобоён.

Ҳозирин чун диданд, ки баъди порчаи шеърӣ расми калони забони одам ҳам кашида шудааст, бо шавқ кафкӯбӣ карданд.

Тоҳири Зоҳир, саркишоварз, ҳарчанд ки дар ибтидо нодонии худро мисли пистаи бемағз нишон дода буд, аммо гӯё ҳозирин фаромӯш карда бошанд, донотарошӣ кард:

– Тавба, баъзеҳо дар қади умр китобе ба даст намегиранду худро олим тарошида ман– манӣ мекунанд. Дар ин ҷо мақсади меҳмонро фақат ман фаҳмидам. Яъне мо забонамонро, аниқтараш, гуфторамонро аз дигар забонҳо зашита кунем, намонем, ки он аралаш шавад.

Намоянда оҳи сабук кашиду:

– Хайрият, чашм нарасад, ниҳоят як нафар ба асли мақсад сарфаҳм рафт, – гуфт ва баъд суол кард. – Акнун, шумо бигӯед, ки барои тозагии забон ва пешравии он чӣ корҳоро сомон бахшем ва чӣ гуна таклифу пешниҳодҳо доред?

Саркишоварзи лоғару зардинамӯ чун хурӯс мағрурона гардан ёзонда ба тарафи чапу рост нигоҳ партофт то бубинад, ки ҳамкорон ба ӯ қоил шуданд ё не? Аммо Шарафи Қодир бошад, ғарқи андеша бо ангӯштон болои миз хеле тук– тук заду баъд иброз дошт:

– Рафиқ намоянда, ин нишастагиҳо таклифа бомба мефаҳманд. Агар худи ман ҳамчун раис ягон таклиф предлагат накунам, ҳозир инҳоро хоб мебарад. Таклифи ман бошад, чунин аст: касе ки бо нимтоҷикию нимурусӣ гап мезанад, лабонашро бо суперклей маҳкам кардан лозим. Хайр, агар бо риштаву сӯзан дӯзем, беинсофии бад мешавад, яъне ҳамин қадар ҷазо бас. Касе ки бо забони соф тоҷикӣ гап мезанад, мардак барин якта микрофон падарка карда додан лозим, то ин ки дар ҳама ҷо постояно бо микрофон гап занаду одамон овозашро шунида гапзаниро бо забони адабӣ дуруст ёд гиранд.

Акнун, намояндаро фаҳмидан душвор буд. Рӯйи сабзи-

нааш ранги кабуд мегирифт, нигоҳи чашмони сиёҳи гирдаш бештар ҳайратовар мегардид, бехавотир лабони тунукашро зери дандон мемонд. Ӯ гоҳ бо худ заҳрханда мекард, гоҳ манаҳашро мехорид, гоҳ ба ҳамаи нишастагон як– як менигаристу қоҳ– қоҳ механдид.

Ниҳоят гуфт:

– Хайр, хубаш ба ин масъала нуқта гузорем. Акнун, ба масъалаи дуюм мегузарем. Хӯш, ҷашни устод Абӯабдуллои Рӯдакӣ наздик мешавад. Дар ин бахш хоҷагии деҳқонии шумо чӣ корҳоро ба сомон расонд?

Раис рӯйи фатирмонанду лунҷҳои сурхи сергӯшт ва нигоҳи чашмони сиёҳашро ба Эркаи Даврон, муҳосиби хоҷагӣ гардонд:

– Ман ба ту поручени дода будам, ки масъалаи Рӯдакиро бин, хайр, чӣ кор кардӣ?

Эркаи Даврон марди чеҳрааш офтобхӯрда, лабони ғафсашро зери бинии каме баландаш бурма карда, аввал ҳайрон монд, дасту по гум кард, ки гап дар бораи кӣ меравад. Ва чун муҳаррик кор кардани майнаи сараш имкон дод, ки супориши раис ба ёдаш ояд.

– Ҳа, шумо поручени дода будед, раисбобо, – сухан оғоз кард ӯ. – Ва бо супориши шумо, раисбобо, ман нақша–чорабиниҳо ва графики иҷрои онро тартиб додам. Насиб бошад (ӯ ба намоянда рӯ оварда), рафиқ намоянда, мо худи ҳамин моҳ ба бобои Рӯдакӣ вохӯрӣ, яъне торжественни встреча мегузаронем. Мардума ҷамъ мекунему…

Раис домони сабр аз даст доду сухан бурид:

– Список кардӣ, ки киҳо доклад, киҳо консерт, киҳо шеър, киҳо камера, суратгирон, намояндаҳои район…

Эркаи Даврон мужда дод, ки назар ба шунидаш бобои Рӯдакӣ худаш ҳам мусиқачӣ будаасту ҳам сароянда. Гуфтаанд, ки забон аз даҳони Луқмон хуш аст. Чи мешавад, ки худи бобои Рӯдакӣ дар бораи тарҷимаи ҳолаш гап занад, шеърҳояшро худаш хонад, ғазалҳояшро музика карда сарояд.

Лаҳзае хомӯшӣ ба миён омад. Курсии намоянда бошиддат ғиҷиррос мезад. Чашми ҳама ба даҳони раис дӯхта шуда буд, ки чи мегӯяд. Ӯ бошад, теша ба решаи андеша зада буд. Ниҳоят гап дод:

– Сухани шумо дурусту лекин ин ҷо як «но» аст:

фаромӯш накун, ки ҳамаи тӯйҳои ҳозира ва консертҳо бо асбобҳои эстрадӣ, яъне барқӣ мегузаранд, мардум дутору ғиҷҷакро фаромӯш кардаанд. Вале бобои Рӯдакӣ бо гитару ямах хонда наметавонад– ку, вақт бошад дар парвоз аст, то репетитсия мекунад, ки аз овози гитару ямах гӯшҳояш кар мешавад ва вақт ҳам мегузарад. Так што як дутор ёфта мон.

Намоянда кӯлоҳашро гоҳ болои миз мемонду гоҳ гирифта ба сар мепӯшид, гоҳ мехоҳад костумашро аз тан кашад, аммо бо чи андешае аз раъяш мегардад, гоҳ дафтарчаашро мекушояду чизе навиштан мехоҳад, аммо онро боз пӯшида мемонад. Хулоса, ҳар ки ин ҳолати меҳмонро медид, пай мебурд, ки ӯ ботинан худро хӯрда истодааст. Фақат ҳамин қадар тавонист, ки бипурсад:

– Шумо боварӣ доред, ки бобои Рӯдакӣ меояд?

Раис:

– Приглаcителни медиҳем, наомада илоҷ надорад.

Курсиро ғиҷиррос занонда холаи Пахтамоҳ, фарроши идора, зани харобаки пастак абрӯвонашро ба ҳам расонда таҳайюромез нимхез шуд.

– Саволи акаи намоянда ҳам беҷо не, ин савол дар худ боз саволчаҳо дорад. Ҳине ки ман дар мактаби миёна мехондам, бобои Рӯдакӣ дар портреташ қариб ҳафтодсола менамуд. Аз он давра то имрӯз каму ғам қариб сӣ сол гузаштааст. Ба хаёлам аз сад ҳам гузашт. Кӣ гарантия медиҳад, ки одами пир бе давления, бе радикулит, бе паралич мешавад? Гуфтаанд– ку: одами пир офтоби сари кӯҳ. Барои ҳамин аввал ба хонааш телефон карда фаҳмидан даркор, ки роҳгардӣ метавонад ё не, ана баъд…

Ба каллаи компутерии холаи Пахтамоҳ қоил нашудан мумкин набуд. Охир, як тӯда одам сари ин масъалаи оддӣ андеша накарда буд. Ҳамин ки Эркаи Даврон «майлаш, званит мекунам, дар хонааш телефон будагист» гуфт, Шарафи Қодир аз ғояти ғазаб дам оварда накафиду халос . Болои миз муште фаровард, ки нишастагиҳо аз тарс як қад париданд.

– Ҳой, бекалла, ту саабражат мекунӣ, ки дар ҳаққи бобои Рӯдакӣ чиҳо гуфта истодаӣ? Ин суханони подарҳавои ту дар ҳаққи бобои Рӯдакӣ таҳқир аст! Магар бобои Рӯдакӣ бе телефон мешавад? Бобои Рӯдакӣ– а! Ҷаҳон ӯро меши-

носад. Вай телефони мобилӣ он тараф истад, бо компутер, бо Интернет, бо интернет, параболический антенна сарукор дорад. Короче, (раис ба намоянда рӯ овард): рафиқ намоянда, дар кадом положини набошад, ӯро меёбем.

Ҳозирин гӯшу ҳуш ба шунидани чунин радду бадали андешаҳо, аз ҳолати тоқатнопазири намоянда дар ғафлат монда буданд. Ӯ сарашро хаму рост мекард – гӯё ки хобаш бурда бошад, аснои сухангӯии дигарон чизеро зери забон талаффуз мекард – нофаҳмо, мисле ки оллоӣ мегуфта бошад, гоҳе ҷуссаашро чунон болои миз мепартофт, ки гӯё ҳозир онро оғӯш карда мебардорад.

Холаи Пахтамоҳ ин дафъа ҳам бо камоли ҳайронӣ овози борикашро баланд карда пурсид, ки бобои Рӯдакӣ дар кадом ноҳия зиндагӣ мекарда бошад? Раис кулоҳи шамолдароро аз сар гирифта, аввал арақҳои сари бемӯяшро бо рӯмолча пок кард ва баъд бо чанголҳои ғафсаш каме хориду заҳрханда намуд:

– Ҳе, бесаводе, дар куҷо зиндагӣ мекунад, гуфта мепурсад-а, албатта, дар райони худаш, яъне Рӯдакӣ, боз кадом район мешуд?

Аммо фаррош тан надод:

Вақте ки мо мехондем, дар китобҳо ҷои таваллудашро ҷамоати Рӯдакии ноҳияи Панҷакент мегуфтанд.

Ҳусни Ҷаҳон фаррошро барои кундзеҳниаш сарзаниш кард:

– Хайр, баъд омада дар ноҳияи Рӯдакии имрӯза, Ленинский райони пештара, зиндагӣ кардааст– да, барои ҳамин Ленински райони пештараро ба номи Рӯдакӣ гардонданд, наход ақлат ба ҳамин чизи оддӣ ҳам нарасад?

Шарафи Қодир ҷуссаи калони паҳлавононаашро бардошт. «Як дам истед, ман ҳозир»– гӯён рӯзномаеро аз ғалладони мизаш баровrouterда паҳн карду шарҳ дод:

– Ба як чизи дигар ман рӯшанӣ меандозам. Ана, пагоҳӣ ман дар ин ғазит хонда фаҳмидам, ки дар Тоҷикистон институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ будааст. Чаро ба номи Рӯдакӣ? Значит, бобои Рӯдакӣ дар райони Панҷакент таваллуд шуда барои таҳсил дар музикални школ ба Ленинский район меояд. Ин ҷо навозандагию сарояндагиро ёд мегирад. Ана, баъди ин ба Душанбе меояд, дар институти забон ва адабиёт мехонад ва соҳиби диплом мешавад.

Вақте ки Рӯдакӣ машҳур мешавад, ҳам Ленинский району ҳам института ба номи ӯ мегузоранд.

Ҳозирин ба чунин дониши баланддоштаи раиси худ офарин хонданд ва ҳатто як– ду нафар кафкӯбӣ ҳам кард. Ин дам аранге овози ларзони намоянда ба гӯш расид:

– Шеърҳои… Рӯдакиро… беғалат… навишта овезед…

Раис хоҳиши намояндаро шунида зуд ба Шери Майдон, раиси созмони ҷавонони хоҷагӣ, ҷавони қаддарози тез– тез ба чапу рост гардан мезадагӣ нигариста: «Фаҳмо? Попробуй як– ду ҷумла шеърҳои бобои Рӯдакиро ғалат нависӣ агар, худи бобои Рӯдакиро мефармоям аввал бо таёқаш ва ана баъд бо дутораш ба сарат мефарорад» гуфта буд, ки гилааш баромад:

– Ман аз ҳамин кор норозӣ, раисбобо.

Раис тааҷҷуб кард, ки ин худмурда боз аз кадом кор норозӣ будааст?

– Аз ҳамин ки шеърҳоро шоирон навишта пул кор мекунанду мо ба ҷои онҳо аз пову пар монда плакат сохта менависему дар қади роҳҳо кашол мекунем, – ғур– ғур кард Шери Майдон. – Бигузор худи шоирон аз шаҳр баромада ба районҳо, колхозҳо, организатсияҳо гашта шеърҳояшонро бо дастонашон плакат карда нависанд, худашон дар қади роҳҳо кашол кунанд, итари бадам не– да! Ҳам нависему ҳам кашол кунему ҳам «ғалат кардӣ» гӯён дар бало монем.

Раис чун ин эътирозро шунид, зиқ шуд, ғарқи хаёл лунҷҳои сергӯшти сурхашро хоридаю ришу мӯйлабашро кафмолкунон аз ҷо хеста пасу пеш қадам зад, боз ба ҷояш нишаст ва ба намоянда нигарист. Намоянда бошад, ваҷоҳати аҷибе гирифта буд. Ӯ чунон қафаси синаашро болои миз партофта, бо панҷаҳояш аз ҳар ду бари рӯяш тиргак дошта буд, ки гӯё нафас намекашида бошад, мисли ҳайкал ба раиси созмони ҷавонон менигарист. Эҳтимол намоянда аз суханони ӯ ҳайратзада шуда буд. Вале ин ҳолати аҷибу бечораҳолонааш ба чашми раис намехӯрд.

– Рафиқ, намоянда, ба ин каллакадуи бефаросат чӣ ҳам мегӯӣ? Просто дубина! – ва раис овозашро ба сари раиси созмони ҷавонон баланд кард, – Ҳой кундахоб, ба ҳамин бечора бобои Рӯдакии садсола ҳеҷ раҳмат меояд ё не? О, вай бечора чӣ хел аз чӯб плакат месозад, чӣ хел бо краскаю туш дар вай менависад, чӣ хел дар қади роҳ, ба болои да-

рахтони чанор баромада кашол мекунад? Рӯдакиро – а! О, вайро одамон дар кӯча, дар болои дарахт машғули ин корҳо бинанд, моро айб намекунанд? Ба ҷои юбилеяшро торжественно отмечат кардан дарахтбарой– а! Просто ин позор мешавад. Майлаш, ана, гапи ту шавад, оянда дигар шоиронро, бигузор ҳатто Мӯъмин Қаноат бошад ҳам, плакатнависию плакаткашолкунӣ мефармоем, вале бечора бобои Рӯдакиро не. Биё, ӯро аққалан дар ҳамин давраи юбилеяш ором гузорем, камтар дам гираду нафаси осуда кашад.

Ин лаҳза ҳама гӯш ба насиҳатҳои раис шуда буданд, ки нохост садои гумбурос ба рӯйи фарш афтодани намоянда ба гӯш расид. Ҳама «тинҷӣ бошад?» гӯён ҳаросон аз ҷо хеста, ба тори сари намоянда соя шуданд.

Шарафи Қодиру ду– се тани дигар намояндаро кӯшиши аз болои фарш бардоштану боз дубора ба рӯи курсӣ шинондан карданд. Раис гуфт:

– Дидед, мо бобои Рӯдакиро ҳоло плакатсозӣ, плакатнависӣ, плакаткашолкунӣ нафармуда дили рафиқ намоянда чунон ба ҳолаш сӯхт, ки аз ҳуш рафт.

Намояндаро ба ҷояш шинондан душвор буд. Дасту по ва миёнаш чунон беҷону беҳаракат буд, ки гӯё устухон надошта бошад. Чашмонаш гоҳ сиёҳу сафед гардида ба нуқтае дӯхта мешуданд ва гоҳе мисли чашмони мурда пӯшида мешуданд. Канда– канда мисли ашхоси мурдаистода аранге овозаш баромад:

– Ҳой, дар хоббудагон, бедор шавед, магар… шумо… арвоҳҳои Рӯдакиро плакаткашолкунӣ… мефармоед, охир, вай… ёздаҳ аср пеш… вафот кардааст…

Раис ин суханонро шуниду мисле ки аз сараш чун ба одами маст як сатил оби хунук рехта бошанд, ҳушёр шудагӣ барин намояндаро боз болои фарш монда китфони танумандашро таранг ва муштҳояшро гиреҳ карда бо тааҷҷуб гирди худ чарх задан гирифт:

– Чӣ, Рӯдакӣ ёздаҳ аср пеш таваллуд шудаю вафот кардааст? Яъне ҳазору сад сол пештар? Просто ин позор, ки ҳамин қадар одам инро намедонад– а. Хайр, ман дар даҳ соли мактабхонӣ фақат як китобро ба мактаб бурда меовардам. Аттестати синфи даҳ гирифтаму то имрӯз намедонам, ки номи он китоб чӣ буд. Муддати даҳ сол аз ҳамаи фанҳо, ҳатто химияю физикаю математика ҳамин ки савол

медоданд, ман зуд шеъри «Пахтаҷон, пахта»– ро аз ёд гуфта медодам. Лекин шуморо чӣ бало зуд, ки ба даҳон об гирифта истодагӣ барин хомӯшед?

Ғазаби раис хомӯширо ба миён овард. Даҳонҳо бо сӯзан дӯхтагӣ барин маҳкам. Зердастон аз он хиҷолат намекашиданд ва ё ҳайрон намемонданд, ки одами зиёда аз ҳазору сад сол пеш мурдаро зинда хаёл кардаанд, балки аз он сархам монданд, ки умуман як воқеаро надонистанду ба сарзаниши раис афтоданд.

Миёни сабри Эркаи Даврон шикасту узрхоҳона шарҳ дод:

– Раисбобо, ман подабониро дӯст медоштам. Рӯзе ки дарси адабиёт мешуд, ман дар хонаи муллимамон побел мекардам. Хайр, аққалан Шери Майдон ҷавоб медоду мо сархам намешудем.

Шери Майдон дид, ки таги гап мемонад, иқрор шуд:

– Ман футболисти зӯр будам, раисбобо. Муаллими физкултура аз худаш дида маро бештар дӯст медошт. Мепурсид: «Шер, аз кадом дарсат ҷавоб гирам?» Мегуфтам: Аз адабиёт». Дарси адабиётро дарси адабиёт шунида будам.

Шарафи Қодир ҳамаро ба хомӯшӣ даъват карду хавотиромез гуфт:

– Аҳволи намоянда вазнин барин, ӯро ба касалхона бурданамон лозим меояд…

## ФУКҶУНБОНӢ ҲАМ НАВБАТ ДОРАД

Аҳли оилаи бобои Қурбон аз гурезагӣ баргашту хонаашро чор девори қоқ дид. Аз сӯзан то риштааш ба яғмо рафта. Аммо ба чизу чора дилашон на он қадар сӯхт чуноне ки ба гови ширдеҳашон – гови зеби хона, шиками сери хонавода, тоҷи шӯҳрати оила. Ба гов Ҷон ном монда буданд чаро ки воқеан ҷони аҳли байт буд ва ҳамчунин бо сершири худ байни деҳаҳои атроф ягонаи даврон дониста мешуд. Ана, барои ҳамин холаи Санам ҳар саҳар оғили бе мол, косаҳои холии болои дастархон ва рангу рӯйи зарди кӯдаконашро дида, хун намегиристу халос. «Шамол овозаю дарвозаи сершири гови маро ба ҳафт иқлим бурда расонда буд ва дар ғарибиҳо дилам мегуфт, ки агар ман аз

чизу чораам халос шавам, дар навбати аввал аз гови хушзотам халос мешавам, барои он ки талабгоронаш аз мӯйи сар ҳам зиёд буд ва ана дидед, ки гуфти дилам шуд» – ҳасрат кашида гуфт ӯ.

Аммо як бегоҳ оҳу воҳи хонавода раҳми парвардигорро овард магар ки Ҷон «боъъъ» гӯён ба ҳавлӣ даромад. Э, ҳа! Чунон паропар, чунон ғалоғула, чунон хурсандӣ ба вуқӯъ пайваст, ки гӯё мисли замони шӯравӣ касе нав аз аскарӣ омада бошад. Ва баъди оворагию сарсониҳои зиёд ин нахустин лаҳзаи шодию нишот буд.

Холаи Санамро баробари дидани қуввати дилу армонаш ҳушаш канду ноаён болои замин ғелид. Ба рӯяш об пошида ҳушашро ба ҷояш оварданд. Гов холаи Санамро чун соҳибхонаи ширину меҳрубон бӯ мекашид.

Он бегоҳ Ҷон як сатил шир дод ва бори аввал фарзандони бобои Қурбон баъди азобу уқубатҳои гурезагӣ шикамсерӣ шир хӯрда бофароғат хобиданд. Хаёл карданд, ки барояшон субҳи умед дамид, бахт ханда кард. Шаб ба хобашон дегҳои калон–калони пур аз шир, косаҳои равғани маска, дӯғу ҷурғот, ширбиринҷ даромад.

Аммо «мо дар чи хаёлу фалак дар чи хаёл» гуфтагӣ барин пагоҳӣ нав ширчой хӯрда дастархон ғундошта буданд, ки қарсаси тир хонаро ба ларза овард. Чун одат холаи Санаму кӯдаконаш мурғони хӯсидагӣ барин дар кунҷи хона руст шуданду бобои Қурбон ларзон– ларзон берун баромад. Дар рӯи ҳавлӣ савори асп автомат дар даст Шокир девона меистод.

Шокир девона дар деҳаи ҳамсоя мактабро тамом накарда партофта буд. Ҷанги шаҳрвандӣ оғоз ёфту командираш таъин карданд. Дар қир кардани душманони миллат– бегуноҳ ва ё гунаҳгор будани онҳоро худо медонисту ӯ – шӯҳрат пайдо кард. Баъди ҷанг ҳам аз оташи ғазабаш одамон қади дор метарсиданд, аз ҳайбаташ оби ҷӯ ях мебаст.

– Ба ту лаънатӣ, кӣ иҷозат додааст, ки дар рӯзи рӯшан гови мароduздида ба оғилат панаҳ кунӣ? – дод зад Шокир девона ва ба сӯйи бобои Қурбон тире холӣ кард. Тир хоки пеши пои мӯйсафедро хезонд.

Холаи Санам ва фарзандонаш аз соябонамон халос шудем гӯён гиряву мотамкунон берун давиданд. Ҳодисаи шум ҳамсояҳоро низ ба по хезонда овард ва онҳо

«Шокирҷон, Шокирҷон» гӯён асабҳои девонаро ба ҷояш оварданӣ мешуданд, аммо вай «не, то и паъата напарронам. . . » гӯён тири навбатиро холӣ кардан мехост.

Бобои Қурбон чун пай бурд, ки бо шер шӯхӣ кардан имкон дораду бо ин девона не, аз тарси ҷон давида, таёқро гирифта оғил даромад ва Ҷонро пешандоз карда баровард. Гови безабонро мезаду баланд– баланд шунавонда мегуфт:

– Э, хок бар сарат, ҳайвони безабон, роҳатро ёфта ба хонаи соҳибат равӣ намешавад, ки хонаи одамони бегона медаройӣ? Оғили гармак, тарити нармаки Шокирҷонро монда– а. . . Ба Шокирҷон барин ҷони одам кӯрнамакӣ кардан гирӣ як рӯз не як рӯз дар ягон ғори биёбон гушнаи зор хӯроки зоғу заған шуда меравӣ.

– Паъат, айби худатро ба гардани ин безабон бор накун! Худат гови раҳгумкардаро ба оғилат дароварда маҳкам кардию акнун худсафедкунӣ дорӣ– а? Бурда ба оғилам банд! – дод зад Шокир девона автоматашро ба китф овезон кардаю лаҷоми аспашро гардонда.

Аммо ҳайвони бечораи ба хонааш дилкашолу зормонда боз бегоҳии фардо ва рӯзҳои дигар ҳам «бо– о– о– ъъ!» гӯён омад. Бобои Қурбон таёқро мегирифту аз тарси он ки ана ҳозир дар бехи гӯшаш боз садои тир баланд мешавад, «ба хонаи худат рав!» гӯён вайро зада– зада то ҳавлии Шокир девона мебурд. Ҳайвони бечора як қадам пеш мерафту ба соҳибонаш – зану фарзандони бобои Қурбон, ки аз паси дарвоза бо раҳм нигоҳкунон оби дида мерезонданд, менигарист. Муҳаббати гов ҳам гоҳо чунон аз меъёри муқаррарӣ зиёд мешудааст, ки қалби баъзе одамон ба он баробар намешудааст.

Баъдтар бобои Қурбон дид, ки намешавад, ҳар бегоҳ ба сари молраҳаи байни ду деҳа рафта истода Ҷонро ҷудо мекард ва то ҳавлии Шокир девона мебурд. Таёқ сари китф қадам зада– қадам зада ба хаёл мепечид, димоғаш дуд мекард, аз ин кори парвардигор гоҳ хандааш меомаду гоҳ гиряаш. «Зӯрии ярокро бин– а, гови бисмиллоҳ аз они худам бударо маҷбур ба хонаи бегона ҳай карда истодаам. Ҳай замонаи ҳушёркушу девонапарвар» – заҳрханда мекард бо худ.

Бечора мӯйсафед илоҷ ҳам надошт, охир паррондани одам ду карат ду буду пурсупос ҳам надошт, рафту пурсупос мешуд, ҳазору як баҳона тайёр буд: «Агар як дақиқаи дигар дер мемондам, душмани ҳукумати қонунӣ хонаамро

алов мезад» ва ё «Дар вақташ душмани миллатро сари тир кардам, вагарна идораи колозро оташ мезад». . .

Рангбозиҳои кори дунёро бин, ки Шокир девона бо девонагии худ мансаби раисии колхозро кашида гирифт. Ҳай фук мечунбонд, ҳай гардан мезад, гӯё султони вилоят бошад! Баъди як ҳафта ҳине ки бобои Қурбон Ҷонро ба ҳавлиаш медаровард, Шокир девона гуфт:

– Гӯш кун, паъати душман, майлаш, сӯзам ҳам гови ҳалоли худамро ба ту медиҳам, лекин ба ивазаш аз пагоҳ то бегоҳ хизмати хонаамро мекунӣ.

Ку ҳадди мӯйсафед, ки «не» гӯяд. Баръакс аз тарси ҷон гуфт:

– Шокирҷон, бе додани гов ҳам бояд ман хизмататро карда гардам. Акнун, ту раиси колхоз, мо хизматгоронат. Аз қадим омадааст, ки ҳукми ҳокиму хизмати дараш барои ҳар як одам воҷиб аст.

Хурсандии хонавода боз аз сари нав ба фалак печид. Пагоҳию бегоҳӣ ширро мазза карда нӯши ҷон менамуданд.

Вале бобои Қурбон – соябони хонавода азоби гӯрро дошт: аз субҳи содиқ то намози шом дар ҳавлии раиси девона побел мекард, ҳезум мекафонд, пору мекашонд, алаф медаравид. Аммо Шокир девона бо вуҷуди ҳамин қадар талаву тороҷи колхоз (лингашро дар осмони ҳафтум дида моликияти колхозро аз моликияти хонаи худаш ҷудо намекард) ва давлату сарвати айёми ҷанг аз мардум кашондааш додани як коса шӯрборо ба ӯ ҳайф медонист.

Боре нимирӯзӣ Шокир девона баъди хӯрок ба осмон фук ҷунбонда, аз шикамсерӣ оруқ сар дода, дар рӯи ҳавлӣ гардиш дошт. Бобои Қурбон дар обу арақ ғӯтида поруи оғил мебаровард. Дар ин ҳин духтарчаи раиси девона пораи нони дасташро ба пеши пои сагаш ҳаво дод. Саг нонро ба даҳонаш гирифта онтарафтар рафт ва баъд рӯи замин хобида онро байни дастонаш дошта канда хӯрдан гирифт. Шокир девона ба духтарчааш амр кард:

– Духтарҷон, рав, нонро аз даҳони саг кашида гиру ба хизматгор деҳ.

Бобои Қурбон, ки ин манзараро надида наметавонист, нони аз оби даҳони саг таршударо хӯрдан дилаш намешуд, аммо Шокир девона амр кард:

– Чӣ ноз дорӣ? Хӯру шикаматро сер кун, як каси дигар

ин қадар ғамхорӣ намекунад. Ҳм, одамон аз гушнагӣ мурда истодаанду ин паъати душман аз нон ноз дорад.

– Рост мегӯӣ, Шокирҷон, вале ҳоло ман на ноз, балки фикр дорам, ки ба ин қадар ғамхорию меҳрубонии ту сазовор бошам ё не – дили раисро ба худаш мулоим кардан хост бечора мӯйсафед.

– Некиамро дида беҳтару хубтар хизмат кун– да.

Ҳайҳот, ки решаи дарахти орзуи Шокир девона суст будааст, ки дар мансаби раисӣ дер напоид. Як гурӯҳи дигар бо нияти аз байни хешу табори худашон раис мондан аз болояш навиштанд ва ӯ ниҳоят паси панҷараро иҷора гирифт.

Як моҳ сипарӣ гардиду шахсе аз номи Шокир девона бо ин мазмун нома овард (баъди саломү паём чунин навишта шуда буд): «Ман ба ту супориш медиҳам, ки говамро ба хонаи худам бар. Ба ивази ширҳои хӯрдаат ҳар рӯз се маҳал аз саҳро алафи сабз даравида оварда деҳ, таги пояшро ҳар рӯз тоза нигоҳ медорӣ. Касал шавад, духтур оварда укол мекунӣ. Агар ба говам ягон фалокат шавад, хонаатро кашида мегирам. Сояи маро дур дида «соҳиби гови муфт шудам» гӯён ба осмон бисёр фук наҷунбон. Фаромӯш накун, ки ман дар маҳбас меҳмон. Пагоҳ мебинӣ, ки дар хона».

Бобои Қурбон табассум кард ва ба Шокир девона бо ин мазмун ҷавоб навишта фиристод: «Гов мегӯяд, ки ҷоям гарм аст, яъне ба хонаи ту рафтанӣ нест. Агар масъалаи фук ҷунбондан бошад, ҳаминро мегӯям, ки фукҷунбонӣ ҳам навбат дорад. Ҳоло фукҷунбонӣ навбати ман. Охир, ба ҷои ту ягон кас фук ҷунбонданаш даркор!»

## КАНДАГИР

Ғарибшоҳ, марди тануманди пуррапайкар, ки агар хоҳад, кӯҳро дар як рӯз хам мекунад, ҳар рӯз ба канори роҳи калон баромада, гӯё нозир ва ё ходаи қади роҳ бошад, рост меистод. Баъд якта– нимта ашхоси мисли ӯ аз бекорӣ сарашон дард мекардагӣ ба ӯ ҳамроҳ шуда гап мехоиданд, гап медоданд, мисле ки дар молбозор молеро савдо мекарда бошанд, ба замин по задаю ба ҳаво даст афшонда панҷу

чор менамуданд. Ана, баъд чи ҳаводисе, ки аз элаки гап бехта намешуд. Тааҷҷубам меафзуд: ин мардум ба ҷои домони кореро дошта гирифтану ободӣ кардан ин қадар ба коргурезию гапфурӯшӣ одат мекардаанд, гӯё онҳо на аз батни модар, балки аз даруни халтаи гап ба дунё омада бошанд.

Нимирӯзӣ, ҳангоми ба кор рафтанам, Ғарибшоҳ сояи қади роҳ буд. Бегоҳӣ ҳам, ҳини аз кор баргаштан дар канори роҳ қад нишон медод, аммо ин дафъа танҳо. Танҳо ки буд, наздаш истода, аз велосипед фаромада, ҳолу рӯзгор пурсидам.

– Масхара дорӣ– а, муаллим, «ҳолу рӯзгор чӣ хел?». Гӯё аз осмон фаромада бошӣ, ки ҳолу рӯзгори моро намедонӣ. Ҳолу рӯзгор дошта бошем, пушти лучу ду даст дар бинӣ мемонем ва ё ходаи қади роҳ мешавем? Намебинӣ, ки аҳволамон хаси болои об. Дар саг суроғ ҳасту дар мо не. Туро ки пешат пур аст, беғамона гап мезанӣ, – чашмони калон– калони сабзгунашро сӯям тофта нохуш гардид ӯ.

– Пеши ман пур бошад, бо ҳамин велосипеди шалақ ба идора рафта меоям? – хилофи пиндошташ баромадам ман.

Рагҳои якравии ӯ суст шуд ва баъд бо оҳанги узрхоҳона ба суханам мӯҳри тасдиқ зад:

– Медонам, ту ҳам мисли ман як лавкашоли дигар, роҳи канда гирифтанро намедонӣ. Ба олам нигарӣ, олам олами кандагир, ҳа, аз кӯдаки гаҳвора то пири ҳафтодсолаи пояш ба лаби гӯр наздик кораш ана ҳамин, дар сар чунин андеша. Баъзан аз худат безор мешавӣ, ки чаро ба ин олами рӯшан беҳунар ва дарди сар омадам.

– Ношукрӣ накун. Ғарибшоҳ, соли гузашта Россия рафта омадӣ. Харидат аз мағозаю бозор худи бойбачаҳо барин. Тӯйи калон додӣ, мошин хариданӣ ҳам ҳастӣ мегӯянд, боз чӣ мехоҳӣ. Дуввум, хайр агар дар бораи канда гирифта метавонистагиҳо гӯӣ, ангуштшуморанд онҳо, гулистон бе хор намешавад– ку, шукри худо дунё аз одамони дилсофу ҳалолкор пур, – гуфтам ман.

– Якум ин ки дар бораи ман воҳима мекунӣ. Дуюм, чӣ «ангуштшуморанд», «дилсофу халалкор» мегӯӣ? Ҳа– ҳа– ҳа– ҳа– хандаи баланд кард Ғарибшоҳ.

Ӯ гардани ғафсу лунҷҳои сергӯшти суп– сурхашро хорида истода ба назар боз хандаи баланди дилсофона, аммо

ботинан заҳромез мекунад. Ва баъд барои бемағз будани гапи марову мағздор будани гапи худашро исбот кардан таваҷҷӯҳамро ҷонибе кашид, ки ду нафар майда– майда аз хонаи назди роҳ баромада меомаданд.

– Ана, ин ду нафарро мешиносӣ, – гуфт – . – Якеаш мулло Исматулло ва дигарш Нусратуллои мусофиркаш. Ман ҳоло намедонам, ки мулло Исматулло ба хонаи Нусратуллои мусофиркаш бо чи дилу нияте по мондааст, аммо дилам пурра гувоҳӣ медиҳад, ки имрӯз шикори ризқаш дар ягон ҷой барор накарду акнун аз ин одам канда гирифтанист, чунки рӯзе агар наёбад, шаб хобаш ҳаром мешавад.

Мусофиркаш муллоро гусел карда, ба мо наздик шуд.

– Тинҷист? – бо чашмони калон– калони сабзгун ба ман ноаён чашмакӣ зада аз мусофиркаш суол кард ҳамсӯҳбатам.

– Тинҷӣ бошад, мулло дари хонаатро мекӯбад? – оҳи сард кашид Нусратулло ва баъд шарҳ дод» – мулло шаб хоб дидааст, ки падари раҳматиам дар он дунё худро танҳо ҳис карда, аз дасти ман кашида «биё, ҳамроҳ меравем» гуфтааст. Мулло мегӯяд, ки ин фоли бад дорад, агар пеши роҳашро набандем, масъалаат ҳал.

Мусофиркаш уфаскунон дуди алам аз димоғ бароварда, моро танҳо гузошта, бо дили ғамбемор рафт. Ғарибшоҳ бо изҳори боварӣ ба ман рӯй овард:

– Хӯш, ба пешгӯии ман тан додӣ?

Ростӣ аз ин фолбинии ӯ моту мабҳут шудам. Тан додам. Ва Ғарибшоҳ чун пай бурд, ки тираш ба ҳадаф расид, шикамчаи мисли тарбуз ба пеш дамидаашро бо харпанҷаҳои дасташ хеле кафмол карду шердил шуд ва боз суханашро идома дод:

– Ана, нигоҳ кун, мерседес парвоз карда меояд, нағз медонӣ аз они кист?

Ба мерседеси аз дур тир барин омада истода чашм андохта гуфтам:

– Ба мерседеси Ғиёсиддин монанд.

– Монанди– чи, айнан худаш, – таъкид кард ӯ. – Ду сол пеш саги кӯча барин бесоҳибу бекор мегашт, велосипед ҳам надошт, ҳарчанд ки орзу мекард шабҳо дар хобаш. Бо дастгирию қарсакзании хешовандон раиси хоҷагии деҳқонӣ шуд. Дар таъминоти зиндагиаш қанот баровард.

Фукаш осмонро дид. Ҳамагӣ ду сол раисӣ кард, аммо ту гӯй, ки дар ин муддати кӯтоҳ хонаи нав сохт? Сохт! Мерседес харид? Харид! Нозу неъмати болои дастархонашро бинӣ даҳанат раг мекашад? Мекашад! Акнун, виҷдонатро рӯшан кун: магар ин канда гирифтан нест?

Миёни сабрам шикаст:

– Хайр, вай шояд захираи пештара дошт: пул, мол, ҷиҳоз. . .

– Худатро ба нодонӣ мезанӣ– а, муаллим, нағз медонӣ, ки пул надошт, гову мол нафурӯхтааст. Ҳа, роҳи пешпо нахӯрдан дар зиндагӣ, тоби корро ки ёфт, канда гирифта тавонист, тавре ки мехи говро аз замин мекананд.

Ӯ чашм аз роҳ намеканд, гуфтаҳояшро каллазанон: «ҳа, ана ҳамин хел дунёст дунёи мо, дунёи кандагир, муаллим», гӯён бо даҳон мӯҳр мезад.

– Ана, нигоҳ кун, – боз диққати маро ҷониби худ ҷалб кард ӯ, – гурӯҳи мӯйсафедон гап дода– гап дода меоянд, ба хаёлат куҷо равонанд?

– Шояд ба гӯристон, дуохонӣ, – таваккалӣ посух додам ман.

Норизо шуд:

– Не, муаллим, ту пакару ҳафтафаҳм нестӣ, ки надонӣ ба қабристон дар арафаи ид ва ё ҳангоми дафни касе мераванд. Вале имрӯз на ид ҳасту на касе ҷон ба ҷаббор супурдааст. Агар надонӣ, ман ба туи дунёбехабар содда карда мефаҳмонам: онҳо ба хонаи Идибек рафта хатми Қуръон мекунанд, яъне як гирбанди нону гӯшт, мавиз, мағзу чағз бардошта меоранд, ки хӯроки якрӯзаи як хонаводаи калон мешавад, рӯшантар карда гӯем агар, канда мегиранд. Ҳа, ана ҳамин хел муаллим, дар ин дунё фақат ману ту даҳанвозӣ карда, мисли боди сабо ба ҳар касе ки рост ояд, ҳаловату нармӣ мебахшем. Имрӯз ҳатто мӯрчаи ба чашм нонамоён ҳам аз пайи ризқу рӯзӣ шитоб дорад. Боз зиндагии камбағалонаи маро ба осмон бардошта «шукр гӯй» мегӯӣ. Ба рӯзгори дигарон нигар – ҷӯи пуроб.

Ҳарчанд розӣ набошам ҳам, сухани ӯро тасдиқ кардам:

– Тору пуди зиндагӣ ҳамин хел сиришта шудааст, наҷунбӣ рӯзат намегузарад.

Посух дод:

– Дуруст мегӯӣ, вале ҷунбидан то ҷунбидан дорад,

ҳалол ҷунбидан даркор, инсофро дар кӯҳи Қоф партофта, аз ҳисоби сағиру кабир, беваю бечора, давлату ҷамъият канда гирифтан не– да!

Фикр кунам, суханаш бонамак. Зиқ шудам: наход, кори ҳама канда гирифтан бошад ва агар низоми зиндагӣ чунин аст, пас тақдири имрӯзуояндаи ҷамъият чӣ мешавад? Вале диламро боз таскин бахшидам, асабҳоямро ором кардам, ки дар зиндагӣ ашхоси канда мегирифтагӣ баҳисобанд, садҳо ҳазор нафароне ҳастанд, ки аз кӯчаи некномӣ гузашта нанг, виҷдон ва номусашонро шиори зиндагӣ қарор дода, аз пайи ризқу зиндагии ҳалоланд.

Аснои сӯҳбат мошини сабукрави хокистарранги ҷилодоре чунон бо овози паст наздамон омада қарор гирифт, ки дар ғафлат мондем. Дар даруни мошин киҳо буд Ғарибшоҳ магар пеш аз ман пай бурд, ки бо заҳрханда гуфт:

– Лошаҳои мурдахӯр барои канда гирифтан омаданд.

Дарро кушода аз дарун ду милиса, яке қадпасту дигаре қаддароз «ассалому алайкум» гӯён фаромаданд. Онҳо ба Ғарибшоҳ нигариста, мешинохтагӣ барин пурсиданд:

– Шумо Ғарибшоҳ Шомуродов– а?

– Ҳа, худаш, – ҷавоб дод Ғарибшоҳ чашмаш хам нахурда.

– Ҳамроҳи мо меравед!

– Чаро мерафтаам? – гуфт Ғарибшоҳ авзоаш мисли ҳавои баҳорӣ якбора тағйир ёфт ва афзуд: – Чӣ, ман дигарон барин аз ягон ҷой канда гирифтаам?

– Хеле олӣ канда гирифтаед, ба дараҷае канда гирифтаед, ки канда мегирифтагиҳо назди шумо шогирдро мемонанд, – заҳрханда кард милисаи дароз.

– Исбот кунед! – худро аз даст надода шаст кард ҳамсӯҳбати ман ва баъд бо оҳанги таассуф афзуд: – рост мегуфтаанд, ки камбағалро аз болои шутур ҳам саг мегазад.

Милисаи қадпаст оромона гуфт:

– Аз худ авлиё натарошед, бисёр дидаем шумо баринҳоро, ки дар намуд мусичаи уболаку дар асл бошад, рӯбоҳи айёр, хӯш бигӯед, ки соли гузашта ба Россия мардикорӣ рафта будед?

– Як ман не, ними Тоҷикистон рафта буд ва агар донистан хоҳед, ҳоло ҳам рафта истодаанд.

– Ман ба номи Тоҷикистон не, балки фақат ба худи шумо кор дорам. Хӯш, акнун бигӯед, ки понздаҳ ҳазор доллар музди меҳнати коргарони сохтмончиро, ки шумо бригадирашон будед, гирифта ба ҷои тақсим карда ба худи онҳо додан ба ин ҷо, яъне ба хонаатон овардед? Бале, овардед, ба не гуфтан ҳақ ҳам надоред. Ана, аризаи аз худи Россия ба ин ҷо фиристодаи ҳамаи онҳо, ки имзо гузоштаанд. Магар ин канда гирифтан нест ва ё он боз шоху думи дигар дорад? – гуфт милисаи қадпаст.

Ғарибшоҳ беихтиёр аввал ба коғази дасти милиса ва баъд ба ман нигарист, гарданаш ба замин хам хӯрд, пешонааш арақ шукуфонд. Чун ӯро ба мошин даровroutе, ман дилбардорӣ кардам:

– Зиқ нашавед, Ғарибшоҳ, шумо канда гирифтанро аз худи Россияи бузург оғоз кардед, ки ин кори ҳар дилу гурдадор нест. Насиб бошад, навбати канда гирифтани Тоҷикистон ҳам мерасад, фақат ду-се сол дар соягӣ сабр карданатон лозим меояд…

## ПАҲЛАВОНБАЧА

Шамсиддин маош гирифту қасд кард, ки аз мағоза як халта орд харида, ба хона мебарад. Маблағи гирифтааш ҳам кирой не, барои як халта орд мерасиду бас. Аммо дӯсташ Ҷонибек дар роҳ аз ӯ шодиёна гирифт, ки як– ду соат қабл ҳамсари повазнинашро ба таваллудхона бурда буданд ва он ҷо чашмаш равшан шудааст. Ба ҷои шодӣ кардан дили Шамсиддинро ғам зер кард: «Мегӯянд, ки дар таваллудхона одамро пӯст мекунанд. Агар ними маошамро дар он ҷо канда гиранд, бо ними маблағи монда орд харида наметавонам. Чӣ бояд кард? Хайр, шояд аз ним камтар равад?»

Нахустин шуда духтури шӯъба Шамсиддинро бо таваллуди фарзанд табрик кард ва баъдан пурсид:

– Хӯш, вазнин омадӣ? Ку, худатро як ин хел вазнин ҷунбон, охир паҳлавонча ба дунё омад, медонӣ, паҳлавонча! Мардҳои баномус барои чунин паҳлавончаҳо молу сарват чи, ҷонашонро фидо мекунанд. Фахр кун, ки соҳиби паҳлавонча, яъне Исмоили Сомонии имрӯза, Рустами Достони асри бисту як шудӣ. Магар паҳлавончаро бе

худҷунбонӣ дидан мумкин аст? Ҳа, да, акнун худатро як ин хел соз ҷунбондан гир!

Шамсиддин, ки одатан ҷавони шармгин буд, аввал чи гуфтанашро надонист, баъди мисли лаблабу ранг гирифтани чеҳрааш ҷуръат пайдо кард:

– Худҷунбонӣ, яъне тӯҳфа? Кадом хелаш?

– Хайр, акнун, ман ба ту харидани дарзмол, мантупазак, гӯштқиммакунак ва дигару дигарҳоро намефармоям, чунки чунинҳоро гирифтаам. Пул беҳтар. . .

– Чӣ қадар? – бо нияти баровардани як бистсомонӣ даст ба киса даровардa хиҷолатзада суол кард Шамсиддин.

– Мебинам, ки ту аз он бизанумҳои вазнин нестӣ, бо велосипед мегардӣ. Барои ҳамин ин дафъа ҳамагӣ сад сомонӣ мегираму халос. Лекин дар ёд дошта бош, ки соли оянда вазнинат меғалтад, раҳмхӯрона посух дод духтур.

Шамсиддин мисле ки ба сими барқ бархӯрда бошад, аввал ларзид, баъд чашмони кабудашро калон– калон кушодаю сарашро дошта гуфт:

– Чӣ, сад сомонӣ? Ман як моҳи дароз азоб кашида ҳамагӣ сад сомонӣ маош гираму шумо онро дар як миҷҷа задан кашида гиред?

– Рустами қаҳрамонатро беқадр накун, ака, ҳоли мебинӣ ин паҳлавончаат баъди бист сол ба ҷои Расул Боқиеви муштзан дар бозиҳои олимпии ҷаҳонӣ иштирок карда, сутуни хонаат аз зар мешавад!

Духтур гӯё мактаби ҳунармандони саҳнаро хатм карда бошад, Шамсиддинро бо суханҳои болохонадору коғазпеч бор кардаю афсун гардонда, сад сомониашро осонакак рӯёнда гирифт. Ба Шамсиддин чунин намуд, ки дар ин гармои тобистон аз сараш як сатил оби хунук рехтанд.

Духтур дарро пӯшиду ҳамшираи якуми таваллудхона дарро кушода, даст пеши бар салом дод:

– Паҳлавончаатонро ман шустам, – ханда дар лабонаш шукуфта хабар дод ӯ.

Даҳони Шамсиддин мисли сарпӯши чойник боз монд, дар пешонии фарохаш чун мавҷҳои соҳил чинҳо пайдо гашт. Хост гӯяд, ки худи ҳозир сад сомонӣ дод, ки он барои ҳамаатон мерасад, аммо натавонист – шарм зераш кард.

Ӯ чаҳор панҷсомонии боқимондаро бароварда, яке аз онҳоро ҷудо намуда дароз карданӣ шуд, аммо ҳамшира норозиёна:

– Ҳаммомчии паҳлавончаатонро беқадр накунед– а, ака, – гӯён ду панҷсомониро қабза кард.

Ҳамшираи шафқати дуввум дарро кушода чеҳра намоён кард:

– Паҳлавончаатонро ман парпеч кардам!

Шамсиддин ҳанӯз фурсати як панҷсомонӣ дароз кардан наёфта буд, ки ҳамшира пешдастӣ карда, чолокона ҳарду панҷсомониро, мисле ки гурба мушро медорад, чанг зада гирифт.

Доя салом дод:

– Ба даҳони паҳлавончаатон ман чочак монда алла гуфтам:

Шамсиддин аввал заҳрханда карда:

– Таваллудхона мисли лонаи занбӯр будааст, – гуфт ва баъд иқрор шуд:

– Пулам тамом...

Доя неш зад:

– Шумо суратакбинӣ омада будед ё паҳлавончабинӣ, ки пулатон якбора тамом шуд. Тавба, шарми кас меояд.

Ин лаҳза нигоҳи тези доя ба дастони Шамсиддин бархӯрду гуфт:

– Майлаш, ба ҷои пул, ана, ҳамин нигинатон мешавад.

– Охир, ин нигини тиллоии ақди никоҳамон, – норозӣ шуд Шамсиддин.

– Монед– е, мард одам ин хел хасис намешавад, ё шумо аз кӯчаи мумсикон гузаштаед? Як нигинро аз фарзанд, боз гӯед аз паҳлавонча боло медонад– а.

Шамсиддин дасташро даруни киса даровараданӣ буд, ки доя онро дошта, чолокона бо ангуштони гироаш нигинро кашида гирифт.

Дояи дуюм «пулатон тамом шуда бошад, соати дастатон мешавад», фаррош «бепул бошед, зиреҳи гарданатон мешавад» гӯён низ ба ҳаққи худ соҳиб гаштанд.

Шамсиддинро воҳима пахш кард: «Агар худи ҳозир сояамро аз ин ҷо кашида нагурезам, ба умеди дидани паҳлавончаам аз пойафзолу сарулибосам ҳам маҳрум шуда, луб– луч мемонам» гӯён аз дари таваллудхона чаппасар гашт. Дар роҳ тез– тез қадам мемонду меандешид: «Дуруст мегуфтаанд, ки дар таваллудхона одамро пӯст мекунанд».

# ДУЗД

Ҷавонмарди сабзинаи ҷингиламӯйе, ки солашро ба домони сиюпанҷ тахмин задан мумкин буд, бо се борҷомаи вазнин аз мошин фаромад. Баъди ғуррида рафтани мошини мусофиркаш ӯ биноҳои дуошёнаи шаҳракро бо нигоҳи кунҷковонааш шудгор кард. Назари ҷӯёаш маълум мекард, ки аз сокинони ин мавзеъ касе ба ӯ даркор аст ва ё шояд хонаводае.

Ин дам овози гӯшнавози писарбачае пайи ҳам шунида шуд:

– Амакҷон, киро меҷӯед? Гӯед, амакҷон, ман нишон медиҳам. Ана, амакҷон, дар ин бино. . . Ана, амакҷон, ҳу дар он бино. . .

Аммо назари меҳмон ӯро нагирифт. Фақат як бор маҷбур шуд, ки ба ӯ нигарад: писараки харобаки мӯяш ба мисли мӯйи ӯ ҷингилаи даҳ– дувоздаҳсола. Ана, ҳамин қадар, хуши ҷавоб гардонданаш ҳам наомад. Вале вақте ки аз нигоҳкунии зиёд ба қавле кӯки чашмонаш канду хам шуда борҷомаҳояшро бардоштанӣ шуд, якбора ба ҳайрат афтод: борҷомаҳо дуто буданд. Ҷои борҷомаи сеюм гарм. . . Дилаш гуфт, ки дар ин кор фақат ҳамин писараки ҳоло «амакҷон», «амакҷон», гуфта истодагӣ даст дорад ва бешак ин амали носавоби ӯст.

Ва ӯ саросема нигоҳашро ба чаҳор тараф партофт то duздбачаро бинаду мисли харгӯшак ба даст афтонад. Аммо аз ӯ на пай буду на ҳайдар. «Ҳай, дареғ– а, – афсӯс хӯрд ҷавонмарди меҳмон, – дар Россияи бузург фанди қаллобони гузароро нахӯрдаму дар маҳалли худ фиреби кӯдакеро хӯрда мондам– а». Ва баъд ӯ ба тақдир тан дод: «Хайр, чи ҳам карда мешавад, сӯхтана сӯхтем. . . ».

Меҳмон бо кӯмаки бошандагон хонаашро ёфт. Ҳай хурсандӣ барпо гардид дар хона, гӯё хурсандӣ не, балки тӯй буд. Ӯ духтарчаи дӯстрӯяш Нозгулро, ки ба назараш хеле калон шуда буд, дӯстдорӣ мекарду аз дидораш ҳеҷ сер намешуд. Ногоҳ чизе ба хотираш омадагӣ барин аз ҳамсараш пурсид:

– Занак, ту ба фикрам, ҳини ба Россия мардикорӣ рафтанам гуфта будӣ, ки дар батнат кӯдаки семоҳа дорӣ. Вай таваллуд шуд ё. . .

– Ҳа, таваллуд шуд! – посух дод зан дастархон ороста истода.

– Духтар ё писар?

– Хоҳиши худат – писар!

Чашмони шавҳар аз шодӣ барқ заданд ва суол кард:

– Пас, вай куҷост?

– Вай чунон кӯчагарди гапнодаро, ки дар даст гирифтан намешавад, лекин худи ҳозир ба чашмам намуда буд.

Ногоҳ чашми мард ба борхалтаи назди ҷевон афтод, ки ба борхалтаи гумшудаи ӯ хеле шабоҳат дошт. Тааҷҷуб кард ва хам шуда онро кушодан хост.

– Инро ҳозир додарам Расулҷон аз берун овард, – шарҳ дод Нозгул.

– Додарат Расулҷон? Аҷиб. . . куҷост вай?

– Даруни ҷевон.

Ҳине ки падар дари ҷевонро боз кард, писараки даҳ–дувоздаҳсолаи харобаки ҷингиламӯйи дар берун «амакҷон», «амакҷон» мегуфтагиро дид. . .

## ДАР ТАВАЛЛУДХОНА

Зулайхо Шокировна дар утоқи корӣ, савори завраки андеша дар баҳри орзу, кори шабонарӯзиашро ба мизони таҳлил мекашид. Хаёлоти ӯ бештар дар соҳили мурод, то чи андоза ба даст оварда тавонистан ва ё натавонистани луқмаи даҳонаш, мавҷ мезад. Ба назараш басти кори шабонарӯзӣ сад дар сад ба манфиати ӯ гузашт. Ӯ зан бошад ҳам, худро гург меҳисобид, гурги борондида ва аз ин ҳам қаноатманд буд, охир дар як шабонарӯз сад доллар кор карда тавонист. Ҳа, ӯ гург барин тавонист, ки аз ҳама канда гирад, ҳатто аз он мардоне , ки калиди сандуқи молҳои хонаашонро дар банди эзорҳояшон мегардонанд, аз онҳое, ки ҷонашонро медиҳанду як тангаашонро не.

Бале, ӯ шукронаи касби худ дорад , сипосгузори толеи худ мебошад. Тӯли даҳ сол маоши кам гирад ҳам, аммо ҳама ҷиҳоз, ашё, асбобу анҷоми хонааш– ҷойхоб, меҳмонхона, ошхона, анҷомхона, аловхонаашро аз ҳисоби мизоҷони таваллудхона нав кард.

Зулайхо Шокировна қаноатмандона нафаси чуқур кашид ва ба соати деворӣ назар афканд: то супурдани баст ва

ба хона рафтанаш ҳамагӣ як соат вақт дар ихтиёр дошт. Ҳамин лаҳза ҳамшираи шафқат Нозигул бо шаст дарро кушода, даҳонаш кони ханда мужда дод:

– Доктор, касалӣ…

Зулайхо Шокировна гӯё худаш озод аз болои курсӣ парида нахест, балки ӯро кадом қувваи ноаёне озод бо болҳои худ бардошт. Бо қомати расо ва қади мавзуни хеш гирди мизи корӣ чарх зад. Ҳа, ризқи ӯ ҳамеша дар дав аст, дар омад аст, ризқи ӯ ҳамеша дар гардиш аст, ризқ аз пайи ризқ меояд. Бори дигар ба соати деворӣ нигарист ва худро таскин бахшид: «Худо хоҳад, корро дар як соат анҷом медиҳам». Ва вақте фаҳмид , ки касалӣ келини навзойи Муродбек, мудири мағозаи мебелфурӯшии маркази ноҳия аст, э, ҳа, мавҷи хурсандӣ ӯро мисли ситораи дурахшон то ба домони осмон бардошт, сараш аз ғояти хушҳолӣ мисли қанотҳои вертолёт чарх зад. Ва худро сарбозмонанд зуд дар ҳолати омодабоши кор қарор дода, қавл кард, ки луқмаи навбатии даҳонашро ба касе намедиҳад, Ҳанифа аз алам худро алов занад ҳам, онро гирифта наметавонад…

Зулайхо Шокировна ба абрӯвони ғафси пайваст, чашмони сиёҳи пурнам, лабони барги гул барин тунуки Раҳима нигариста ӯро монанди хоҳари худ ончунон дӯстдорию дилбардорӣ кардан гирифт, ки мегуфтӣ ҳозир ӯро рӯйи дидаҳо мебардорад: «Ана, мебинӣ, хоҳарҷон, чи хел ман туро беозору сабукак зоёнда соҳиби гулписар мекунам, ҳа, духтар не, фақат паҳлавонписари ҷаҳонгир.

Вале ба ивазаш аз Муродбек чунон тӯҳфа ва ё маблағе меситонам, ки онро дар хоби шабам ҳам орзу накарда бошам».

Зулайхо Шокировна тамоми кормандони шӯъбаро чун гурӯҳи зудамал таъҷилан ба по хезонд: ҳамшираҳо, дояҳо, фаррошҳо, – сипари боэътимод, зуд барои зоёндани Раҳимаи навзой саф кашиданд, камари ҳиммат бастанд. Вақт бошад, ба тилло баробар буд. Вақт тангӣ мекард, аммо вақтро буридан, пеш гузаштан лозим буд. Арӯсаки навзойро, ки ранги рӯяш пахтавор кандаю дар рӯяш хун намонда, нолиши изтироболуд дошт ва иловатан ваҳму ҳароси таваллуди нахустин пахшаш карда буд, ба болокурсӣ бароварда фармон доданд: «Хуш, ана, акнун, зӯр зан, кӯдак худаш мефарояд», «сахттар зӯр зан, тез ха-

лос мешавӣ», «ҳа, боз сахттар, ана мебинӣ, ки сабукак шудӣ».

Худи Зулайхо бошад, барои зудтар ба дунё овардани тифл чун даравгарон дасту остин бар зада, шоҳрагашро таранг карда ба зеркунии шиками ба хамири расида монанди Раҳима шурӯъ кард: тифли даруни батнро гоҳ аз боло ба поён, гоҳ аз бари чапу гоҳ аз бари рост зер мекард, мефишурд, мисле ки ба хамир мушт мезада бошад. Ин лаҳза устухонҳои барҷастаи рӯяш барҷастатар мешуданд, бинии шукуфтааш, ки каме ҳусни рӯяшро мекоҳонд, шукуфтатар мешуд. Дар майнаи сараш фақат як фикр ҷавлон мезад: аз фурсати худодод истифода бурда то соати ҳашт, яъне то омадани Ҳанифаи навбатдор Раҳимаро зоёндан, баъди он аз ҳамаи хешону пайвандони ӯ маблағи даркориро рӯёндан. Агар вақти ба тилло баробар аз даст равад, басти кории ӯ поён меёбад ва он гоҳ хоҳад– нахоҳад кори зоёнданро маҷбур аст бо гардани кашол ба Ҳанифа супорад, дар ин маврид аз пули аз ҳаво омада маҳрум гардида, ду даст дар бинӣ мемонад. Ҳа, беҳуда нагуфтаанд, ки «вақт бурдӣ– накд бурдӣ».

Аз пагоҳӣ ҳаво мисли ҳаври танур метафсид. «Ин чӣ бало гармист, ки имсол ба сари мо омад»– ғур– ғур кард Зулайхо. Воқеан имсол ҳавои гарми тобистон ҳавои нафасгардон буд. Хусусан, дар таваллудхона, ки мудом бӯю тафи занон дуд мекард, аз нафастангӣ беҳол шудан як амри муқаррарӣ буд. Илова ба он ки дар як шабонарӯз қариб даҳ нафар зан тифл ба дунё меоварду ҳар кадом як сатилӣ оби бадан хориҷ мекард, худи ҳамшираҳо, дояҳо, фаррошҳо ҳам, ҳини зоёндан чунон даву тоз карда арақи бадан мерезонданд, ки агар дару тирезаҳоро намекушоданд одами даромада ин ҷоро на таваллудхона, балки қассобхона хаёл мекард.

Барои Зулайхо Шокировна вақт тангӣ мекард, вақт чун аспи бидав тез мегузашт, вақт бо ӯ ҳарифӣ дошт, ҳамдаму дамсози ӯ шуданӣ набуд. Вақт…вақт… вақт…

Аммо на фақат вақт, балки дари бахт ҳам, бахте ки ҳар инсон орзу мекунад, хилофи орзуҳои ширину хоҳишҳои гулпарваронааш ба рӯяш пӯшида буд, зеро якбора дарди Раҳима монд, баъди ин нолиши дилобкунандааш ҳам қатъ гардид ва ӯ худро сабук, ҳолати хешро мӯътадил ҳис кард.

Магар ин барои Зулайхо аламовар ва ё толеи гурехта набуд? Лекин Зулайхо Шокировна на аз он касоне буд, ки ба бахти носозгору пешомади номусоидаш созиш кунад ва ӯ тан диҳад. Ӯ агар шиками Раҳима санг гардад ҳам, бо нохунҳояш он сангро шикофта тифлро ба дунё меоварад. Созиш кардан душвор буд, охир ҳар замон мағозаи Муродбеки мебелфурӯш пеши назараш чун манзараҳои зебои филмҳои ҳиндӣ ҷилвагар мегашту худро болои диван ё креслои зебои хориҷӣ тасаввур мекард.

Ин дам Нозигул, ҳамшираи шафқат, дар бехи гӯши Зулайхо пичиррос зад: «Доктор, ҳоло дарди ҳақиқии арӯсак наомадааст, ба фикрам вақт дорад, хубаш азобаш надиҳем, мабодо фалокате…».

Эҳсосоти Зулайхо ин суханро чунон талху заҳрогин қабул кард, ки гӯё он дарафши ба баданаш халида буд. Аввал аз кор боз истода бо чашмони кабуди аз косахонаи сар баромадааш ба чеҳраи Нозигул назар афканд: чаҳраи сафеди дилкашу зебои ӯ ба назараш хунук намуд, мисле ки нур надошта бошад. Баъд ба беақлии Нозигул заҳрханда кард, яъне ӯ хуни дил мехӯрад, ҷон канда истодааст, ки маҷбуран тифлро ба дунё овараду соҳиби маблағ– нони даҳон шаванд(чунки ба Нозигул ҳам мерасад), аммо ин беҳушу бегӯш, ин бемағзи сар сиёҳиро аз сафеду фоидаашро аз зиёнаш фарқ накарда, гапҳои подарҳавое мезанад, ки… Баъд Зулайхо Шокировна ба шӯр омад, ғазаб дар вуҷудаш ҷӯшид, ихтиёрро аз даст дода наъра кашид: «соятро кашида гум шав!».

Нозигул, ки аз кӯчаи чунин мунокишаҳои пасту баланд бисёр гузаштаю хислатҳои тамаъҷӯёнаи Зулайхоро медонист, ба ҳарос наафтод ва боҷуръат посух дод:

– Дафъ шудани ман ду карат ду аст, аммо барои нафси зормонда шуда гӯри арӯсаку тифли бегуноҳро кандан золимию разилист, уболи онҳоро кӣ ба гардан мегирад? Ҳама чиз вақту соати худро дорад, мегӯянд– ку: «Оҳанро дар гармиаш мекӯбанд».

Зулайхо якбора ба ифшо кардани гапҳои дар дилаш нуҳуфта сар кард:

– Сер шудед, пулмаст шудед, пеши чашмонатонро равған гирифтааст! Фаромӯш кардаед, ки тифлро аз пову пар монда ман мезоёнаму, ана, баъд шумо соҳиби пули

муфт шуда ба осмон фук меҷунбонед. Тифл аз шиками очааш баромада– набаромадаю духтар ва ё писар буданашро ҳоло аниқ накарда дар назди соҳибонашон турнақатор мешавед. Якеатон «овози тифлро аввал ман шунидам», дигаратон « тифлро аввал ман шустам», якеатон «тифлро аввал ман парпеч кардам», дигаратон «ба даҳони тифл ман чочак мондам», якеатон «тифлро аввал ман хобондам», дигаратон…э, ҳа, бо як ҷувол баҳонаҳои беохири дигар худро мор гардонда пул канда мегиреду зиндагии шоҳона меронед. Ин пул барги дарахт нест, ки ларзонда чидан гиред. Колхозчии бечора, ки дар ҳафт моҳ ба чени як халтаи орд музд намегирад, худро ба гирдоби қарз ғӯтонда кисаи бетаги шуморо ғафс мекунад.

Дар ҳамин ҳолати пурошӯб бо қади дарози хароб, гардани боло, чашмони сабзгуни гирдаи чун ҷоми май духтур Ҳанифа Ашӯрова барои қабули басти навбатӣ ворид гардид. Ӯ ки аллакай даромадан замон аз вазъи номӯътадил бохабар гардида буд, сумкачаи китфашро болои ҷевон гузошта, хилъати сафед пӯшида ба Зулайхо нидо кард:

– Ту метавонӣ ба хонаат чорхез занӣ, корро ман худам саришта мекунам. Охир, нофи туро дар рӯзи навбатдории ман набуридаанд, ки ба ҷои ман кор кунӣ. Хубаш нахӯди пеши қошуқи ман нашав .

– Одамгариро фаромӯш накун, дугона, аввал салому баъд калом гуфтаанд, оҳанги гапат чунон аст, ки мо гӯё қаҳриему сояи ҳамдигарро аз девор метарошида бошем. Дигар ин ки, дугонаҷон, корро аз рӯи инсоф дер ҳам бошад, сар кардам. Дер ояду шер ояд гуфтаанд. Илтимос, пашшаи хира нашаву мон то охир корро барам, бахилӣ баробари ноодамист. Ҳамаи мо барои як бурида нони даҳон, барои шикамсериамон медавем, ин рӯз ба сари ту ҳам омаданаш мумкин, – гуфт бо оҳанги андаке сахт Зулайхо.

– Ман дар синну сол қариб ки бо ту баробарам, одамгариро дар китобҳо хондаам, дар ҳаёт бисёр дидаам, яъне аз осмон наафтодаам. Ҳозир ба ҷои ман каси дигар мебуд, барои пашша ва ноодам гуфтанат адабатро медод, чунон нағзакак нишон медод, ки ба зону зада тавба мекардӣ. Вале ман ба ин гуна пастӣ намеравам. Аммо ту каллакаду ақлат намегирад, ки то корро анҷом медиҳӣ, рӯз бегоҳ мешавад. Намехоҳам дар навбатдории ман бо айби ту, шағоли бад-

нафс, фалокате шаваду ҷавобгариаш ба гардани мани бегуноҳ афтад. Ҳа, дар балои шаби сиёҳи ту мондан намехоҳам. Ҳоло ту «бахилӣ баробари ноодамист» гӯён ақл нишон доданӣ ҳастӣ. Аммо ноодамии ҳазорон нафар ба ноодамии ту баробар намешавад. Ҷояш ояд, дидаву дониста айби худатро бар гардани ман бор мекунӣ, аз гиребонам медорӣ, худатро моҳи беайб метарошӣ, зӯрат ояд, ба суд медиҳӣ.

– Чӣ, ман деви одамхӯрам ва ё паи қадамам шум аст, ки дар навбатдории ту фалокату бадбахтӣ меорам? Ҳой, даҳонатро аввал обгардон куну ана баъд номи маро ба забон гир, – чашмони кабуди Зулайхо фиртос тоб хӯрд.

Гуфтугӯи аз ибтидо оҳанги ҷиддидошта якбора оҳанги пичингу киноя гирифт ва ба моҷаро табдил ёфт. Ҳанифа аз дил гузаронд, ки ин Зулайхо гапро ба нағзӣ намефаҳмад. Дуруст гуфтаанд, ки: «Бо бадон бад бошу бо некон накӯ». Барои ҳамин гӯё Зулайхо талаба бошад, ӯ мисли муаллим аз гӯшаш дошта, «баро, харатро кашида гум шав!» гуфт. Ана, баъд ҳарду мисли занбӯр ба ҳамдигар часпиданд, гӯё пишакҷанг оғоз ёфт.

Эҳтимол боз дарди Раҳимаи ҷавон омад, ки бо оби дида ба нолиш даромад. Чеҳраи сафеди зебояш заъфаронӣ шуда, лабони тунукаш ранги арғувонӣ мегирифт. Ҳамшираю доя гирдаш парвонавор тоб хӯрда «хоҳарҷон, худатро суст нагир, зӯр зан» мегуфтанд. Ин дам Ҳанифа Ашӯрова Зулайхоро аз чанголаш сар дод ва давида назди Раҳима омад, шикамми варамидаи ӯро барои поён фаромадани тифл фишурдан гирифт, «хоҳарҷон, натарс, худатро бақувват гир, дард кӯҳворе меояду хасворе меравад, худо пуштибони мост, ҳозир ман туро мезоёнам» гуфт. Вале дар ин фурсат Зулайхо худро берун аз ихтиёри худ дида, бо бинии шукуфтааш фух кашида хашмолуд ба сари Ҳанифа тохт ва ӯро мисли бӯзи майдон озод бардошта партофт. Ҷисми ӯ ба чандин курсию миз ва дигар ашёҳо тарақкосзанон бархӯрд. Раҳима бо ҳамшираю доя дар як сӯ ҳайрону зор, Зулайхою Ханифа дар сӯи дигар овораи кашокаш, саргардони бизану бигир.

Фаррош баъди тағораи обро ба берун партофта омадан мужда дод, ки навакак боз як повазнини дигарро оварданд. Ин навид Ҳанифаю Зулайхоро ҳушёр кард ва онҳоро аз кашокаш боздошт. Ба дилашон шӯълаи умед дамид, ки худои

кариму раҳим онҳоро дар лутфу марҳамати худ, дар паноҳи худ нигоҳ медорад ва ана боз ризқашонро расонд. Аввал Зулайхо «мешиносӣ зани кист?», баъд Ҳанифа «шавҳараш чӣ кора?» гӯён баробар пурсиданд ва чун ҷавоби «ба фикрам зани кадом як муаллим, ӯро шумо мешиносед»-ро шуниданд, дасту дилашон хунук шуда Зулайхо «Ҳе, як бекафан», Ҳанифа «аз вай бӯи умед нест» гуфтанд ва хубаш аз ҳамин келини мағозачӣ намонем гуфтагӣ барин барои аз даст нарафтани луқмаи даҳонашон боз ба сари Раҳима тохтанд ва ба ӯ часпиданд. Аммо аз болои Раҳима Зулайхо Ҳанифаро тела медоду Ҳанифа Зулайхоро, мисле ки Раҳима сайди ба чанголи ду гург афтода бошад. Хусусан, пешонии дунги Ҳанифа барои задан хеле мувофиқ буд. Бо пешонии дунг чанд зарба ба каллаи Зулайхо зада ӯро қариб беҳуш мекард.

Вазъият идоранашаванда буд, он моҳии лағжонаки аз даст раҳидаеро мемонд, ки дуюмбора ба даст гирифтан имкон надошт. Вазъият нофармонӣ дошт ва ба касе итоат намекард, касе ҳам неруи дастболо шуданро надошт. Дар як сӯ ду духтар барои соҳибӣ кардани Раҳима– сайди ду гург талош доштанд, дар сӯи дигар касалии нав овардашуда– зани повазнини муаллиме, гирифтори дарди зоидан оҳу воҳро ба фалак мехезонд. Овози марғуладори соҳибонаш аз берун гӯё аз баландгӯяк мебаромада бошад, ба гӯш мерасид: «Ҳой, дар ин таваллудхона ягон одами зинда ҳаст ё ҳама мурдаанд? Дар таги тиреза бо умеди шунидани гиряи чирросии тифл пайвандони Раҳима сари по истода гӯш ба қимор буданд.

Фаррош хабар расонд, ки Зулайхо Шокировнаро дар телефон мепурсанд, худи сардухтур.

Зулайхо Шокировна, ҷавонзани оҳанинИродаю сахтҷон, аз ҷаҳл надонист, ки сарашро ба кадом дар занад, бо панҷаҳои гирояш мисли хамир киро хелида партояд, аз гиребони кӣ дорад. Роҳравон сараш вайрон сардухтурро гапҳои пасту баланд гуфта, аз осмон гирифта ба замин мезад, ки айни ҳақталошӣ ӯро аз луқмаи даҳонаш маҳрум дорад, ҳол он ки айни ҳол дарди сардухтур ҳам танҳо пул аст ва ӯро барои ҳамин наздаш мехонад, ғайри маблағ дигар сабабе нест. Агар маблағи ҳаррӯза рӯёндаи Зулайхо ба худи ӯ монаду касе дастдарозӣ накунад, сутунаш аз зар мешавад, аммо чи илоҷ ки бисёр вақт сардухтур ба даромади ӯ чашми тамаъ медӯзад, даҳон мезанад.

Ва воқеан ҳамин тавр ҳам шуд. Сардухтур иброз дошт, ки як одами даркорӣ хурсандӣ, яъне тӯй дорад, барои ӯ тӯҳфаи муносиб харидан лозим, хулоса пул даркор. Зулайхо даруни дил гуфт, ки ин одамони даркории сардухтур ҳеҷ гоҳ тамомшавӣ надоранд ва тӯҳфахарии ӯ ҳам беохир аст, гӯё дар кисаи худаш мор бошад, ки даст дароз намекунад.

Зулайхо не гуфта ҳам натавонист, охир, сардухтур дар таги замин чи меҷунбад, пай мебарад, ҳамаи таҳу тор, калидҳои беморхонаро медонад, мазмун дар ҳамаи шӯъбаҳо одамони худро дорад, фаҳмидани он ки онҳо ҳар рӯз чи қадарӣ даромад гирифта киса ғафс мекунад, барои ӯ мисли донистани алифбост.

Зулайхо пеш аз раҳакӣ шудан бори охир гуё видоъ мекарда бошад, ба Раҳима, ки чеҳраи сафеди зебоаш заъфаронӣ гашта, арақ мисли ҳубобчаҳои рӯйи об рӯида буд, нигариста бо дуою нафрин ӯро ба он дунё гусел кард: «Афтат дар гӯр, дарди сар, барвақттар меомадӣ, мемурдӣ. Дар ин қадар вақти ба тилло баробаре, ки бо кашокаши ту гузаронидам, ҷонбозиҳое, ки бо ту кардам, ду– се касро зоёнда ҳаққу ҳуқ мегирифтам. Хайр, ҳеҷ гап не, мебинем аз ин кашокаш кӣ бурд мекунаду кӣ дойра мезанад.

Вақти дар гашт ду соатро хӯрд. Саломатии Раҳима дар як ҳолат набуд. Тавре ки фишори хуни мариз ҳар лаҳза пасту баланд мешавад, дарди Раҳима низ ҳар лаҳза пайдою нопайдо мешуд. Ба ӯ пайи ҳам сӯзандору гузаронданд, аммо болои сӯхта намакоб шуд. Ранги рӯяш докасон меканд, беҳолу бемадор мешуд, арақ мефаровард, ба ҳолате омада мерасид, ки Ҳанифа андаке шикамашро зер кунад, ҳушаш меканд, аз худ бехуд мешуд.

Ҳанифа Ашӯровна аз кашокаш бо Раҳима хаста шуд, аз пову пар намонду халос. Аз як сӯ тафи арақи бадани Раҳима, аз сӯи дигар тафи арақи бадани худаш ва ҳамзамон ҳавои дамгири дарун дилашро беҳузур мекард. Барои ҳамин чун нороҳатиро ҳис кард, пештар омада табақаи тирезаро васеътар кушод ва нигоҳаш манзараи берунро шудгор кард. Дар берун тамузи пагоҳии тобистон оғоз меёфт. Дар осмони нилгун пораабре ба чашм намехӯрд. Тахмин кардан мумкин буд, ки баъди чанде мавҷи гарме ҷӯш зада шиддат мегирад ва ана баъд ҳавр мехезад. Чи қадар танаффур дошт Ҳанифа ба гармои тобистон, ки ба пешбурди кори онҳо халал ворид месохт.

Яке аз дояҳо ба Ҳанифа саросема хабар дод, ки дарди касалии ду соат пеш овардагӣ тез– тез омада истодааст ва аҷабе не чашми зан ҳозир дар роҳрав равшан мешавад. Ҳанифа норизо шуд:

– Чӣ, ин қадар воҳима мебардорӣ? Хайр– чӣ, чашмаш равшан мешудааст, намемурдааст– ку. Дунё пури муаллиму духтари муаллим, мисли аҷирик рӯидаанд, яктааш кам шавад, дунё ба охир мерасад?

Ҳанифа боз Раҳимаро дуо кард: «аз ин азобдиҳӣ мемурдӣ беҳтар буд» ва чашмони сабзгунашро калонтар кушодаю нигоҳи тез карда ва қади дарози харобашро боз болотар бардошта аз пайи тақдири касалии навбатӣ шуд. Аммо хестӣ, ки хобӣ! Вақт аз даст рафтаю кор аз кор гузашта буд. Касалии навбатӣ ҳарчанд барои дар роҳравназоидан бо батни худ талош намуд, вале иродааш заифӣ кард. Ӯ дар роҳрав овози чирросии тифлро ба гӯши ҳама шунавонд. Ӯро бо азобе мисли бӯзи тирхӯрда бардошта дарун даровarданд. Ҳине чашми ҳамабину ҳамашиноси Ҳанифа ба рӯи зан афтод, зуд шинохт ва пичиррос зад: «одамгарии муаллимро то имрӯз надида будем, хайр, агар имрӯз бинем. Вале ин аниқ, ки ҳимматаш хас барин».

Ҳанифа модару тифлро ба ихтиёри кормандонаш супурда, гӯё дериаш мекарда бошад, тозон берун давид.

– Ку, ҳамаи хешу ақрабо ва пайвандони муаллим ба ман наздик шавед! – нидо кард Ҳанифа ба гурӯҳи интизориёне, ки чирроси тифлро шунида аз хурсандӣ «Э, қанд зан, паҳлавони майдон!» гӯён қарсак мезаданд. – Аввалан, ҳаммаатонро бо таваллуди тифл муборакбод мегӯям, яъне ба авлоди шумо боз сарбоз ҳамроҳ шуд. Вале бояд донед, ки тифл худ бо худ, осонакак ба дунё наомад. Чи қадар худамонро афгор карда ҷонбозию даводав, доруюю дармон намудем, то чашми модар равшан шавад, тифлу модар наҷот ёбанд. Хайр, акнун шумо якум бор нест, ки меҳмони ин ҷо мешавед, қоидаро медонед: ҳар ки ҳимматро баланд мебардорад, бо сафедӣ тифлро мебинад, ҳа, бо сафедӣ, бо навбат...

Ба сухани Ҳанифа Ашӯровна кадоме лағад зад:

– Ҳа, мо дидем, ки шумо чи хел ҷонбозиҳо кардед, ҷонбозиҳои шумо буд, ки зан дар роҳрав таваллуд кард, даводавҳои шумо буд, ки аз карнай ҳам баландтар дод зада

номатонро гирем аҷинаҳо бурдагӣ барин шаклу шамоилатонро надидем, акнун дар бораи дорую дармонҳои карда ё накардаатон гап назанем ҳам мешавад.

Ҳанифа латтаи дар об тар кардагӣ барин шуд. Кадоме ба пеш баромада боақлӣ кард:

– Об аз сар ки гузашт, чӣ як ваҷабу чӣ ду ваҷаб? Акнун кори шудагӣ шуд, ба гузашта салавот! Муҳимаш кӯдак сиҳат ба дунё омад ва чашми модараш равшан шуд. Мо шуморо, Ҳанифа Ашӯровна, дар кӯча дасти холӣ намемонем, як фикр мекунем.

Ин ҳангом ҳамшираи шафқат дарро кушода берун баромад ва суол кард:

– Доктор, духтарчаро барои дидан биёрам ва ё ҳоло. . .

Ҳанифа песонд:

– Духтар нагӯй, писар гӯй!

– Охир, шумо медонед– ку вай духтар, – нодониашро ошкор кард ҳамшира.

Ҳама завқ бурда хандиданд.

Дар бешармӣ пӯсти рӯи Ҳанифа чунон ғафс шуда буд, ки ба боиси масхара гардиданаш нигоҳ накарда ба ҷамъ кардани ҳаққу ҳуққи худ машғул гардид. Ногоҳ се мошини нави дарунаш пури одам ноаён ғиррӣ омада, назди таваллудхона қарор гирифт. Дарҳоро кушода бо ғалоғулаи шодиомез ҳама берун гардиданд. Одамони яке аз мошинҳо, ки дар даст асбобҳои мусиқии таблаку ғиҷҷак ва наю аккордеон доштанд, фаромадан замон, гӯё дар маъракаи арӯсбиёрон бошанд, ба навохтану сароидани суруди «Бача муборак шава. . . » шурӯъ карданд. Ду– се раққосаҳои хушхироми зеболиқо панҷаю китф ва қадҳои мавзун ларзонда, бо табассуми ширину нигоҳҳои ошиққӯш ба рақс даромаданд. Пеш– пеш бо сари баланд, қаду қомати паҳловонона, сари тарошидаи бо тоқии чуст пӯшида, чеҳраи офтобхӯрда Муродбек, мудири мағозаи мебелфурӯшии маркази ноҳия қадам мезад. Ҳамаи ин базми нишотро камера бе аз даст додани лаҳзае ба навор мегирифт.

Муродбек мӯйлабашро тоб дода, тугмаи гиребони куртаи сафедашро кушода нидо кард:

– Ку, набераи паҳлавонамро баоред, бо ӯ дар майдон гӯштин мегирем!

Ҳамроҳон бо як овоз «Ура!» гуфтанд.

Дар ин вақт нигоҳҳои тези тааҷҷубовари хешовандони Муродбек ба онҳо ғалтиду аз таги тиреза дартоз наздашон омаданд.

– Ҳой, кадом набера, кай ва дар куҷо таваллуд шуд, ки мо надидему шумо дидед, ман аз дӯл омадааму шумо мегӯед дӯл холӣ– а. Ва боз кадом тамаъҷӯи худонотарс шуморо дар қади роҳ бардурӯғ мужда доду муждагонӣ гирифт?!

Даҳони Муродбек мисли калӯш боз монд. Ӯ бинии андак дарозашро хорида истода, навозандагонро бо ишораи даст хомӯш доронд ва баъд суол кард:

– Чӣ хел таваллудашро надидед? Магар паси парда будед? Маро як соат пеш Зулайхо Шокировна «мужда деҳ, келинат писардор шуд» гӯён сад доллар канда гирифту шумо бошед, дар хоби ғафлат мондагӣ барин гап мезанед.

Ин лаҳза бо садои изтироболуди «роҳ диҳед!», «роҳ диҳед!» ду духтур аз байн ба худ роҳ кушода саросема дохили таваллудхона гардиданд. Муродбек таваккалӣ, бо рангу рӯи канда, ҳайрон– ҳайрон аз пасашон қадам монд. Дилаш гуфт аз эҳтимол дур нест, ки ҳар воқеае бошад, ба келини ӯ марбут аст. Аммо дарро ба рӯи ӯ бастанд.

Интизориён ҳам пешомадеро ҳис карда ба дар наздик шуданд. Занон, ки одатан қалби нозуку дили ҳассос доранд, зуд ба нолиш даромаданд, яъне кошки Раҳима дар паноҳи худованди кариму раҳим сиҳату саломат бошад. Ниҳоят табақаи дар боз гардиду ҳамон ду духтур бо занбар баромаданд. Ҳама бо чашми сар диданд, ки даруни занбар Раҳима ранг дар рӯяш намонда беҳуш мехобид. Доду вой ва шӯру ғирев бархост. Духтурон фаҳмонданд:

– Ором, бемор вазнин, ба шӯъбаи мадҳушкунӣ ва эҳёгарӣ мебарем...

## КАРМЕЛИТА МЕОЯД

Дар маҷлиси солонаи хоҷагии деҳқонӣ бинобар иҷро нашудани нақшаи пахтасупорӣ рагҳои қаҳру ғазаби раис мисли резини кашида торафт таранг мегашт. Пурсиши қаланфурвор гоҳе чунон тезутунд мешуд, ки хаёлатон, ана,

ҳозир, сақфи толори маҷлисхона мисли сарпӯши осмон канда ба саратон фурӯ меравад. Охир, мардакҳои бизанум нақшаро ҳамагӣ понздаҳ– си фоизӣ иҷро карда, болои сӯхта намакоб, ҷавобҳояшон заминӣ не, балки осмонӣ буд. Ин буд, ки ғазаби Файзи Ҳаёт зимни аз ҳар як сардори бригада сабабҳои қафомонӣ пурсидан мисли кафкҳои дамовардаи болои шир ҷӯшида рӯйи миз чунон зарбаҳои Рустамона фаровард, ки гумонатон тахтаи бечора пора–пора шуд ва аҷибаш боз ин ки лаҳзае баъд дамаш гашта чун хамир тавре мулоим мешуд, ки мӯрчаро озор додан намехост. Ин дар ҳолате рух медод, ки худаш ба назари худаш хирадманду тавоно ва ягона инсонпарвари мулк менамуду иқтидори бузургиашро ба умум зоҳир кардан мехост. Дар чунин ҳолатҳои асабоният узвҳои тани бузургаш, ҳам каллаи калону ҳам гардани сергӯшт, ҳам лунҷҳои ғафсу ҳам китфони барҷастааш ба ларзидан медаромад.

Навбат ба Қаҳрамони Замон расид.

– Беномус! Бенанг! Нақшаро буду шуд ба бист фоиз расондаӣ. – чашмони калон– калони сурхашро молидаю лунҷҳои фарбеҳашро кафмолкунон ғазаболуд дод зад раис. Ин лаҳза аз қаҳр чеҳраи сафедаш ранги арғувонӣ мегирифт. – Магар дар пахтазор аз тори саратон санг меборид? Ё подарду шалдард шуда будед?

– Имсол ҳам воқеаи соли гузашта такрор ёфт, мӯҳтарам раис, – тугмаҳои кастуми аз арақи бадан шӯра зеркардаашро кушода, тоққии офтобхӯрдаашро аз сар бардошта, бо нохунҳо сари маҳтобиашро хорида истода чун бегуноҳҳон иброз дошт Қаҳрамони Замон. Ӯ сиёҳҷурдаи хароб ва қоқалаи дароз бошад ҳам, аммо овози ғафси хиррӣ дошт. – Мағзи гап ин ки соли гузашта чинакчиён сериали Кармелитаро тамошо карда нақшаро си фоиз иҷро карда буданд. Имсол бошад, Женяро тамошо карда нақшаро танҳо ба бист фоиз расонда тавонистанду халос. Пайи қадами Кармелита нисбат ба Женя бахосияттар буд….

Раис домони сабрро аз даст доду бо асабоният таноби сухан бурид:

– Ҳой ақлгумкарда, дар хонаи одам калон шудаӣ ва ё дар оғили гов, чиҳо гуфтанатро мефаҳмӣ ё не?! О, вай Кармелитаю Женяи ту мегуфтагӣ ба пахтачинӣ чӣ дахл дорад? Гапҳои ҳавоиатро мон!– абрӯвон болои чашмон

фароварда решаи гапро нафаҳмид раис. Ҳини додзанӣ чашмони калонаш аз косахонаи сараш баромада, лампочкаҳои сурхи ақиби мошинҳоро ба хотир меоварданд.

– Бисёр дахл дорад, мӯҳтарам раис, ҷони гап ҳам дар ҳамин– да, – баъди сархорӣ тоққии офтобхӯрдаашро ба сараш гузошта гуфт Қаҳрамони Замон. – Пагоҳӣ деҳқонон як– ду соат кор карда ё накарда «Оҳ, Кармелита сар шуд!» «Э, ҳа, Женя сар шуд!» гӯён мисли тири аз камон ҳӯйхурда, ҷояш ояд, пойро фаромӯш карда ба сар ба хона медавиданд. Бачағарҳо баъди тамошои Кармелитаю Женя то бегоҳ гӯё сурат мегирифта бошанд, рӯ ба рӯи ҳамдигар истода лаҳзаҳои филмҳоро нақлу муҳокима мекарданд, обу ранг медоданд, фикру мулоҳизаҳо чунон боло мерафт, ки оқибат бачағарҳо ду гурӯҳи дар ақидаҳо бо ҳам зидро ташкил доданд. Ана, баъд кӯракканию кӯракшаппӣ оғоз ёфт– е! Девонаҳо чунон рӯйи ҳамдигарро адл мекарданд, ки гӯё тирандозони касбии дипломдор бошанд. Ҳатто қисме аз онҳо бо рӯйи хуншору кафида ба беморхона афтоданд. Дар варақаҳои бемориашон навиштанд: «Дар муҳорибаи якка ба якка захмдор гардид». Агар ман пешдастӣ карда гоҳ– гоҳ милисаро ба сари замин намеовардам, будагӣ гап, ки дар қади ниҳолҳо ягон кӯрак намемонд. Бовар кунед, мӯҳтарам раис, раҳму шафқате, ки ин бачағарҳо ба Кармелитаю Женя доштанд, ба падару модари худ надоштанд, гӯё бо онҳо аз синаи як модар шир хӯрда бошанд. Хайр, ин филмҳо ҳам худашон филмҷон– да, мӯҳтарам раис! Акнун, пеши шумо дурӯғу пеши худо рост, мӯҳтарам раис, ман худам ҳам аз онҳо қафо намемонад– а, тоқат накарда аз дунболашон хез мезадам. Калтаву кӯтаҳи гап ҳамин ки ба қафомонии бригадаи мо, ана, ҳамон Кармелитаю Женяи бекорхӯҷаи вақти ба тилло баробари одамонро мегирифтагӣ гунаҳкор. Агар, мо, мӯҳтарам раис, дар ҳаққи Кармелитаю Женя ягон чора набинем, колхозчиёнамонро бангӣ, мисли наркоман мегардонанд онҳо ва будагӣ гап, ки ин касалии гузаранда соли оянда ҳам такрор меёбад.

Файзи Ҳаёт чун дид, ки зердасташ дар назди ҳама, чун ба шаҳаншоҳ аз ӯ мадад мепурсад, аввал мутаккабирона ба фикр фурӯ рафт– дар ин ҳолат чашмонаш ба сақфи хона дӯхта шудаю лабони ғафсаш, мисле ки пуф мекарда бошад,

чухти борик шуд ва баъд пушту панохи мардум буданашро нишон доданӣ шуда ба худи Қаҳрамони Замон супориш дод:

– Гап ҳамин: ту ба суди ноҳия ариза навис то ин ки ба вай гунаҳкорон, яъне Кармелитаю Женя ҷазои одилона таъин кунаду ҳақ ба ҳақдор расад. Ҷазо бояд чунин бошад: аз заминҳои бригадаатон ба Кармелитаю Женя ду гектарӣ ҷудо карда дода ва ба онҳо супориш шавад, ки мисли тортанак ба кор часпида пахта кишт кунанд, обу ғизо диҳанд ва тирамоҳ си сентнерӣ ҳосил рӯёнанд. Боз нашавад, ки аз си сентнерӣ кам кунанд. Ман ҳоло зинда, намемонам, ки Кармелитаю Женяи ту мегуфтагӣ замини Тоҷикистонро хор кунанд, ин ҷо Россия не! Онҳо ҷон канда меҳнат кунанд, ана, он вақт ба қадри обу замин ва пахтаи мо мерасанду бо сериалҳои худ сарамонро гаранг карда намегарданд. Ту котиб (раис ба котиби маҷлис нигариста) дар ин бора қарори маҷлисро навис!

Қарсак, овоз ва ҳуштаки иштирокчиёни маҷлис шифти маҷлисхонаро ларзонд.

– Ӯра, Кармелитаю Женя ба хоҷагии мо меоянд!

– Ӯра, бо Кармелитаю Женя якҷоя каланд мезанем, об медиҳем, пахта мечинем!

– Ӯра, бо Кармелитаю Женя чақ– чақ мекунем!

– Қанд занед, раисбобо, каллаи шумо калла не, электроника!

– Электроника не, компютер!

Аз ин «ӯра»– гӯиҳо Файзи Ҳаёт қабат– қабат гӯшт гирифта нимхез шуд ва ба қадршиносии ҳозирин изҳори сипос намуд.

Кадоме аз ҳозирин бо заҳрханда овоз шунавонд:

– Пул дода китоби афсонаҳо ва ё диски филмҳои ҳиндӣ харидан лозим нест, марҳамат омада афсона гӯш кунед.

Вале касе аз ҳозирин ба ин заҳрханда об надод.

Навбати пурсиш ба Паҳлавони Диловар гузашт.

– Чаро хару аробаи шумо дар лой ғӯтида, нақшаи пахтасупориро ҳамагӣ бисту панҷ фоиз иҷро кардаед?!– тоққӣ аз сар гирифтаю бо рӯймолча арақҳои лунҷҳои дамкарда, гардани ғафс ва тори сарашро поккунон суол кард раис. – Ё дунёро бесоҳиб хаёл кардӣ? Номаъқул кардӣ! Ман ҳоло зинда, агар хоҳам ба Сибир бадарғаат мекунам!

– Ба ҳар ҳол мо нисбат ба бригадаи Қаҳрамони Замон

пешқадамтар, яъне панҷ фоиз зиёдтар, мурғобивор гардани борикашро каме бо фахр бардоштаю бо чашмони кабуди чуқуррафтааш тез– тез рӯппакзанон гуфт Паҳлавони Диловар.

Посухи Паҳлавони Диловар неши занбӯре гардид, ки Файзи Ҳаёт аввал тоқии чусташро аз сар гирифта ба болои миз шаппид, баъд мушт фаровард ва тӯбвор аз ҷо боло хест, мисли Ленин бо як даст бари кастумашро боло бардоштаю дасти дигарашро шоф карда наъра зад:

– Мо аҳмақ шудем, ки аз ту, танбали худозада, иҷроиши нақша пурсидем, рост мегӯянд, ки мева аз дарахти бед набояд ҷуст. Ба ҷои ту як одами банангу баномӯс ба дунё меомад, ҳазор беҳтар буд, фалокатовар! Вай одам ҳеҷ намекард, як дарахт месабзонд, ту бошӣ дарди сар… Замин ҷунбаду таги хонаи даҳошёна монӣ беҳтар, шармандаи ду олам! Боз шарм надошта «пешқадамтар» мегӯяд– а. Номи туро на Паҳлавони Диловар, балки Рӯдакашоли Даҳанвоз мемонданд, хубтар буд.

Дами бригадир дарун зад, аммо морбоз ки буд, зуд худро ба даст гирифту ҳеҷ воқеае нашудагӣ барин оҳиста–оҳиста ба шарҳи сабабҳои қафомонӣ гузашт.

– Гап сари ин ки дар бригадаи мо воқеаи аҷоиби гӯшношунид, ҳатто гуфтан мумкин, супервоқеа рӯй дод, раисбобо. Ҳа, бовар кунед, воқеаи нестандарҷаҳон, – тугмаи палтояшро кушод, даст ба бағал андохта, эҳтимол кайки нороҳаткунандаеро аз таги каш ва ё қабурғаҳои харобаш доштанӣ шуда, ба гап даромад Паҳлавони Диловар, Рӯйи борики зардинаю чашмони танги фиртос тобхӯрандааш мегуфт, ки ӯ дар сухан устухон надорад. – Воқеаи кор ин ки ҳафтаи аввали пахтачинӣ як қисм колхозчиёну ҳафтаи дуюм қисми дигар ва ҳафтаи сеюм қисми боқимондаи онҳо ба касалии гриппи зормонда гирифтор шуданд. Ҳа, бовар кунед, раисбобо, гриппи лаънатӣ чунон аз бинии колхозчиён дошт, ки гӯё аз ҷумаки водопоровод бошад, об мешорид.

Нохост Паҳлавони Диловар ба қабурғаҳои синааш таққӣ заду даст аз бағал баровардa, чизеро байни ду ангуштон (эҳтимол кайки лаънатӣ ба даст афтод) молидан гирифт ва баъд тугмаи палтояшро хотирҷамъона маҳкам кард. Сипас Паҳлавони Диловар ба сухани хеш идома

бахшид:

– Баъди ин мо қарор додем, аниқтараш, маҷбур шудем, ки як ҳафтаи дигар аз пахтачинӣ даст кашида сабабҳои сар задани ин бемории сирояткунандаро маълум гардонем. Яъне, гуфтан мумкин, раисбобо, мо ба муқобили ин беморӣ мубориза дастҷаъмона, муборизаи беамон эълон кардем. Баъди санҷишу мушоҳидаҳо ба чунин хулоса омадем, ки на ягон боду ҳаво, на ягон борону ҷола, балки маҳз пахтаҳои шукуфта ба чинакчиён аллергия медодааст. Шояд ҳоло шумо хаёл кунед, ки ман барои худсафедкунӣ сафсата ва ё ҳазён гуфта истодаам. Вале ин ҳақиқати ҳол аст, бовар кунед, раисбобо. Баъди ин масъала ба миён омад, ки маълум кунем: чаро пахтаҳои шукуфта ба одамон аллергия медодааст? Ё деҳқонон пахтаҳоро обу ғизои дуруст надодаанд, ки ин боиси қаҳрию қасосгирии онҳо шудааст? Дар ҳафтаи сеюм, раисбобо, муборизаро пурзӯртар кардем ва манбаъҳои пайдоиши аллергияро чунин аниқ намудем: ҳар шаб, ҳини ҳар заминро санҷидан, гурӯҳ– гурӯҳ подаи мардумро дидем, ки даруни пахта, мисле ки замини соҳибонашон бошад, баҳузӯр шабчаро доштанд. Ба чунин хулоса омадем, ки кӯракҳою пахтаҳои шукуфта аз заҳри нафаси говҳои касал зарарнок гардидаанд, ки ин боиси аллергия додани он ба колхозчиён шудааст. Ана, барои ҳамин ҷамъоварии пахта мисли табобати касалии сил кашол ёфт, раисбобо. Вале, раисбобо, худатон аз аҳли фаҳму илму донишатон баробари олимон, медонед, ки саломатии инсон, махсусан, деҳқонон, аз нақшаи пахта ҳам болотар меистад. Охир, рустании пахта куҷою инсони бунёдкор куҷо? Хулласи гап, мо нагузоштем, ки барои нақшаи пахта шуда ҳамаи чинакчиён бистарӣ гарданд, дар ин сурат касалхона барои онҳо тангӣ ҳам мекард, аз тарафи дигар ин зери по кардани ҳуқуқҳои инсон мешуд. Мо нақшаро иҷро накарда бошем ҳам, вале саломатии одамонро саривақт мардонавор нигоҳ дошта тавонистем, раисбобо. Деҳқони бесавод бошем ҳам, лекин ақламон ба ин чизҳо мерасад. Рости гап, гумон доштам, ки аз шаҳр мухбирону киночиён омада корномаи моро менависанду кино карда ба халқи ҷумҳур нишон медиҳанд, аммо аз афташ мошинашон бе бензин будааст, ки сояашонро надидем. Аз шумо, раисбобо, хоҳиш дорем, телефон кунед, ки ба мошинашон бензин

мерезед.

Аз афташ, кулӯлаҳои гапи Паҳлавони Диловар, ниҳоят, ба раис бонамак намуд, ки чун мутафаккирон ба баҳри андеша ғӯта зад. Нигоҳҳои чашмони сиёҳашро ба ҳар ҷониб маънодор медӯхт, бо забон лаб мелесид, қалам байни ангуштон бозӣ медоронд. Ваҷоҳаташ чунин мазмун медод, ки худи ҳозир қисмати одамон дар дасти ӯст, танҳо ӯ тақдири одамонро ҳал карда метавонад. онҳо ғайри ӯ додраси дигаре надоранд.

Файзи Ҳаёт дар гирдоби андеша бо нарангушт болои миз тук– тук зад ва ниҳоят, духтури бунгоҳи тиббиро хезонд:

– Ба таги панҷоҳ даромадам, лекин ту барин танбали беҳаё, коргурези аҳмақро надидам. Охир, чаро ин мардуми грипшуда боз худро ба азоб мононда ба ҷои шумо сабабҳои сар задани эпидемияро маълум мекардаанд, ё шумо хоби зимистонаи хирсро доштед? Ҳоли раҳмат ба ин колхозчиёни касалманд гӯй, ки ба дастатон кишан зада ба суд надодаанд! Таноби гапро дароз намекунем. Гап ҳамин котиби маҷлис (раис ба котиби маҷлис рӯ овард): ба қарори маҷлиси имрӯза навис, ки ба ҳамаи колхозчиёни ин бригада аз ҳисоби даромади солонаи хоҷагӣ бинобар аз пахта грип шуданашон кӯмакпулӣ расонда шавад.

Боз ҳамон шахс шунаво заҳрханда кард:

– Ҳм, аҷоиб, магар бо си фоиз иҷро гардидани нақша хоҷагӣ даромад ҳам ба даст меорад?

Шунидагиҳо ё худро ба ношунавоӣ заданд ва ё бетарафиро ихтиёр карданд, ки ин сухани талхомез ба бод рафт.

Садои кафкӯбии аҳли нишаст ба фалак печид:

– Аз ҳиммати баландатон гардем, раисбобо!

– Ба ҳазор дароӣ, ғамхори халқ!

– Шумо ҳам раиси моед, ҳам табиби моед!

Файзи Ҳаёт мағрурона, гӯё камази ордро бепул ба халқ тақсим карда дода бошад, бо ҷуссаи бузургаш аз ҷой нимхез шуда бо нишони миннатдорӣ таъзим кард. Маълум шуда меистод, ки лабони ғафсаш аз ҳадди муқаррарӣ зиёдтар чухт гардида ботинан табассум, яъне хушҳолӣ мекард.

Пурсиш ба дигар сардори бригада Ғолиби Даврон кӯчид:

– Э, ҳа, ту номард, ту хари дупо, ту бешараф рекорди

рекордҳо, суперрекордро дар Тоҷикистон гузаштаӣ– ку! Иҷрои нақша ҳамагӣ понздаҳ фоиз– а! Гӯё ин чиниши талабаҳои синфи як ва ё силкасалон бошанд. Ҳатто одами мурда ҳамин қадар ҳосилро ғундошта метавонад. магар таги ягон абри ғафс монда будӣ?– бо ғазаб аз кисаи костумаш рӯймолча бароварда арақҳои пешонаю гардан тоза карда дандон совидан гирифт раис.

– Раисака, нақшаи хоҷагии мо ҳамагӣ понздаҳ фоиз иҷро шуда бошад ҳам, лекин заминҳоямонро «замин сер– одам сер» гӯён ғизои хуб дода, ҳосили бобаракат пухта расондем, ки то дусад фоизи нақша дод, – бо яке аз ангуштон пати бинӣ тоза карда истода, дилпурона, ҳатто бо каме ғурур гуфт Ғолиби Даврон.

– Пас пахтаатон куҷост, дар осмон ё невидимка шуда монд ва ё кампирон барои ҷигиттозакунии зимистонашон бурда захира карданд?– Беҳтараш номи шуморо на Ғолиби Даврон, балки Беобрӯйии Шарманда меномиданд.

Аммо Ғолиби Даврон, гӯё ин суханони заҳрдор ба ӯ дахл надошта бошанд, бепарвоёна:

– Гап сари ин ки раисака, – аввал бо чиллики хурдӣ чирки даруни гӯшҳои калон– калонашро кофта, баъд пати бинӣ тоза карда истода идомаи сухан кард, – бо саршавии пахтачинӣ дар деҳа тӯётӯй сар шуд, хурсандӣ болои хурсандӣ омад, ҳатто мусобиқа гӯем ҳам мешавад. Ҳамаамон овораи тӯйҳою яке бинем чинакчиёни хоҷагии деҳқонии ҳамсоя мисли лашкари Чапаев «ӯра!» гӯён мӯру малахвор ба пахтазорамон даромада ҳосили барф барин сафедро чинда истодаанд.

Раис тоқат накард ва домони сабрро аз даст дод:

– Ин аз фориғболию хунукназарии шумо! Чизатро сахт қаравулӣ куну ҳамсояро дузд нагир.

Ғолиби Даврон гӯё ин сиёсати раисро нашунида бошад, хотирҷамъона идомаи сухан кард:

– Аввал, хостем, ки ин мӯру малахҳоро бароварда пеш кунем. Лекин онҳо дар хоҷагии мо меҳмон ҳисоб мегардиданд, меҳмон бошад, ҳабиби Худост гуфтаанд. Барои ҳамин бо маслиҳати дутарафа ба чунин созиш омадем: онҳо ваъда доданд, ки охири сол пахтаи чиндаашонро ба ҳисоби бригадаи мо мегузаронанд. Ба дурӯғ гуфтан ҳақ надоранд, чунки дурӯғ торикии имон аст. Баъди ин якҷоя бо чинакчиёни бригадаамон

маслиҳат карда гуфтем, ки ёрӣ аз ёрон бошад, хубаш шасти онҳоро нагардонему аспи ғайраташонро пешпо надиҳем. Чи лозим, онҳо ҳам мӯъмину мо ҳам мӯмин, мӯъмин бародари мӯъмин гуфтаанд. Бигузор чинанд, охир чи фарқ дорад, онҳо ҳам ҳосилро ба ватан месупоранду мо ҳам, ватани ҳамаи мо як-ку: Тоҷикистон, муҳимаш пахта бошад. Мо тӯйҳоро ба охир ки расондем, ба пахтазор даромада боқимондаи дастранҷи худро меғундорем. Вале раисака, розигии худованд будааст, ки хурсандиамон дуру дароз рафт. Яъне охирин тӯйи чинакчиёнамон дар моҳи декабр гузашту ба пахтазор даромада натавонистем. Ана, барои ҳамин баҳодурони бригадаи хоҷагии деҳқонии ҳамсоя нақшаи пахтасупориро яксаду ҳаштод фоиз иҷро карду хайрхоҳони бригадаи мо ҳамагӣ понздаҳ фоиз. Акнун, раисака, шумо дар илму дониш аз олимон ҳеҷ камӣ надоред. Ана, худатон қозӣ шаведу ҳукм кунед: агар чинакчиёни хоҷагии ҳамсояро пеш кардаю ба умеди худамон шуда пахтазорро бесоҳиб мемондем, оё уболашон намегирифт? Онҳо сариваќт ба ёриамон омадаю дастамонро гирифтанд, дар ҳақиқат моҳӣ бо обу одам бо одам зинда будааст. Мо– ку мисли шумо олим нестем, вале сафедиро аз сиёҳӣ фарқ карда метавонем, яъне ба фикри шахсии ман мо нақшаро иҷро кардагӣ ҳисоб, раисака. Онҳо, яъне деҳқонони хоҷагии ҳамсоя бо пахтаи мо, яъне бо моли мо, бо хуни мо, ки моли мӯъмин хуни мӯъмин мегӯянд, нақшаашонро иҷро кардаанд. Ман таклиф дорам, тавре онҳо ваъда дода буданд, пахтаашон ба ҳисоби бригадаи мо гузаронида шавад.

Ин таклиф аз ҷониби Файзи Ҳаёт пазируфта шуд ва эшон ба котиби маҷлис фармон дод:

– Котиб! Дар ин бора қарори маҷлиса навис!

Аз байн захрхандаи боз ҳамон шахс ба гӯш оасид:

– Ҳм, давраи «пахта ба ватан»– ҳо гуфтан гузашт. Ватанро миннат накунед ҳам мешавад. Чунки ҳозир пахтаи истеҳсолкардаатро худат ба кассе, ки ба кучое ки хоҳӣ мефурӯшию пулашро ба хазинаи хоҷагиат даромад мекунӣ. Ин як. Дигар ин ки мардако, деҳқонони хоҷагии ҳамсоя пахтаро чинда ба ҳисоби бригадаашон, бригадаашон бо ҳисоби хоҷагии худашон, хоҷагиашон ба омори ноҳия дароварда ба ҳуҷҷат қонунӣ кардаанду ин бандаҳои хоби ғафс, акнун, бедор шудаю ҳисоботҳоро чаппагардон карданианд, хаёлашон ин кор мисли қуртобхӯрӣ осон аст.

Ёрӣ ёристу ҳисоб ҳисоб!

Вале ин сухан барои аҳли нишаст ғиҷирроси дар барин садое буду бас, ки кирои ҷавобгардониро надошт.

Ҳине ки Файзи Ҳаёт қарори маҷлисро ба мақомоти болоии ноҳия пешниҳод кард, масъулин баъди мутолиаи он коғазеро мӯҳр зада, ба дасташ часпонда гуфтанд:

– То омадани Кармелитаю Женя рафта истироҳат кун…

Коғаз фармони аз кор рафтани соябони халқ Файзи Ҳаёт буд.

## МУЛОҚОТИ ВОҚЕӢ

Дар шабакаи радио мулоқоти ғоибонаи ситораи эстрадаи тоҷик Маҳбуби олам бо шунавандагон ба таври мустақим идома дорад. Ровӣ эълон медорад, ки алҳол шунавандаи доимии барнома, бонуи зебо Фариштамоҳ, дар хати алоқа қарор дорад ва инак суолу ҷавоби дуҷониба шурӯъ меёбад:

– Медонед, акаи Маҳбуби Олам, ман қариб ки бо ҳамаи ситораҳои эстрада аз тариқи шабака дар тамос будам, вале аз чи бошад, ки бо шумо дар ҳаяҷонам, охир… шумо симои зебо доред ва…бо шумо барин овозхони зебои машҳур ҳамсӯҳбат гардидан орзуи ҳар як бонуи зебост. Ростӣ, иқрор мешавам, ҳангоми сӯҳбат бо дигар ситорагон чунин ҳаяҷону изтироб, чунин таппиши дилро эҳсос накарда будам, гумонам гардиши хунам аз меъёри муқаррарӣ се маротиба зиёдтар афзудааст.

– Ҳеҷ гап не, Фариштамоҳ, чунин ҳолат ба ҳар як бону рух медиҳад. Ман ҳам ифтихор дорам, ки бо шумо барин бонуи зебо дар тамос мебошам, бемалол саволҳоятонро бидиҳед.

– Ростӣ ман таппиши диламро фурӯ нишонда ҳаракат мекунам, ки саволи аввалинамро бидиҳам:шумо қаблан гуфтед, ки алҳол издивоҷ накардаед, вале агар бонуеро дӯст доштанӣ шавед, чеҳраашро чӣ гуна тасаввур кардан мехоҳед?

– Медонед, Фариштамоҳи зебо, дӯст доштани бонуи зебо орзуи ҳар як ҷавонмард аст. Ман ҳам духтареро дӯст хоҳам дошт, ки лабонаш барги гул барин ақиқ, асал барин ширин, чашмонаш мисли ангури чилгӣ сиёҳ, рухсораҳояш

себи хубонӣ бошаду…

– Шуд… шуд… акаи Маҳбуби Олам, маро дар хиҷолат монондед, дилам мегӯяд, ки шумо маро дидагӣ барин… ростӣ дар ҳаяҷонам…

– Чаро чунин хаёл?

– Охир… охир… ростӣ аз гуфтан изо мекашам, лабону чашмони ман айнан лабону чашмони шумо орзу мекардагӣ.

– Э, ҳа! Ҳа– ҳа– ҳа… кошки, хӯш, саволи дуюми шумо?

– Акаи Маҳбуби Олам, тасаввур кунед, ки шумо бонуи зебоатонро надидаеду ӯро бори аввал ба мулоқот даъват мекунед, барои он ки ӯро шиносед чӣ тавр дидан мехоҳедаш?

– Дар даст соябони кабуд дошта бошад, ҳа, роҳи осонаш ҳамин, аз байни анбӯҳи одамон бо тезӣ ӯро фарқ кардан мумкин.

– Боз маро дар хиҷолат монондед, акаи Маҳбуби Олам, ба гуфтан

ҷуръат намекунам.

– Сабаб?

– Чунки… чунки… медонед… дар дасти ман айнан соябони кабуди шумо гуфтагӣ, гӯё шумо маро дида бошед.

– Инро бинед– а! Хайр, шумо худро ба даст гиреду саволи сеюматонро диҳед.

– Акаи Маҳбуби Олам, одатан шумо бонуи дӯстдоштаатоно дар кадом гӯшаи шаҳр дидану шинос шудан мехоҳед? Агар ин махфӣ набошад.

– Албатта, дар боғи марказӣ, чунки он ҷо сайру гашт, фароғат…

– Ман… ман… дигар маҷоли гапзанӣ надорам, акаи Маҳбуби Олам, аз шарм арақ кардам, дилам «гуп– гуп» мезанад.

– Сабабашро фаҳмидан мумкин?

– Ман… ман… айнан аз боғи марказӣ истода бо шумо гуфтугӯ дорам, акаи Маҳбуби Олам, инро чӣ тавр шумо фаҳмидед– а…

– Ҷои тааҷҷуб нест, Фариштамоҳ, медонам, ки мисли шумо бонуҳои зебо ҳамеша дар боғ гардиш мекунанд, нашъа мебардоранд. Шумо арақҳои пешонаатонро пок кунеду саволи чоруматонро бидиҳед.

– Ба ин савол… ба ин савол забонам намегардад, вале ҷуръат мекунам:шумо одатан дӯстдоштаатонро соати чанд ба мулоқот даъват мекунед, мебахшед– а, акаи Маҳбуби Олам, дилам дар ҳаяҷон.

– Ман ҳаяҷони қалби шуморо эҳсос дорам, Фариштамоҳи ширинзабон ва ҳаминро ба шумо маълум менамоям, ки дӯстдоштаамро баъди анҷоми вақти корӣ, яъне баъди соати панҷ ба мулоқот даъват менамоям.

– Соататонро бинед, чанд шуд, акаи Маҳбуби Олам?

– Эҳ! Қариб панҷ– ку…

– Ин тавр ки бошад, тезтар ҷунбед, ман… ман… дар боғи марказӣ бо соябони кабуд шуморо барои мулоқоти воқеӣ интизор…

## ЛАТИФАҲО

Бо фармони шоҳи золим бегуноҳеро ба дор овехтанӣ шуданд. Аммо банди дор канду бегуноҳ зинда монд. Банди ғафсу мустаҳкам лозим шуд. Шоҳ дид, ки Афандӣ дар миёнаш банди ғафсу мустаҳками дарозеро чанд қабат печонида гаштааст.

– Афандӣ, банди миёнатро барои бастани дор кушода деҳ, – илтимос кард шоҳ.

– Не, инро ман аз хурдӣ эҳтиёт карда мондаам, – розӣ нашуд Афандӣ.

– Барои кӣ эҳтиёт карда гаштаӣ? – ҳайрон монда пурсид шоҳи золим.

– Барои гардани ғафси тақсирам, – посух дод Афандӣ.

* * *

Шоҳи ҷафопеша Афандиро гуфт:

– Мехоҳам номам ба яке аз китобҳои олам ворид шавад.

– Шумо аллакай ворид шудед! – мужда дод Афандӣ.

– Ба кадом китоб?

– Ба китоби «Шоҳони зулмпарвари ҷаҳон».

* * *

– Гурбаи ношукр, зимистонро дар хонаам гузаронида шикамашро сер мекунаду ана баъд то тангии тирамоҳ ғайб мезанад, – аз қафои гурбаи гурехтаистодааш давида ғур–

ғур дошт ҳамсояи хасиси Афандӣ.

– Шумо гурбаро миннат накунед ҳам мешавад, ҳамсоя, вай на аз шумо, балки аз мушҳои хонаатон миннатдор аст, – гап дод Афандӣ.

* * *

Шоҳи қотил маддоҳӣ кард:

– Ман шоҳи халқпарварам, шоҳи халқпарвар ҳеҷ гоҳ намемирад.

Афандӣ посух дод:

– Агар шумо намиред, дар рӯйи замин одам намемонад ва дар рӯйи замин ки одам намонд, он гоҳ ба кӣ фармон медиҳед?

* * *

Афандӣ ҷарроҳи беҳунареро маъюс дид. Сабаб пурсид:

– Навакак як беморам дар рӯйи мизи ҷарроҳиам фавтид, – ҷавоб дод ҷарроҳи беҳунар.

Афандӣ:

– Пеш аз мӯҳлат ӯро ба он дунё фиристодаед– а!

– Чаро пеш аз мӯҳлат будааст?

– Вай, бечора илоҷ надошт, хоҳ– нохоҳ ягон рӯз аз дасти шумо мемурд.

* * *

Ҳофизе гила кард:

– Мухлисон бемаданият шудаанд. Се– чор суруд нахонда толорро тарк карда баромаданд.

Афандӣ шарҳ дод:

– Бечораҳо, аз овози шумо хунук хурдаанд– а!

* * *

Самбӯсапаз шикоят кард:

– Танӯрро аз нав сохтам, мизу курсиҳоро дигар кардам, корҷомаи нав пӯшидам, вале мизоҷ нест.

Афандӣ:

– Нафсро дигар накардед– а!

* * *

Се донишҷӯ сӯҳбат доранд. Донишҷӯи аввал:

– Гулҷаҳон дар чӣ мехонам гуфт?

Донишҷӯи дуввум:
– Дар забон гуфт.
– Донишҷӯи саввум:
– Не, дар филология гуфт.
Донишҷӯи аввал:
– Ба фикрам, не дар забону не дар филология, балки дар адабиёт.

* * *

Шахсе, ки хондану навиштан наметавонист, бо дастгирии хешовандонаш раиси хоҷагии деҳқонӣ интихоб гардид. Ӯ ҳамаро бовар кунонданӣ шуда гуфт:
– Ба ман ҳама чиз мерасад, ки хоҷагиро роҳбарӣ кунам.
Афандӣ, ки он ҷо иштирок дошт, аз ҷой хеста гуфт:
– Ба шумо як чиз намерасад.
– Чӣ? – Фаҳмидан хост раиси навинтихобшуда.
– Китоби «Алифбо».

* * *

Ронанда ҳуҷҷатҳояшро ба нозири роҳ пешниҳод кард. Нозир ҳуҷҷатҳоро бенигоҳ баргардонда пурсид:
– Ҳаёту мамоти инсон чист?
– Пул! – ҳозирҷавобӣ кард Афандӣ.
– Пас ҳаёту мамотро барор!

* * *

Нозири роҳ ронандаро нигоҳ дошт. Ронанда ба ҷои ҳуҷҷат ба дасти ӯ панҷ сомонӣ часпонд. Нозир пулро ба ҷайб хаста ғур– ғур кард:
– Садриддин Айниро рӯйи дастон мебардоранду Бобоҷон Ғафуровро фаромӯш мекунанд. О, вай ҳам қаҳрамон…

* * *

Зани Афандӣ гуфт:
– Мардакҷон, ман, акнун, фаҳмидам, ки писарамон ин қадар овози баланд доштааст. Дидӣ, чунон наъра зад, ки хаёлам аз микрофон баромад. Агар ӯро тарбия кунем, оянда ҳофизи овозадоре хоҳад шуд.

Афандӣ:

– Э, занаки содда, он мори панҷметрае, ки писари бечораи мо дид, агар ту медидӣ, аз наъраат моли деҳа дарҳои оғилро шикаста ба ҷангал мегурехт.

* * *

Устоди беҳунар ба Афандӣ шикоят кард:

– Синфро идора карда намешавад, чунки то занги танаффус дар синф ғалоғулаю шӯру мағал ҳукмфармост, худи бозор барин.

Афандӣ:

– Хубаш мактабро монда бозоршин шавед!

* * *

Афандӣ аз хоб бедор шуда ҳис кард, ки дуздон ба хонааш даромадаанд.

– Чӣ мекобед? – нимхез шуда пурсид ӯ.

– Табар, – мазоҳкунон ҷавоб доданд онҳо.

– Табар ҳасту… лекин хунолуд.

– Хунолуд? Чӣ хел хунолуд? – тааҷҷубкунон аз кофтан бозистода пурсиданд дуздон аз Афандӣ.

– Пеш аз шумо дузде хонаамро кофт, сарашро кафондам.

Дуздон гурехтанд.

* * *

Зани Афандӣ ҳеҷ гоҳ рӯйи ҳавлӣ намебаромад. Ҳамсоя хаёл мекунад, ки ӯ соҳибҷамоли даврон аст ва барои ҳамин Афандӣ ҳарамиаш гардондааст. Рафта– рафта ҳамсоя дар хаёли зан меафтад ва ғоибона ошиқи ӯ мешавад. Рӯзе ба Афандӣ мегӯяд:

– Афандиҷон, чӣ мешавад, ки қоидаҳои шариатро ба ҷой оварда заналиш кунем?

Афандӣ, ки зани зебои ҳамсояро дидаю гоҳ– гоҳ чашмакӣ ҳам мезад, зуд ризо мешавад. Ҳамин тавр, Афандӣ зани ҳамсояро соҳиб гардиду ҳамсоя зани Афандиро.

Вале дар рӯзи дигар ҳамсоя зани Афандиро оварда ба дасташ супурд ва гуфт:

– Ҳардуяш ба ту насиб кунад!

Зани Афандӣ нобино буд ва барои ҳамин берун наме-

баромад.

* * *

Ҷаллодро аз вазифааш маҳрум гардонданд. Аввал таъриф кард, ки «Анна, бо ҳамин шамшеру бо ҳамин дастон сари наваду нӯҳ одамро аз тан ҷудо кардам» ва баъд оҳи ҳасрат кашид, ки «афсӯс, намонданд, ки сари садумашро ҳам мегирифтам».

Афандӣ гуфт:

– Саросема нашавед, чунки шумо барин ҷаллоди зӯру тавоноро бесабаб аз кор сабукдӯш накардаанд, эҳтимол меравад, ки садумаш худи шумо шавед.

Ҷаллод ба ваҳм афтод ва баъди се рӯз девона шуд

* * *

Бадхоҳон раиси хоҷагиро танқид мекарданд, ки гови чанбаршохаш рӯзи дароз дар пахтазор чаро дорад. Сардори бригада раисро пуштибонӣ карда мегуфт:

– Фаҳмида гиред, ки гови раисамон бо шохҳои бузургаш дигар молҳоро аз пахтазор зада пеш мекунад. Агар вай набошад, вой бар ҳоли пахтазор!

Дар ҷамъомади навбатӣ ҳам раисро танқидкунон сархам карданд. Ҳарчанд раис бо умед ба сардори бригада нигарист, аммо вай аз чи бошад, ки қавоқ андохта сархам меистоду садое намебаровард. Одамон ҳам дар тааҷҷуб монданд, ки муҷиби ин ҳол чист?

Афандӣ аз ҷой хеста ба вазъият рӯшанӣ андохт:

– Шаби гузашта, баъди занозанӣ дар пахтазор чамбаршохи раис гови бригадирамонро зада ҳароммурд кардааст.

* * *

Зани Афандӣ афсус хӯрд:

– Ба меҳмонон хӯрок пӯхтам, вале чунон шӯр баромад, ки чашидан замон як соат сулфиданд. Аз шарм замин накафид, ки дароям.

Афандӣ бепарвоёна:

– Хайрият, набудаму нахӯрдам.

* * *

Писари Афандӣ дар Россия мардикорӣ мекард. Модари латтапарасташ пулҳои фиристодаашро фақат ба хариди либосу пӯшока сарф мекард. Афандӣ занашро коҳиш

дод:

– Одамон мошин мехаранд, хонаю дар месозанд, ободӣ мекунанд, ту бошӣ латта– путаи бозорро харида ба хона мекашонӣ. Мегум ба касалии латта гирифтор нашуда бошӣ?

Зани Афандӣ:

– Ҳамаи моро ҳини таваллуд бо латта печонида гирифта буданд…

* * *

Афандӣ камбағал буд ва бад-ин сабаб духтараш ба шавҳар баромада наметавонист. Аммо духтар пояшро ба пойи дигарон дароз карда аз падар гӯшвори тилло хост. Падар, ки бо азоб як пора нони дастархонашро пайдо мекард, баҳонаҷӯйӣ кард:

– Духтарам, агар ман ба ту гӯшвори тилло харам, duздон хаёл мекунанд, ки кӯзаи тилло дорам ва он гоҳ шабона ба хонаам медароянд.

Духтар шодӣ кард:

– Ин боз хубтар! Дузди боақл тилло, ки наёфт, маро ба ҷои кӯзаи тилло мебарад.

* * *

Афандӣ аз носфурӯшӣ баргашта намояндаи баркро дид, ки пули барқ мегундошт. Афандӣ, ки пули майда надошт, ба ҷои ҳафт сомонӣ як даҳсомонӣ дароз кард ва мунтазир шуд, ки бақияи маблағашро мегирад. Вале баркчӣ гуфт:

– Се сомониат барои носпулӣ Афандиамак.

Афандӣ чун ҳис кард, ки пулаш аз даст меравад, гуфт:

– Ин тавр бошад, нос дар ман, пулро бегона макун.

Баркчӣ даҳсомонии Афандиро ба ҷайб андохта чуқуртар тела доду сето яксомонӣ бароварда дароз кард. Афандӣ барои овардани нос як дарун даромаду баъд бо дасти холӣ баргашта гуфт:

– Нос тамом шуда будааст.

– Пас пуламро баргардонед, – хоҳиш кард барқчӣ.

– Ҳеҷ гап не, бародар, аз ман носпулӣ барои шумо буд, аз шумо барқпулӣ барои ман шуд, сахтӣ накунед– а…

* * *

Муаллим ба падари хонанда шикоят кард:

– Ман борҳо ба шумо гуфтам, ки писаратон бероҳа шудааст, вале шумо ягон чора намебинед.

Падари хонанда:

– Хайр, бачагӣ бе ин намешавад, шумо ҳам барои ин хел корҳои майда-чӯйда зиқ шуда асабатонро хароб накунед– а, муаллим.

Афандӣ, ки он ҷо ҳозир буд, ба муаллим рӯй оварда гуфт:

– Хубаш шумо, муаллим, дафъаи дигар баъди ба ҳабсхона рафтани писарашон омада гап занед.

* * *

Афандӣ бо одамони бад ошно гардиду папироскаш шуд. Занаш ӯро коҳиш дод, ки ин ба саломатӣ зиён дорад.

Афандӣ гуфт:

– Зиёни папироскаширо медонам. Лекин арақнӯшӣ аз папироскашӣ сар мешавад– а, хафтаи оянда, ки ба арақ гузаштам, папироскаширо мепартоям.

* * *

Афандии камбағал писарашро зан дода натавонист. Шаби ид дар масҷиди пуродам даромада аз ҳозирин хайру садақа хост. Аммо касе ба гапаш гӯш надод. Гуфт:

– Ҳоло мебинед, ки чи тавр наздам ба зону зада тавба мекунед.

Ҳамагон хандиданд.

Афандӣ масҷидро тарк гуфта баромад. Ногоҳ печкаи пуралови масҷид чунон садоҳои қарсоқарс баровард, ки хаёли ҳама ки ана ҳозир боми масҷид ба сарашон фурӯ меравад. Ҳама берун давиданд

Нафаре шунаво гуфт:

– Эй мардум, валлоҳ ин Афандӣ назаркардаи худост. Мо нафаҳмида ӯро ранҷондем. Агар барои зангирии писараш пул ҷамъ накунем, ҳамин шаб баъди масҷид хонаи ҳамаи мо дармегирад.

Баъди ин як ғарам пул ҷамъ карданду нафаре фиристода Афандиро ба масҷид оварданд. Ва ғарами пулро дароз карда ҳама пеши пойи ӯ сар хам намуда гуфтанд:

– Мо, акнун, фаҳмидем, ки шумо – Афандӣ, авлиёед.

Афандӣ:

Авлиё ман не, балки як қуттӣ хлоппушкаи ба печкаи пуралов партофтаам аст.

* * *

Одамон бойи деҳаро ба маҳкама кашиданӣ шуданд, ки ӯ дар хонааш саги бисёрро нигоҳ медораду аз кӯча гузаштан хавфнок аст. Бой аз Афандӣ, ки ошноӣ доштанд, хоҳиш кард, ки ӯро аз вазъият барорад.

Афандӣ ба мардум рӯй овард:

– Як инсоф кунед, мардум, бойамак дар ҳавлиаш бегонаро не, балки ҳамҷинсони худро нигоҳ медорад. Магар ба ин ҳақ надорад?

* * *

Барои раисшавӣ ба хоҷагии деҳқонӣ панҷ довталаб пайдо шуд, ки байни онҳо Афандӣ ҳам буд. Афандӣ чунин таклиф гузошт:

– Ҳозир санҷидан лозим, ки кадоме аз моён хуб хондану навиштану ҳисоб карданро метавонем ва ана баъд одилона ба тарафдории ҳамон шахс овоз диҳед.

Санҷиданд: аз панҷ нафар фақат Афандӣ, ки маълумоти олӣ дошт, хондану навиштану ҳисоб карданро тавонисту халос. Вале мардум ба тарафдории касе овоз доданд, ки номашро навишта наметавонист. Алами Афандӣ омаду эътироз кард. Нафаре бархоста гуфт:

– Ба саводнокии худ ғарра машав, Афандиамак, дар ин замона хондану навиштану ҳисоб кардан вазифаи одам не, балки вазифаи пул аст.

* * *

Афандӣ дар роҳ бо маблағи калон мерафт. Ногоҳ ба гурӯҳи роҳзанҳо дучор омад. Дар ҳоле, ки аз ҷонаш даст мешуст, ҳилларо кор фармуданӣ шуда гуфт:

– Агар ҳозир ҳаққи маро надиҳед, сари ҳамаатон аз тан ҷудо карда мешавад.

Сардори роҳзанҳо гуфт:

– Девонаро ба ҳоли худаш гузоред.

* * *

Афандӣ духтури ҷарроҳ буд. Боре марди хасисеро ҷарроҳӣ кард. Чун одати ҳамешагӣ баъди шифоёбӣ ҳаққи хизмат талабид. Хасис «надорам» гӯён аз додани пул саркашӣ кард. Он гоҳ Афандӣ нохост чизеро ба ёд оварда, дудаста сарашро дошту афсусхӯрон: – «Оҳ, нав ба ёдам омад, кори асосиро фаромӯш кардам, чӣ тавр шуд– а...» гӯён гирди худ чарх задан гирифт. Хасис ҳарчанд: «духтурҷон, чиро фаромӯш кардед?», – гӯён пурсад, вале вай ҳамоно сарашро дудаста дошта, чарх мезаду «чӣ тавр фаромӯш кардам– а, акнун, дер шуд», мегуфт.

Хасис ба ваҳм афтод, ки Афандӣ вақти ҷарроҳӣ чизеро дар даруни шикамаш фаромӯш кардааст, мабодо– ку вай қайчӣ набошад? Аз ин лиҳоз зуд аз ҷайб маблағи ҷарроҳиро бароварда ба Афандӣ дароз кард ва хоҳиш намуд, ки тезтар воқеаи корро гӯяд.

Афандӣ пулро як–як шумурда ба ҷайб андохту хотирҷамъона гуфт:

– Пеш аз оғози ҷарроҳӣ «бисмиллоҳ» нагуфта будам.

* * *

Баъди ҷанги шаҳрвандӣ Афандиро мудири фермаи чорводорӣ таъин карданд. Ӯ дусад гови ҷӯшоро ба дусад хонаводаи деҳа бепул тақсим карда дод. Ҳангоми санҷиш камомад ошкор гардид. Афандӣ ба ҳақиқати ҳол иқрор шуд.

– Худатро Ҳотами Той нишон додан хостӣ– а? – пурсид ревизор.

– Ҳотами Той барои худаш ном гуфтааст, – иброз дошт Афандӣ. – Маро виҷдонам ором нагузошт. Охир, ин чӣ хел мешавад, ки дусад хонаводаи деҳа бе молу як худи ман соҳиби дусад гови ҷӯшо бошам. Инсоф даркор– да, баробарию бародарӣ гуфтаанд.

* * *

Афандӣ бо калони маҳалла ба хонаи зебосанаме хостгорӣ рафт. Аммо маълум гардид, ки волидайн духтарашонро ба одами доро доданианд. Барои ҳамин бо оҳанги

навмедӣ гуфт:

– Ба ман зани зебою оқилае даркор буд, ки ҳамаи сандуқҳои пулу молу тилловорӣ, зарфҳои асалу равған, селаи мурғони тухмзой, рамаи молу говамро саришта карда тавонад. Дар хона ду хизматгор дорам, ки ҳама корро ӯҳда мекунанд. Аммо мебинам, ки шумо домоди аз ман бою бадавлатро орзу доштаед, хайр ихтиёратон.

Аз дарун овози зебосанам шунида шуд:

– Очаҷон, Афандӣ бадавлат будааст, ман розӣ!

Баъди се рӯзи хонадоршавӣ Афандӣ пагоҳӣ назди арӯси зебояш, ки ҳоло аз таги чодир набаромада буд, даромада пешаш косаи об гузошт.

– Ин барои-чӣ? – пурсид соҳибҷамол.

Афандӣ:

– Ман досу банд гирифта хорзанӣ меравам. Агар гушна мондию аз хона пораи нони қоқе ёфта тавонистӣ, ба об тар карда хӯр.

* * *

Шабҳо палаки тарбузи Афандиро дузд мезад. Ба писари ҳамсояаш Қобилҷон шиква кард.

– Даруни палак чоҳ кан, ҷояшро ман донам. Шабона дузд даруни он меафтад ва он гоҳ дукаса ӯро дошта ба дасти милиса месупорем.

Шабе дузд ба палак даромад. Афандӣ бо санг дуздро чунон зад, ки вай ҷонкоҳона «воҳ зонуям шикаст!» гуфт. Ва баъди ин пайи қадами дузд канда шуд. Афандӣ баъди чанд рӯз Қобилҷони дар рӯи ҳавлӣ лангида роҳ гашта истодаро дида, воқеаро нақл кард. Қобилҷон бедимоғона гуфт:

– Даруни палак чоҳ канда ба ман нишон деҳ гуфтам, Афандиамак, бо ин роҳ дузди лаънатӣ аз дуздиаш намемонад.

Боз даромадани дузд сар шуд. Шабона Афандӣ санги вазнинеро адл карда чунон зад, ки дузд аз зӯрии дард «воҳ саракам» гуфт. Ва баъди ин дуздӣ бас шуд.

Рӯзи дигар Афандӣ ба Қобилҷон, ки сари баста рӯ– рӯи ҳавлӣ мегашт, воқеаро нақл кард.

– Афандиамак, ман ба шумо чӣ маслиҳат додаму шумо чӣ кор карда истодаед? – дасти норизоӣ афшонд Қобилҷон ва таъкид кард: – То даруни палак чоҳ наканӣ дузд омадан мегирад.

Афандӣ даруни палак нею дар роҳи борике, ки дузд бо он медаромад, чоҳи чуқуре канд, аммо ба Қобилҷон нишон доданро фаромӯш кард. Ва шабе овози доду войи баланде ӯро аз хоби ширин зада бедор кард. Афандӣ зуд ба сари чоҳ тохт. Аз даруни чоҳ нолише ба гӯш мерасид. Афандӣ шодӣ кард:

– Э, умри ҳазорсола бинад, Қобилҷон. Бо маслиҳати ӯ амал карда дуздро ба чоҳ афтондам. Ҳозир рафта ӯро аз хобаш бедор мекунаму ана баъд дукаса ба сари милиса медавем.

Овози нолишомези даруни чоҳ Афандиро аз роҳ гардонд, ки чунин ба гӯш мерасид:

– Ман худам, Қобилҷон, метавонӣ ба сари милиса наравӣ. . . Охир, ман чоҳро даруни палак кан гуфта будам, на дар роҳи даромад, Афандамак.

* * *

Афандӣ духтури рӯҳшинос буд. Рӯзе ба наздаш марде даромада рӯирост иқрор гардид, ки ӯ дузди гузарост ва то имрӯз касе ва ё чизе пеши роҳашро гирифта натавониста буд. Аммо шабҳои як моҳи охир чунин хобҳои даҳшатнок мебинад: гову хару аспу дигар молҳои буздиаш ӯро пеш карда, то роҳи калон мебаранд. Дар роҳ мошини камазе ӯро зер карданӣ мешавад ва ана дар ҳамин ҳолат додгӯён аз хоб бедор мегардад. Чун бедор мешавад, тамоми аъзои баданаш меларзад, дар обу арақ тар мешавад, ки гӯё навакак аз даруни об баромада бошад.

– Агар имшаб ҳам дар хобам мошини камаз маро зер карданӣ шавад, талхакаф шуда мурданам мумкин, – ҳасрат кашид дузд.

Афандӣ баъди андеша посух дод:

– Акнун, воқеаи мошинзеркунӣ дигар дар хобатон рух намедиҳад.

– Тамоман? – хушҳол гардид дузд.

Афандӣ:

– Бале, акнун он рӯзона рух медиҳад.

* * *

Зани Афандӣ эркагиро аз ҳад мегузаронд:

– Ту ба ман эътибор намедодагӣ шудай: сухани хуш намегӯӣ, бе тӯҳфа ба хона меоӣ, ба тамошои шаҳр

намебарӣ. Агар ба ягон раис мерасидам, ин хел беқадр намешудам. Афсӯс ки падарам маро бо ҳамин ҳавлию дар ба туи бехонаи дар кӯчамонда дод.

Афандӣ тасдиқ кард:

– Рост мегӯӣ, занак, маҳз ана ҳамин ҳавлию дар туро соҳиби шавҳар кард.

* * *

Афандӣ сартарош буд. Рӯзе ҷавони ҳавобаланде вориди дӯкаонаш гардида, худашро ба курсии мулоим партофта, фармон дод:

– Тез, бо тамоми санъаташ мӯйлабамро гир, мӯйи сарамро ба тартиб дарор, атр зан. Ҳой, кар, ман ба ту мегӯям, на ба девор, чаро мурда барин аз ҷоят намеҷунбӣ, ё поятро мехкӯб кардаанд?

Афандӣ ки чунин тентакҳоро бисёр дида буду медонист, ки аз онҳо як тини пучак гирифта наметавонад, аз ҷояш наҷунбида, гуфт:

– Гоҳ– гоҳ сарам вайрон мешавад ва баъд чи кор мекунам, худам ҳам пай намебарам.

– Чӣ, мегӯӣ, ки майнаи саратро таъмир кунам?

– Не, майнаи сарам ба таъмир эҳтиёҷ надорад. Гап сари ин ки ҳозир якта ту баринаш омада фармонфармоӣ кард. Сарам вайрон шуд ва ҳини ришашро гирифтан як қисми гулӯяшро буридам, навакак ӯро дар ҳолати вазнин ба шӯъбаи ҷарроҳии беморхона бурданд.

Ҷавони беадаб аз тарс дӯконро холӣ кард.

* * *

Нозири роҳ дар рӯзи аввали кораш бе ягон қоидавайронкунӣ аз Афандии ронанда маблағ ситонд.

Афандӣ:

– Аз қиёмат наметарсӣ?

Нозир:

– Алҳол не, чунки пулҳои барои вазифа додаи худамро рӯёнда истодаам.

* * *

Раиси хоҷагии деҳқонии қафомонда худро назди Афандӣ таъриф кард:

– Хушбахтам, чунки дар ҳамаи маъракаҳои мардум бологузар, гули сари сабад мебошам, камераҳо ба навор мегиранд, аввалсухани даҳони гӯяндаҳо номи мани раис. Вале инашро намедонам, ки дар ғайбам маро чӣ ном мебурда бошанд?

Афандӣ:

– Номи раиси қафомондаро гирифтаӣ, акнун раиси ташкилихӯр ном мегиранд– да.

* * *

Кори мудири анбор ба дасти танобкашҳо афтод.

– Ғаллаи хоҷагӣ куҷо шуд? – пурсид муфаттиш.

– Дуздон бурданд, – посух дод мудири анбор.

– Шоҳид кист?

– Калламуши анбор.

Афандӣ, ки он ҷо ҳозир буд, ба муфаттиш чашмакӣ зада, ҳозирҷавобӣ кард:

– Калламуши дуюм гӯед.

* * *

Говҷаллоб гови Афандиро 1300 сомонӣ харида, дар пеши чашми ӯ ба каси дигар 1500 сомонӣ фурӯхт. Алами Афандӣ дуд кард, аммо сир бой надод. Болои сӯхта намакоб говҷаллоб ба беҳунарии Афандӣ хандида «хуб аҳмақат кардам– а, тоби корро тавонистан даркор» гуфт.

Афандӣ барои озмуд гуфт:

– Ана, мебинӣ, агар аз қаҳри ту рафта говамро дар ду ҳазор сомонӣ харида хона набарам, номам Афандӣ набошад.

Афандӣ ҳанӯз аз бозор набаромада говҷаллоб банди гови Афандӣ дар даст пайдо шуд:

– Ана, Афандибобо, говатонро чи хеле ки гуфтед, дар ду ҳазор сомонӣ харида баред, – гуфт говҷаллоб.

Афандӣ:

– Як бор ба қавли ту «тоби корро надониста аҳмақ шудам», акнун аҳмақшавӣ ин дафъа навбати ту, баробар шавем– да!

Говҷаллоб, гӯё як сатил оби хунук аз тори сараш рехта бошанд, карахт шуд. Охир, ӯ говро аз соҳибаш бо азобе 1900 сомонӣ харида, аз Афандӣ боз 100 сомонии дигар

рӯёндании буд.

* * *

Духтур аз Афандӣ барои маслиҳати додааш бист сомонӣ талаб кард. Афандӣ:

– Инсофро фаромӯш накунед– а, духтурҷон, барои се–чор даҳон гап бист сомони– а?

Духтур чизе нагуфт, вале Афандӣ дид, ки ӯ оби чашм равонда ба гиря даромад. Дар ҳайрат афтод ва сабаб пурсид.

Духтур:

– Имрӯз ҳеҷ даромад нашуд, занам ба хона роҳ намедиҳад.

Раҳми Афандӣ омад ва бист сомонӣ дароз кард. Духтур ҳанӯз пулро ба ҷайб наандохта дид, ки Афандӣ низ ба гиря даромад, ҳатто чунон ҳунгос зад, ки духтур тарсид.

– Чаро оби дида мерезед? – суол кард духтур.

Афандӣ фух кашида бо рӯймолча оби чашму биниашро тозакунон гуфт:

– Ҳоли ту аз ман дида беҳтар будааст. Маро занам се рӯз боз барои дасти холӣ ба хона рафтанам роҳ намедиҳад, дарвоза аз дарун занҷирбанд.

Духтур бовар карда «аҳволи шумо вазнинтар будааст» гӯён ба болои бист сомонӣ боз даҳ сомонии дигар зам карда, ба ӯ дароз намуд.

* * *

Афандӣ милиса шуд. Дар рӯзи аввал чун бо либоси низомӣ ба хона даромад, зану фарзандон аз ғояти хурсандӣ қарсак заданд. Зан таппончаи дар ғилоф овезони шавҳарашро ба фарзандон намоишкорона нишон дода, эълон кард:

– Ана, шикамсеркунаки шумо ҳам пайдо шуд!

* * *

Хазинадори баднафси корхона ҳини маоши коргаронро ҳисобӣ кардан ба муфтхӯрӣ роҳ дод. Худро касал вонамуд сохта нолиш мекард. Коргарон, хусусан, занон ӯро дуои бад мекарданд. Афандӣ ҳамаи онҳоро ором карда гуфт:

– Раҳм кунед, хазинадорамон касал, барои кафанӣ пул ҷамъ дорад.

Баъди ин хазинадор лақаби Кафанӣ гирифт.

* * *

Афандиро дар чорроҳаи сердаромад нозири роҳ таъин карданд. Баъди як ҳафта сардор ӯро наздиш хонда:

– Ҷамъкардагиҳоятро супор, – гуфт.

– Ҳафтаи оянда, – дилпур кард сардорро Афандӣ.

Вале на дар ҳафтаи дуюму на дар ҳафтаи сеюм ҳам Афандӣ маблағе надода «моҳона месупорам» гуфт.

Дар моҳи дуюм рӯзномаю маҷаллаҳо, радиою телевизион ному насаби сардорро гирифта то ба осмон бардошта таъриф карданд, ки ӯ ба хонаи ятимон ин қадар сомонӣ, ба хонаи пиронсолон он қадар сомонӣ, ба хонаи маъюбон ин қадар сомонӣ, ба хонаи кӯдакон он қадар сомонӣ маблағи хайрия супурдааст. Ва номи сардор вирди забонҳо гашт, ҳатто худи хӯҷаини болоӣ ӯро занг зада «қанд зан, сарамонро бардоштӣ» гуфтанд, вале нармакак таъкид карданд, ки «болоро фаромӯш накун».

Сардор пай бурд, ки ин ҳама кори Афандист. Аз таърифҳо шод буд, ки ӯ то худи пойтахт ҳамчун ҷомеапарвар шинохта гардид, вале ғамгин аз он буд, ки Афандӣ кисаи ӯро холӣ монда истодааст, дигар ин ки ғами кисаи хӯҷаини болои болоро ҳам хӯрдан лозим.

Ба ҳар ҳол барои он ки на сих сӯзаду на кабоб Афандиро аз ҷои сердаромад ба ҷои камдаромад гузаронданд.

* * *

Афандиро мудири фермаи қафомонда таъин карданд. Баъди як соли кор маълум гардид, ки ягон сар чорворо талаф нададааст. Аз ин ҳама дар ҳайрат афтоданд: фермае, ки ҳар сол як қисми чорвоашро талаф медод, чӣ гуна имсол ягон сар чорво талаф надод? Бовар кардан душвор буд.

Дар нишасти матбуотӣ журналистон аз Афандӣ пурсиданд, ки «шумо аз кадом қоидаҳои тиббии солим нигоҳ доштани чорво истифода бурдед?», «шумо аз кадом усулҳои беҳтарини хӯрокдиҳии чорво истифода намудед?», «шояд таъмини ҳолати экологӣ ба талаф наёфтани чорво мусоидат кард?» ва ғайраҳо.

Афандӣ посух дод:

– Нафсро нигоҳ дошта, корд тез накардам.

* * *

Афандӣ деҳқони иҷоракор буд. Ҳамин ки ҳосили сабзавоти полезӣ пухта расид, одамони фиристодаи хӯҷаинҳо қатор шуд: якеаш аз андоз, дигараш аз милиса, якеаш аз омор, дигараш аз кумитаи муҳити зист, кумитаи замин. . . Гапи ҳамаашон як: «раис тӯй доранд».

Афандӣ назди чунин ашхоси муштзӯр оҷиз мемонд. Оқибат ҳосили бо заҳмат парваридааш ба коми наҳангон рафту худаш фоида надид. Аз алам сари замини иҷорааш ба ҷои шиор чунин навиштаҷотро часпонд: «Афандӣ мотам дорад».

* * *

Ҳамсояи Афандӣ бахил буд: Афандӣ хона созад, хона месохт, хар харад, хар мехарид, ба саёҳат равад, ба саёҳат мерафт.

Ин дафъа Афандӣ мошин хариду ӯ низ ба ҳавлиаш мошин даровард. Аммо бо ҳукми тақдир Афандӣ дар роҳ бо мошинаш ҷавонеро зер карда захмӣ намуд. ҳамсояи бахилаш инро шунида якбора марди пиреро зер кард.

– Чаро шумо дидаю дониста мошинро болои одами солхӯрда рондед? – пурсиданд аз ӯ дар сари суд.

– Ман нишон додам, ки агар Афандӣ одами сисоларо бо мошинаш зада захмӣ карда метавониста бошад, ман одами ҳафтодсоларо зада ба он дунё гусел карда метавонам, – ҳавобаландона посух додааст ҳамсояи бахили Афандӣ.

## МУНДАРИЧА

Қиссаи Ких.........................................................3
Муҳоҷират.........................................................13
Кина ва ашк.......................................................26
Камбағалӣ.........................................................42
Яккаву ягона фарзанд.........................................51
Шери саҳро........................................................57
Бе забон ...........................................................59
Ҳисоб ...............................................................60
Ҳазор– ҳазор .....................................................61
Зор монад..........................................................62
Муҳимаш бо мост..............................................63
Қаламча ............................................................64
Зӯри деҳа ..........................................................66
Телевизор .........................................................66
Бо як тир ду нишон...........................................67
Арз.....................................................................68
Рауфҷон ............................................................70
Банд...................................................................71
Аз борон гурехта ..............................................72
Принсипи кор....................................................73
Жданг– данг ......................................................75
Усули роҳбарӣ ..................................................76
Давои қурут.......................................................78
Ҳашар ...............................................................79
Орди синка........................................................80
Телефони боварӣ ..............................................81
Дидбонгоҳ ........................................................82
Бобои Рӯдакӣ ....................................................83
Фукҷунбонӣ ҳам навбат дорад .........................93
Кандагир............................................................97
Паҳлавонбача....................................................102
Дузд..................................................................105
Дар таваллудхона ............................................106
Кармелита меояд .............................................116
Мулоқоти воқеӣ................................................125
Латифаҳо .........................................................127

**Саидаҳмади Ҳасан**

**ҚИССАИ КИХ**

*(қисса ва ҳикояҳои ҳаҷвӣ).*

Муҳаррири ороиш Орзу Раҳмонӣ
Муҳаррири саҳифабандӣ Меҳрӣ Саидова

Ба матбаа 07.01.2011 супорида шуд.
Чопаш 21.01.2011 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16
Ҷузъи чопӣ 9,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Суроғаи чопхона ?????????